# 76 ГУНОҲИ КАБИРА



Имом Заҳабӣ

Издательская группа САД

بسم الله الرحمن الرحيم

**Тарҷума аз арабӣ ба туркӣ**
Мустафо Касадар

**Тарҷума аз туркӣ**
Салавот Муталов

**Тарҷума аз русї**
Аъламиён Махдуми Абдусаттор

**Масъули тањрир**
Ќосимов Аловуддин

**Тарҷума аз асл:**
BUYUK GUNAHLAR – Imom Zehebi –Istanbul 2001

76 гуноҳи кабира
Тарҷума аз русӣ М: ООО «**Гурӯҳи нашриёти САД».**

Имом Заҳабӣ дар китобаш «Гуноҳони кабира» ба оёти муқаддас ва аҳодиси набавӣ такя намуда, ҳафтоду шаш гуноҳи кабираро ба қалам медиҳад. Муаллифи нашри туркии китоб ишора бар он мекунад, ки хонаҳои нашриётии гуногун дар истинод ба якдигар, то имрӯз, чандин бор китоби «Гуноҳҳои кабира» -ро дар асоси маълумоту нақлҳои дурӯғ нашр кардаанд. Аммо ӯ имрӯз тарҷумаи саҳеҳи матни аслии китоби Ҳофиз Заҳабиро ба хонандагон пешкаш менамояд.

Ба доираи васеи хонандагон тавсия мешавад.

Ҳамаи ҳуқуқҳо маҳфузанд.

**Гурӯҳи нашриёти «САД»**

**Имом Заҳабӣ**

# 76
# ГУНОҲИ
# КАБИРА

*нашри аввал*

## МУНДАРИЧА

Пешгуфтори муаллиф ........................................ 9
1. Ширк овардан ба Худои Таъоло .............................. 13
2. Куштори одам ................................................ 15
3. Сеҳру ҷоду ..................................................... 19
4. Беэътиноӣ ба намоз ........................................... 25
5. Гарданкашӣ аз додани закот ................................ 28
6. Саркашӣ аз амри падару модар .............................. 31
7. Судхӯрӣ ......................................................... 36
8. Хиёнат бар моли ятим ......................................... 39
9. Нисбат додани дурӯғ ба Пайғамбар ﷺ
(Бофтани ҳадисҳо ................................................ 41
10. Рӯза надоштан дар моҳи шарифи Рамазон, бесабаб..... 43
11. Фирор аз майдони ҷанг ...................................... 45
12. Зино ............................................................ 46
13. Идора намудани давлат бо роҳи зулму фиреб............ 49
14. Нӯшидани хамр................................................ 56
15. Худписандӣ, такаббур, ғурур ............................... 58
16. Шаҳодати дурӯғ ............................................... 63
17. Ливота (њамљинсбозї.......................................... 66
18. Тӯҳмат ба зани покдоман.................................... 68
19. Истифодаи ғайриқонунии ғанимат, моликияти мардум (байтулмол), садақа ............................................ 70

20. Азхуд намудани моли бегона....................................74
21. Дуздӣ..............................................................................78
22. Роҳзанӣ ..........................................................................80
23. Қасами дурӯғ..................................................................81
24. Дурӯғгӯӣ ........................................................................84
25. Худкушӣ .........................................................................87
26. Беадолатӣ дар қазовати судӣ ........................................89
27. Роҳ додан ба бадахлоқии зан, духтар ва ғ ..................92
28. Худро монанд кардани зан ба мард ва мард ба зан ....94
29. Никоҳи хулла .................................................................96
30. Дар хӯрок истифода кардани хун, гӯшти моли худмурда ва хук...........................................................................97
31. Беаҳамиятӣ нисбати пешоб ..........................................99
32. Андозчини беадолат.....................................................100
33. Мунофиқӣ.....................................................................102
34. Хиёнаткорӣ...................................................................105
35. Касб кардан ва ё пинњон доштани дониш аз барои манфияти дунёӣ...........................................................106
36. Садақаи боминнат .......................................................110
37. Инкори тақдир ............................................................111
38. Ошкор кардани сирри дигарон..................................116
39. Лаънат кардан ..............................................................117
40. Итоат накардани амр ..................................................119
41. Бовар кардан ба ҳарфи фолбин..................................122
42. Итоат накардани зан шавҳарро..................................124
43. Қатъи силаи раҳм (алоқаро аз хешовандон буридан..126
44. Сурати ҷондорро кашидан..........................................139
45. Ғайбат............................................................................131
46. Бо садои баланд дар болои мурда гиря кардан.....133
47. Бадгӯӣ дар авлоди одам...............................................135
48. Ситам кардан ва ранҷонидан......................................136

49. Бар мӯъмин бардоштани яроқ ва айбдор
кардани он ба куфр........................................................140
50. Зарар расондан ва таҳқири мусулмон......................143
51. Зарар расондан ба муттақиён.................................148
52. Либосро дароз кардан барои намоиш ...................149
53. Дарбар кардани мардон либосҳои шоҳӣ ва
чизҳои тиллоиро...........................................................153
54. Гурехтани ғулом .....................................................155
55. Куштани ҳайвон на аз баҳри Худо..........................157
56. Тағйир додани аломати ҳудуди замини хона.........159
57. Таҳқири асҳоб (разийаллоҳу анҳум ........................160
58. Таҳқири ансор (разийаллоҳу анҳум.........................163
59. Даъват ба чизи ҳаром ва гӯноҳ..................................164
60. Ба сар ниқоб кашидан ва хол куфтан.......................165
61. Таҳдиди мусулмон бо яроқ .......................................166
62. Падар хондани касе к-у падар нест...........................167
63. Пешгӯӣ кардани бадӣ...................................................169
64. Истифодаи зарфҳои тиллоӣ ва нуқрагин................170
65. Муҷодала(шарт...........................................................171
66. Ахта ва зулму ситам кардани ғулом..........................174
67. Аз тарозу камкунандагони харидор..........................176
68. Боварӣ ба эмин будани худ аз уқубати Аллоҳ Таоло..177
69. Ноумед будан аз Аллоҳ Таоло ...................................178
70. Ношукрии неъмат кардан ..........................................179
71. Надодани об ба мардум дар ҳолати зиёд доштани он..180
72. Тамғазанӣ ба чорво.......................................................182
73. Бозии қимор...................................................................183
74. Гуноҳ кардан дар Масҷиди Ҳаром ............................185
75. Даст кашидан аз намози бо ҷамоат ва гузоштани
он дар танҳоӣ .................................................................187

76. Таҷассус бар мусулмонон ва ошкор намудани сирри онҳо ........ 189
Аъмоле, ки ба гуноҳҳои кабира мансуб донистан равост ........ 190

# ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ

بِسْمِ اللّٰهِ الرَّحْمَـٰنِ الرَّحِيمِ

Худоё, корҳои моро бароварда гардон ва моро мадад намо!

Шайх, Имом, Ҳофиз Шамсуддин Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Усмон аз -Заҳабӣ (раҳматуллоҳи алайҳи) мегӯяд: «Ҳамду сано мар Худоеро, ки ба мо имон ато фармуд! Шукри он Худо, ки ба мо Китоб, Пайғамбар, Малоика ва сарнавишти нек арзонӣ дошт! Салавоти Худо бар Муҳаммад ﷺ ва хонадону пайвандони ӯ! Худо Моро дар Рӯзи қиёмат ҳамроҳи онон маҳшур бигардонад!».

Мо боварӣ дорем китобе, ки гуноҳҳои кабираро чунин нишон медиҳад ба хонандагон манфиатовар хоҳад буд. Дуо мекунем, Худо моро таҳти раҳматаш қарор бидиҳад ва аз содир кардани гуноҳҳо боз дорад.

Аллоҳ Таоло дар Қуръони Азимушшаън мефармояд: **«Агар шумо аз гуноҳҳони кабира, ки аз онҳо наҳй карда шудаед, канора ҷӯед, аз шумо**

**гуноҳҳони сағираатонро нобуд месозем ва шуморо ба маҳалли гиромӣ дар меорем»** (ан-Нисо, 31). Дар ин оят Худои Мутаол ҳар касеро, ки аз гуноҳи кабира канораҷӯӣ мекунад, ҷаннати ҷовидон ваъда мекунад.

Аллоҳ Таоло ҳамчунин мефармояд:

**«Ва барои онон , ки аз гуноҳони кабира ва беҳаёиҳо парҳез мекунанд; ва чун онҳо ба хашм меоянд, меомурзанд»** (аш-Шӯро, 37);

**«Ононеро аз гуноҳони кабира ва беҳаёиҳо-ҷуз гуноҳони сағира - парҳезгорӣ мекунанд. Ҳароина Парвардигори ту бисёромурзиш аст»** (ан-Наҷм, 32).

Пайғамбар ﷺ гуфтааст: «*Агар дар фосилаи намозҳои панҷвақта гуноҳи кабира содир нашуда бошад, он намозҳо сабаби мағфирати гуноҳҳои сағира мегарданд*».[1] Тибқи таҳқиқот бори гуноҳи кабира бар души худи мост. Масъалаи таъйини гуноҳҳои кабира ихтилофнок аст. Баъзе олимон адади онҳоро ҳафто муайян кардаанд ва суханҳои Пайғамбар ﷺ –ро бар он далел меоранд: «*Аз ҳафт гуноҳи марговар эҳтиёт бошед: бисёрхудоӣ, сеҳру ҷоду, куштор, хиёнати моли ятим, рибохорӣ, фирор аз майдони ҷанг, тӯҳмат бар зани солиҳа*».

Ҳамчунин суханони Ибни Аббосро дар хусуси адади гуноҳҳои марговар меоранд: «Адади онҳо бояд ҳафтод бошад, на ҳафт». Ба дурустӣ ӯ ҳақиқатро гуфтааст. Адади ин гуна гуноҳҳо дар ҳадиси боло маҳдуд нест. Ҳамчунин ба гуноҳҳои кабира аъмолеро, ки ба-

1 Бухорӣ, Китоб-ут-Таҳорат,233

рои содиркардани онҳо шариат дар ин дунё ҷазо ва дар охират ғазаби Парвардигор, лаънати Пайғамбар Муҳаммад ﷺ –ро муайян кардааст,мисли одамкушӣ, дуздӣ ва зинокорӣ дохил кардан мумкин аст.

Дар навбати худ бояд гуфт, ки гуноҳҳо аз рӯи моҳияти худ метавонанд, то андозае вазнин бошанд. Ба он гуноҳҳое, ки Расули Худо ﷺ номбар кардааст, бисёрхудоӣ (ширк) низ дохил аст. Дар фарқият аз дигар гуноҳҳои кабира ширк ҳаргиз бахшида намешавад ва муҷиби то абад дар оташи дӯзах сӯхтан мебошад.

Дар Қурони Карим гуфта мешавад: **«Ба дурустӣ, Худо онро, ки барои Ӯ шарик муқаррар карда шавад, намеомӯрзад; ва ғайри он ҳар киро хоҳад, меомурзад»** (ан-Нисо, 48);

**«Ба дурустӣ, касе ки барои Худо шарик муқаррар мекунад, Худо биҳиштро барои вай ҳаром кардааст; ва ҷои ӯ дӯзах аст »** (ал-Моида, 72).

Далелҳои дар боло овардаро бояд умумият бахшид. Як рӯз Пайғамбар ﷺ ёронро бипурсид:

*«Оё намехоҳед бар шумо бигӯям, ки кадом гуноҳҳо бештар гаронтаранд? »* ва ин суханро се маротиба такрор кард. Онҳо ҷавоб доданд: «Албатта, эй Пайғамбари Худо!» он вақт ӯ бигуфт: *«Ин ширк ва саркашӣ аз фармони падару модар аст »*. Вақте ӯ ин суханҳоро мегуфт ба як тараф такязада буд, ҳангоме аз ҷояш мехест илова намуд: *«Ва низ аз дурӯғ эҳтиёт бошед»*. Ва ӯ ин суханҳоро такрор ба такрор мегуфт,

то он даме, ки мо маҷбур шудем бигуем: «Эй кошкӣ ӯ аз гуфтани ин суханҳо бозистад!»[2]. Пайғамбар (саллаллоҳу алайҳи васаллам ) дурӯғ ва саркашӣ аз фармони волидайнро ба қатори гуноҳҳои вазнин дохил кард, ҳарчанде онҳо дар радифи ҳафт гуноҳи кабира ёд нашудаанд .

2. Бухорї, Муслим.

*1 гуноҳи кабира*

## ШИРК ОВАРДАН БА ХУДОИ ТАЪОЛО

**Ширк** – ин овардани шарик ба Аллоҳ Таъоло ва парастидани он дар баробари Ӯ Таъоло, яъне Худо пиндоштани он, мебошад. Ҳар гуна предмет ё ҷондоре мисли одам, офтоб, моҳ, пайғамбар, шайх, ҷин, ситора, волӣ ва монанди инҳо метавонанд ба ҳайси худо пиндошта шаванд. Аллоҳ Таоло дар бораи ширк чунин мегӯяд:

**«Ба дурустӣ, Худо онро, ки барои Ӯ шарик муқаррар карда шавад, намеомурзад; ва ғайри он ҳар киро хаҳад, меомурзад»** (ан-Нисо, 48).

**«Ба дурустӣ касе барои Худо шарик муқаррар мекунад, Худо биҳиштро бар вай ҳаром кардааст; ва ҷои ӯ дӯзах аст»** (ал-Моида,72).

**«...Ба Худо шарик муқаррар макун! Ба дурустӣ ки ширк ситаме бузург аст»** (Луқмон,13).

Тақдири одаме, ки дигар худоёнро мепарастад ва шахсе, ки мушрик мурдааст, – оташи дӯзах мебошад.

Аммо одаме, ки ин дунёро бо имони комил дар дил тарк кардааст, ба ҳамаи он гуноҳон ва азобе, ки мебинад нигоҳ накарда, ба ҷаннат хоҳад даромад.

Аз Пайғамбар ﷺ ривоят мекунанд: «*Оё намехоҳед бидонед, ки бузургтарин гуноҳ кадом аст? Ин ширк аст!*»[3]

Дар ҳадиси дигар Пайғамбар ﷺ мефармояд: «*Аз содир кардани ҳафт гуноҳи марговар эҳтиёт бошед*» ва зимни онҳо ширкро номбар кард.[4]

Дар ҳадиси дигар Пайғамбар ﷺ мегӯяд: «*Агар мусулмон динашро дигар кунад, ӯро бикушед*».[5]

Ҳадиси дигарро Абӯ Бакри Сиддиқ ﷺ ривоят мекунад.»Рӯзе Пайғамбар ﷺ ба асҳоб гуфт: «*Оё намехоҳед бар шумо бигӯям, ки кадом гуноҳҳо бештар гаронтаранд?*» ва ин суханро се маротиба такрор кард. Онҳо гуфтанд: «Албатта эй Расули Худо!» Пас ӯ бигуфт: «*Ин ширк ва саркашиӣ аз фармони падару модар аст*», баъд аз он аз ҷой хеста, якчанд бор илова намуд: «Мо маҷбур будем, ки бигӯем: «Эй кошкӣ ӯ аз гуфтани ин суханҳо бозистад».[6]

---

3 Бухорӣ, Китоб-уш-Шаҳодат, 2654; Муслим, Китоб-ул-Имон, 87

4 Бухорӣ, Китоб-ул-Васоё, 2766.

5 Бухорӣ, Китоб-ул-Ҷиҳод, 3017; Тирмизӣ, Китоб-ул-Ҳудуд, 1458; Абӯ Довуд, Китоб-ул-Ҳудуд, 4351; ан-Насоӣ, Китобу Таҳрими-д-Дам, 7/103; Ибни Моҷа, Китоб-ул-Ҳудуд, 2535; Муснад, 1/282.

6 Бухорї, Муслим

*2 гуноҳи кабира*

## КУШТОРИ ОДАМ

Дар Қурон гуфта шудааст: **«Ва ҳар ки мӯъминеро ба қасд бикушад, пас ҷазои ӯ дӯзах аст, дар он ҷовид бошад; ва Худо бар ӯ хашм гирифтааст ва ӯро лаънат кардааст ва азоби бузург барои ӯ омода сохтааст»** (ан-Нисо, 93).

**«Ва ононанд, ки бо Худо маъбуди дигарро намепарастанд ва ҳеҷ нафсеро, ки Худо ҳаром кардааст, намекушанд – магар ба ҳақ; ва зино намекунанд; ва ҳар ки ин корро бикунад, ба уқубати душвор бармехӯрад:**

**Рӯзи қиёмат азоб барои ӯ дучанд карда шавад; ва онҷо хор шуда, ҷовид монад.**

**Магар он касе, ки тавба кард ва имон овард ва амали шоиста намуд – пас, ононанд, ки Худо бадиҳояшонро ба некиҳо бадал созад; ва худо Омурзандаи Меҳрубон аст»** (ал-Фурқон, 67-70).

**«Ва вақте, ки духтари зиндадаргӯр пурсида шавад; ба кадом гуноҳ кушта шуд?»**(ат-Таквир, 8-9).

Пайғамбари мо ﷺ гуфт: *«Аз ҳафт гуноҳи марговар бипарҳезед»* ва зимни онҳо «куштори одамро, ки Аллоҳ ҳаром кардааст, магар ба ҳақ» низ дохил намуд.

Рӯзе аз Пайғамбар (саллаллоҳу алайхи ва саллам) пурсиданд: «Гуноҳи бузургтарин кадом аст?». Ӯ гӯфт: *«Ширк овардан ба Аллоҳ, кадоме, ки туро офаридааст»*. Ёрон пурсиданд: «Пас аз он чӣ?» Пайғамбар ﷺ ҷавоб дод: «Куштори фарзанди хеш аз тарси он ки ӯ ҳамроҳи ту хӯрок мехӯрад ва ту гурусна мемонӣ». Ёрон пурсиданд: «Пас аз он чӣ?» Пайғомбар ﷺ гуфт: *«Ҷимоъ кардан бо зани ҳамсоя»*.[7]

Рӯзе Пайғамбар ﷺ гуфт: *«Агар ду мусулмон барои куштани якдигар яроқ ба даст гиранд ва яке дигареро бикушад, ҳар ду ба дӯзах мераванд»*. Ёрон бипурсиданд: «Эй Расули Худо! Амри қотил фаҳмост, лекин гуноҳи мақтул дар чист?» Ӯ чунин ҷавоб дод: «Ӯ ҳам мақсади кушторро дошт».

Пайғамбар ﷺ инчунин гуфт: *«То даме одам дар кушторе, ки Аллоҳ Таоло ҳаром кардааст, даст намезанад, дар амну амонӣ зиндагӣ дорад»*[8]

---

7 Бухорӣ, Китоб-ут-Тафсир, 4477; Муслим, Китоб-ул-Имон, 86; Тирмизӣ, Китоб-ут-Тафсир, 3181.

8 Ҳадис маҳз бо ин ривоят пурра нест. Лекин дар «Муснад» (4418) Утба ибни Ҷуҳанӣ мегӯяд: «Ман шунидам Расули Худо ﷺ гуфт: «Бандае нест, ки Худои Таоло ӯро аз дари ҷаннат бигардонад, магар он, ки ба ӯ ширк оварда ё одамкушӣ карда бошад.» Ибни Моҷа бошад, дар «Сунан» аз Утба ибни Амир чунин суханҳоро

Боре Пайғамбар ﷺ чунин гуфт: «*Баъд аз вафоти ман беимон нашавед, ҳамчунон ки гардани якдигар бибуред*».[9]

Аз Башир ибни Муҳоҷир омадааст, ки ӯ аз ибни Бурейда ва он аз падараш меорад; «*Ба дурустӣ қатли мӯъмин барои Худои Таоло аз нест шудани курраи замин ҳам гаронтар аст*».[10]

Пайғамбар ﷺ чунин мефармояд: «*Мӯъмин зиндагии оромона дорад, то он даме, ки хуни ба ғайри ҳақ нарехта бошад*»,[11] «*Аввалин чизе, ки дар Рӯзи қиёмат аз он мепурсанд ин рехтани хуни бағайри ҳақ мебошад*».[12]

Аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунанд, Пайғамбар ﷺ гуфтааст: «*Аз ҳамаи гуноҳҳо вазнинтар ин ширк, куштори одам ва саркашӣ аз фармони падару модар мебошад*».[13]

Аз Утба ибни Молик меоранд, Пайғамбар ﷺ мегӯяд: «*Дар ҳақиқат Аллоҳ Таоло рӯй мегардонад аз қотили мӯъмин*»[14] ва инро се маротиба такрор намуд.

Омадааст, ки Расули Худо ﷺ мегӯяд: «*Касеро, ки накушанд ба ғайри ҳақ аввалан гуноҳаш ба гардани писари*

меорад: «Касе ба сӯи Худои Таоло баргашта, дар ҳаёташ ба Ӯ ширк наёварда ва ё хуни ба ғайри ҳақ нарехта аст, ҳатман вориди ҷаннат мегардад.» (Ибни Моҷа, 2618).

9 Бухорӣ, Китоб-ул-Илм, 121; Муслим, Китоб-ул-Имон, 65.

10 ан-Насоӣ, Китобу Таҳрими-д-Дам, 7/83,84.

11 Бухорӣ, Китоб-уд-Дийот, 6863.

12 Бухорӣ, Китоб-уд-Дийот, 6864; Муслим, Қасам 1678; ан-Насоӣ, Китобу Таҳрими-д-Дам, 7183.

13 Бухорӣ, Китоб-ул-Имон ва –н-Нузур, 6675.

14 Аҳмад ибни Ҳамбал, 15/289, дар ин ҳадис иттифоқи Муслим ҳам ҳаст.

*Одам (дар назар аст Қобил) меафтад, зеро ӯ одамкуширо асос гузошт».*[15]

Аз ибни Умар ﷺ ривоят мекунанд, ки Расулуллоҳ ﷺ гуфт: «*Қотили одам бӯи ҷаннатро ҳис намекунад, ҳарчанде, ки бӯи ҷаннат дар масофаи чилсола роҳ то он ба машом мерасад».*[16]

Бухорӣ ва Насоӣ аз Абӯ Ҳурайра ﷺ ва ӯ аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунанд, ки гуфтааст: «Диққат! Ҳар касе ба ҳаёти инсоне, ки дар ҳимояи Худованд ва Расули Ӯст, сӯиқасд мекунад, чунон аст, ки ба худо сӯи қасд карда бошад. Ин гуна шахс бӯи ҷаннатро ҳис намекунад, ҳарчанд бӯи ҷаннат дар масофаи чилсола роҳ то он ба машом мерасад».[17]

Аз Абӯ Ҳурайра ﷺ ривоят мекунанд, Расулуллоҳ ﷺ гуфт: «*Ҳар касе ҳатто бо ним сухан ҳам барои кӯштани шахси мусулмон мусоидат мекунад, дар назди Худованд меистад бо навиштаҷоте дар пешонааш- «Аз раҳмати Худо маҳрум аст».*[18]

Аз Муовия ﷺ ривоят мекунанд, ки ӯ аз Расули Худо ﷺ мегӯяд: «*Ба мағфират кардани ҳар гуна гуноҳ*

*умед бастан мумкин аст, магар ба мағфирати касе, ки беимон рафтааст ва ё мусулмонеро куштааст* ».[19]

---

15 Бухорӣ, Ҳадис-ул-Анбиё, 3335; Муслим, Китоб-ул-Қасам, 1677.
16 Бухорӣ, Китоб-ул-Ҷизиёт ва –л-Муваддат, 3166; Ибни Моҷа, Китоб-уд-Дийот, 2686; ан-Насоӣ, Китоб-ул-Қасам, 8/24.
17 Тирмизӣ, Дийонот, 1403.
18 Ибни Моҷа, Китоб-уд-Дийот, 2620.
19 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Фитён ва -л-Малоҳим, 4270.

*3 гуноҳи кабира*

## СЕҲРУ ҶОДУ

Ягон шубҳа нест, ки соҳир мӯъмин нест. Дар Қурон гуфта мешавад: **«Шайтонон мардумро ҷоду меомухтанд, кофир шуданд»** (ал-Бақара,102).

Мақсади ягонаи Шайтон аз омӯзонидани мардум сеҳру ҷодуро - ин ҷудо кардани онҳо аз Худо аст.

Аллоҳ Таоло дар бораи малоикаҳо Ҳорут ва Морут чунин мегӯяд:

**«Ва ба он чи пайравӣ карданд, ки шайтонон дар подшоҳии Сулаймон мехонданд. Ва Сулаймон кофир нашуд, ва лекин шайтонон** /ки/ **мардумро ҷоду меомухтанд, кофир шуданд. Ва ба он чи (пайравӣ карданд,ки) бар ду фаришта дар Бобил-Ҳорут ва Морут- фуруд оварда шуд.** /Ва он ду фаришта/ **ҳеҷ касро намеомӯзанд, магар он ки гӯянд: «Ҷуз ин нест, ки мо** /барои/ **озмоишем, пас кофир машав!» Пас,** /мардум/ **аз онҳо афсунеро**

**ёд мегиранд, ки ба сабаби вай дар миёни мард ва зани вай ҷудоӣ меафкананд »** (ал-Бақара,102).

Мутаассифона, имрӯз ҳам одамонеро мебинед, ки бо ин роҳ мераванд. Онҳо фикр мекунанд ин кор танҳо ҳаром асту бас, лекин намедонанд, ки ин сирф ширк аст. Онҳо кӯшиш доранд алхимияро[20] биомӯзанд ва истифода баранд. Яке сеҳр мекунад, ки никоҳро бибурад, дигаре мехохад шавҳар занро дӯст дорад. Каси дигар кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки як кас каси дигарро дӯст дорад. Ҳамаи ин ширк ва залолат мебошанд.

Ҷазои сахтарин барои сеҳр кардан - марг аст, чунки ҷоду – инкори Худои Таоло аст.

Расули Худо ﷺ ҳафт гуноҳи марговарро номбар кардаистода, сеҳру ҷодуро низ ба он дохил кард.

Инсон бояд аз Мавлои худ – Аллоҳ битарсад, набояд бо роҳи ғалат биравад ва сабаби сӯхтани ҳаёти ин дунёю охирати худ гардад.

Ривоят мекунанд аз Пайғамбар ﷺ; «*Ҷазои соҳир – зарба бо шамшер аст*».[21]

Буҷал ибни Абад мегӯяд: «Як сол пеш аз вафот Халифа Умар ؓ ба мо мактуб фиристод, ки дар он гуфта мешуд: «Сар бизанед соҳирон – мардон ва занонро».[22]

20 Алхимия-навъҳои гуногуни сеҳру ҷоду. Моҳияити он аз ин иборат аст, ки дар ҷоду чизи наверо ба вуҷуд орад ва он пештар мушоҳида нашуда бошад.
21 Тирмизӣ, Китоб-ул-Ҳудуд, 1460.
22 Аҳмад ибни Ҳанбал, Муснад, 1/190

Аз Абӯ Мӯсо ﷺ ривоят мекунанд, ки Расулуллоҳ ﷺ мегӯяд: «*Се гурӯҳи одамон ба ҷаннат намедароянд: шориби хамр, одаме, ки аз хешу табор алоқаро буридааст, касе, ки ба ҳарфи соҳирон бовар дорад*».[23]

Ибни Масъуд ﷺ ривоят мекунад, аз Пайғамбар ﷺ мегӯяд: «*Дар ҳақиқат афсунгарӣ, тумор ва сеҳру ҷоду – ширк аст*».[24]

Дар ҳадис калимаи «ат-тиволия» вомехӯрад . Ин як намуди соҳирӣ аст, ки барои гарм кардани шавҳар ба зан истифода мекунанд.

Бояд гуфт, ки мутаассифона қисми калоне аз уммат дар ҷаҳолатанд. Бисёриҳо дар бораи гуноҳҳои вазнин ва ҳам оқибати онҳо чизе намедонанд. Барои ҳамин ҳам мо чунин мешуморем, ки мавзӯъро каме шарҳ бояд дод.

Барои ҳалли ин мушкилӣ бояд олимон (мардуми донишманд) ба илме ки, ба онҳо Худои Таоло додааст, такя намуда, мардуми нодонро ёрӣ намоянд ва онҳоро мутааллим гардонанд. Дар ин амр бояд ба онҳо таънаю маломат назананд. Ба ҳайси мисол метавон гурҷиҳо ва туркони бединро, ки арабиро намедонанду дар мамолики амиронашон бедиёнат зиндагӣ мекунанд, овард. Шояд онҳо дар асорат афтанду ба мамлакатҳои мусулмон оварда шаванд ва аз беимонӣ даст кашанд. Барои мисол онҳо барои хидмати тур-

23 Аҳмад ибни Ҳанбал.
24 Абӯ Довуд, Ибни Моҷа.

ки бой, ки илми даркорӣ надорад, харида шаванд. Ин ғулом бо тамоми қувва кӯшиш мекунад калимаи шаҳодатро ба забон орад. Ва агар баъди якчанд рӯз вай дарк кунад, ки ин калимот чӣ маънӣ доранд, ин барои ӯ хуб ва кифоякунанда мешавад. Баъди он шояд ӯ намоз мегузорад, ҳарчанд гоҳе тарк ҳам кунад. Агар хӯчаини вай марди диндор бошад, ба ӯ сураи «ал-Фотиҳа»-ро меомӯзад, ва агар он ҳам бедин, ё аз имон умуман дур бошад, пас ин бечораро кӣ арконни ислом меомӯзад, аз гуноҳҳо огоҳ мекунаду роҳҳои аз онҳо дур буданро мегӯяд, дар бораи вазифаҳои инсон дар назди Худо ва зарурати ибодат ба Ӯ чизе мефаҳмонад?

Одаме, ки дар бораи ҳалокатовар будани гуноҳҳо, таҷаннуб ҷӯстан аз онҳо, ҳатмӣ будани риояи ин амал маълумот (дониш) пайдо мекунад, хушбахт аст. Лекин ин гуна одамон кам вомехӯранд. Одаме ин маълумотро ҳамчун раҳмати Худо пайдо мекунад, бояд аз Ӯ сипосгузор бошад.

Метавон гуфт, ки : «Ин одам худаш гунаҳгор аст, зеро вай барои фаҳмидани он, ки чӣ кор бояд кунад, кӯшиш накардааст». Лекин ин чандон дуруст нест: «Ба одами оддӣ душвор аст дарк намояд, ки ӯ ба донистан эҳтиёҷ дорад, ӯ бояд касеро пайдо кунад , то ба ӯ  кӯмак кунад.

То он даме, ки Аллоҳ Таъоло ба одам нури маърифат надиҳад, дар ӯ масъулият пайдо намегардад. Аммо пас аз пайдо кардани он, одам уҳдадаор аст,

ки он маърифатро истифода барад». Аллоҳ Таъоло Раҳмону Раҳим аст. Ӯ мефармояд:

**«Ва Мо то пайғамбаре нафиристем,** /ҳаргиз касеро/ **азоб намедиҳем»** (ал-Исро,15).

Баъзе асҳоби Расули Худо ﷺ ба Эфиопия (Ҳабашистон) сафар карданд. Дар он вақт барои донистани он, ки чӣ бояд кард ва чӣ набояд кард, фақат ба назди Пайғамбар ﷺ омада, мепурсиданд. Ин маълумотҳо ба онҳо баъди моҳҳо омада мерасиданд. То омада расидани ин маълумотҳо ҳарчи онҳо надониста мекарданд, маъзур буданд, яъне он корашон бесабаб ҳисоб мешуд. Ва ин дар ҳама ҳолат равост. То он даме, ки одам қоидаҳои диниро намедонад, ӯ маъзур аст. Худои Таъоло ба ин донотар аст.[25]

---

25 Мулоҳизаи тарҷумон. Сокинони чунин мамолики ғайримусулмон мисли Япония ва Австралия метавонанд маъзур бошанд, то донистани қоидаи динӣ, Лекин барои сокинони чунин мамолик мисли Сурия ва Туркия, ки аксари сокинонашон мусулмонанд ва панҷ бор дар як рӯз овози азонро мешунаванд, надонистан ягон асос надорад.

*4 гуноҳи кабира*

## БЕЭЪТИНОӢ БА НАМОЗ

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

**«Пас, баъд аз онҳо касоне чанд ҷонишин шуданд, ки намозро тарк карданд ва хоҳишҳо /–** и нафср/-ро **пайравӣ карданд: пас ҷазои гумроҳиро хоҳанд ёфт, магар касе, ки тавба кард ва имон овард ва кори шоиста бо амал овард. Онҳо ба биҳишт дароянд ва бар онҳо ҳеҷ ситам карда нашавад»** (Марям,59-60).

**«Пас, вой бар он намозгузорон! – Онон, ки аз намози худ ғафлат меварзанд;»** (ал-Моун,4-5).

**«Чӣ чиз шуморо ба дӯзах даровард?» Гуянд: «Мо аз намозгузорандагон набудем»** (ал-Муддассир,42-43).

Расули Худо ﷺ гуфт: «*Фарқ миёни мо ва онҳо –хондани намоз аст. Ҳарки тарки намоз кунад, ба бехудоӣ меафтад*».[26]

---

26 Тирмизӣ, Китоб-ул-Имон, 2623; ан-Насоӣ, Китоб-ус-Салот, 1/231, 232; Аҳмад ибни Ҳанбал, 5/346; Ибни Моҷа, Китобу Иқомати-с-Салот ва-с-Суннат, 1079; Ҳаким, Мустадрак, Китоб-ул-Имон.

Расулуллоҳ мегӯяд: «*Ҳамаи аъмоли инсоне, ки намози баъди нисфирӯзиро намехонад, ба нестӣ меанҷомад*».[27]

«*Намоз ин пардаест, ки инсонро аз бехудоӣ ҷудо мекунад*».[28]

«*Аллоҳ дар ҳифзи ҳимояи худ нигоҳ намедорад, касеро , ки намозро дониста тарк намудааст*».[29]

Умар ﵁ мегӯяд: «Ягон муносибат нест касеро бо ислом, ки намозро хор медорад».

Абӯ Ҳурайра ﵁ мегӯяд: «Саҳобагони Пайғамбари Худо ﷺ аз ҳеҷ куфре ба дараҷаи тарки намоз бештар имтиноъ намеварзиданд».[30]

Ибни Ҳозим мегӯяд: «Баъд аз ширк гуноҳе вазнинтар аз тарки намоз дар вақти лозима ва қатли мусулмонон ба ғайри ҳақ ,нест».

Абӯ Ҳурайра ﵁ аз Пайғамбар ﷺ ривоят мекунад: «*Аввалин чизе аз мусулмон дар Рӯзи қиёмат мепурсанд- ин намоз аст. Агар вай онро дар вақташ адо намуда бошад,аз растагорон аст, дар акси ҳол вай умедро аз даст додааст ва аз хасоратёфтагон мебошад*».[31]

Расуллулоҳ ﷺ мефармояд: «*Бар ман амр шуда буд, ба одамон биҷангам то он даме, ки онҳо шаҳодат бидиҳанд: Худо нест, магар Аллоҳ, Муҳаммад фиристо-*

27 Бухорӣ, Китобу Мавоқити-с-Салот, 553; ан-Насоӣ, Китоб-ус-салот, 1/236.
28 Муслим, китоб-ул-Имон, 82; Абӯ Довуд, Китоб-ус-Суннат, 4678.
29 Аҳмад ибни Ҳанбал, 6/421.
30 Тирмизӣ, Китоб-ул-Имон, 2624,
31 Тирмизӣ, Китоб-ус-Салот, 4/11.

*даи Ӯст ва то он даме, ки онҳо намоз бихонанду закот бидиҳанд. Бо ба амал баровардани ин кор онҳо метавонистанд тибқи шариати Ислом худ ва молҳояшонро аз ман ҳимоя кунанд. Дигар ҳама чиз аз ҷониби Худост».*[32]

Абӯ Саид ﷺ нақл мекунад: «Рӯзе ба назди Расул ﷺ марде омад ва пурсид: «Ё Расулаллоҳ! Аз Худо битарс!», Расул ﷺ дар ҷавоб бигуфт: «*Эй мард! Ту чиҳо мегӯӣ?Магар набоисти маро беш аз ҳама аз Ӯ битарсам?*».Дар ин вақт Холид ибни Валид, ки он ҷо ҳозир буд, бипурсид: «Ё Расулаллоҳ! Бифармо, ман сарашро бибурам!» Расул ﷺ гуфт: «*Дар ин кор зарурат нест, эҳтимол ӯ намозхон бошад*».[33]

Абдулло ибни Умар ﷺ аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад, ки ӯ гуфтааст: «*Одаме, ки аз намози худ риоят намекунад, дар ӯ на нур, на шаҳодат ва на наҷот боқӣ намемонад. Дар Рӯзи қиёмат ин гуна одам дар сафи Ҳорун, Фиравн,Ҳомон ва Убай ибни Халаф меистад».*[34]

Дар қатори ин одамон қарор гирифтан худ аз он шаҳодат медиҳад, ки инсон то чи андоза ба бехудоӣ наздик мешавад, бо сабаби тарки намоз. Аммо Расули Худо ﷺ ба Маоз ﷺ гуфт: «*Худованд намегузорад ҳеҷ инсонеро ба дӯзах афтад, модоме, ки ӯ аз сидқи дил шаҳодат бидиҳад- нест Худо, магар Аллоҳ ва Муҳаммад, Расули Худост* ».[35]

---

32 Бухорӣ, Китоб-ул-Имон, 25; Муслим, Киоб-ул-Имон, 21
33 Бухорӣ, Китоб-ул-Мағозӣ, 4351; Муслим, Китоб-уз-Закот, 1064.
34 Аҳмад ибни Ҳанбал, 2/169; Доримӣ, 2/301.
35 Бухорӣ, Китоб-ул-Илм, 128; Муслим, Китоб-ул-Имон, 32.

Намозро дар вақташ нахондан ё тарк кардани он, дуздӣ ё зино- гуноҳҳои вазнин ба шумор меравcovered. Агар одам якчанд бор қасдан аз намоз боз- истад, гунаҳгори азим мешавад. Ва агар ин кор давом ёбад ва одати муқаррарии инсон гардад, он шахс аз ҷумлаи хасоратёфтагон, залолатдидагон ва гунаҳгорон мебошад.

## ГАРДАНКАШӢ АЗ ДОДАНИ ЗАКОТ

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

**«Бигӯ: «Ҷуз ин нест, ки ман одамие монанди шумоам, ба сӯи ман ваҳй карда мешавад, ки Худои шумо Худои Ягона аст. Пас, рост ба сӯи Ӯ мутаваҷҷеҳ шавед ва аз Ӯ талаби омурзиш кунед! Ва вой бар он мушриконе, ки закот намедиҳанд ва онҳо ба охират ҳамоно бовар надоранд!»** (Фуссилот,6-7).

**«Эй мӯъминон! Ба дурустӣ ки бисёре аз донишмандон ва роҳибон (-и аҳли Китоб) амволи мардумро ба ботил мехӯранд ва аз роҳи Худо бозмедоранд. Ва ононро, ки зару нуқраро захира мекунанд ва онро дар роҳи Худо харҷ наменамоянд, аз азоби дарднок хабар деҳ- ба рӯзе, ки бар он (мол) оташи дӯзах гарм карда шавад, пас, пешонию паҳлӯ ва пушти онҳо ба он доғ карда шавад; (гуфта шавад;) ин аст он чи, ки барои худ захира ниҳодед! Пас, он чиро, ки захира мекардед, бичашед!»** (ат-Тавба,34-35).

Расули Худо ﷺ гуфт: «*Агар касе уштур, гов ё гӯсфанд дорад ва ба онҳо аз рӯи адолат нигоҳубин намекунад, Рӯзи қиёмат он дар ҷои тахту ҳамвор гузошта мешавад- он ҳайвонҳо ӯро бо сумҳояшон фишор меоранд, бо шоххояшон мезананд ва бо дандонҳояшон мегазанд. Подаи уштурон аз болои вай гузар мекунанд. Баъд аз он аз болои вай уштури охирин мефарояд, ки уштури аввал ба болояш боз меояд ва ҳамин тавр ин амал то ба сар омадани Рӯзи қиёмат давом мeёбад, ки он панҷоҳ ҳазор сол давом мекунад. Баъди он уро роҳ менамоянд ё ба ҷаннат, ё ба дӯзах*».[36]

«*Агар касе ганҷу ҷавоҳирот дорад ва ба онҳо аз рӯи шариат муносибат намекунад, Рӯзи қиёмат ин ганҷ ба шакли мори бадҳайбат пешорӯи ӯ мехезад*»[37]

Абӯ Бакр ﷺ ба шахсоне, ки аз додани закот саркашӣ мекарданд мубориза мебурд ва чунин гуфтааст:

«Ба Худо қасам агар онҳо ба ман ҳатто бузғола додан нахоҳанд, чуноне, ки ба Расули Худо ﷺ медоданд, ман ба онҳо барои ин мубориза мекунам!».[38]

Аллоҳ Таъоло гуфтааст:

**«Ва касоне, ки ба он чи Худо аз фазли Худ ба онҳо ато кардааст, бухл барояшон беҳтар аст, балки он барояшон бад аст; наздик аст, ки Рӯзи қиёмат он чи дар он бухл кардаанд, тавқи гарданашон карда шавад. Ва мероси (аҳли) осмонҳову**

36 Ин ҳадис як қисми ҳадиси тӯлониест, ки Муслим ривоят мекунад. Китоб-уз-Закот, 987

37 Муслим, Китоб-уз-Закот, 987.

38 Бухорӣ, Китоб-уз-Закот, 1400; Муслим, Китоб-ул-Имон, 20;

**замин аз они Худост. Ва Худо аз он чи мекунед, Бохабараст»** (Оли Имрон,180).

Ана, чӣ мегӯяд Расули Худо ﷺ дар бораи касоне, ки аз додани закот сарпечӣ мекунанд:

«*Ман аз касоне, ки аз додани закот саркашӣ мекунанд, ҳам закоташонро ва ҳам ними молу мулкашонро мегирам. Ин яке аз қонунҳои Аллоҳ Таъоло мебошад*».[39]

Абӯ Ҳурайра ﵁ он чиро, ки аз Расулуллоҳ ﷺ шунидааст, ривоят мекунад:

«*Аввал ба дӯзах се гӯруҳи зайл медароянд:*

*-Ҳокиме, ки халқи худро зулм мекунад;*

*-Дорандаи молу мулк, ки ба онҳо муносабати лозима надорад (закот намедиҳад);*

*-Камбағали мутакаббир*».[40]

Абӯ-л-Ҳафс аз Абдуллоҳ меорад:

«*Ба шумо амр шудааст намоз хондан ва закот додан. Намоз нест касеро, ки закот намедиҳад*».[41]

39 Абӯ Довуд, Китоб-уз-Закот, 1575; ан-Насоӣ, Китоб-уз-Закот, 5115; Аҳмад ибни Ҳанбал, 512;
40 Тарғиб ва Тарҳиб, 1/540.
41 Тарғиб ва Тарҳиб, 1/540.

*6 гуноҳи кабира*

## САРКАШӢ АЗ АМРИ ПАДАРУ МОДАР

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

**«Ва Парвардигори ту ҳукм кард, ки ба ҷуз Худаш** /дигаре/-ро **ибодат макунед; ва ба падару модар некӯкорӣ бикунед; агар яке аз онҳо, ё ҳарду назди ту ба калонсолӣ бирсанд, пас, ба онҳо «ӯф» магӯ ва бар онҳо бонг мазан ва ба онҳо сухани некӯ бигӯ! Ва аз** /ҷиҳати/ **меҳрубонӣ бозӯи фурӯтаниро барояшон паст кун ва бигӯ: «Эй Парвардигори ман бар онҳо бибахшой, чунончи маро дар хурдсолӣ парвариш карданд!»** (ал-Исро,23-24).

**«Ва ба одамӣ амр кардем, ки ба падару модари худ некӯӣ кун. Ва агар онҳо кӯшиш кунанд, ки ба Ман он чиро шарик орӣ, ки ба ҳақиқати он туро донише нест, пас, ба онҳо фармонбардорӣ макун! Бозгашти шумо ба сӯи ман аст; пас, шуморо ба он чи мекардед, хабар медиҳам»** (ал-Анкабут,8).

Расули Худо ﷺ ҳафт гуноҳи марговарро нишон дода, гӯш накардани падару модарро низ ба он дохил намуд.

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Меҳрубонии Худо дар меҳрубонии падар аст ва ғазаби Худо – дар ғазаби падар аст».*[42]

*«Муносибати хуби ту бо падар сабаби ворид шудани ту ба ҷаннат аз беҳтарин дар аст. Аз ин пас, аз худи ту вобаста аст: метавонӣ инро риоя намуда, аз ин дар вориди ҷаннат шавӣ, ё тарки он намуда, аз ин роҳ маҳрум монӣ».*[43]

*«Ҷаннат дар таҳти қудуми модарон аст».*[44]

Рӯзе ба назди Расули Худо ﷺ яке аз саҳобагон биёмад, то ки бипурсад: мумкин аст, ки ӯ ба ҷанг равад. Расули Худо ﷺ аз ӯ пурсид:

*-Волидони ту зиндаанд?*

-Оре,-ҷавоб дод саҳоба.

42 Тирмизӣ, Китоб-ул-Бирр 1900, Ҳаким, Мустадрак, Китоб-ул-Бирр , 4/154.

43 Аҳмад-ибни-Ҳанбал, 5/196; Тирмизӣ, Китоб-ул-Бирр, 1901; Ибни Моҷа, 3662.

44 Ҳадис маҳз ба ин тарз ёфта нашудааст. Аммо ба ин монанд ҳадис дар маҷмӯи аҳодиси ан-Насоӣ «Сунани ан-Насоӣ» омадааст: «Рӯзе ба назди Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи васаллам) саҳоба омад бо номи Ҷаҳим ва пурсид: мумкин аст, ки ӯ ба ҷанг биравад. Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи васаллам) пурсид: «Ту модар дорӣ?». Ҷавоб дод: «Оре». Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи васаллам) гуят: «Ба модарат хизмат кун, ҷаннатро дар таҳти қудуми вай меёбӣ» (Сунани ан-Насоӣ, 6/11).

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Бигзор ҷиҳоди ту нигоҳубини онҳо бошад».*[45]

Рӯзе аз Расули Худо ﷺ пурсиданд: Ба кӣ бояд муносибати хуб дошт? Ӯ ﷺ ҷавоб дод: *«Ба модар, падар, хоҳар, бародар, аз ҳама одами ба ту наздик ва сипас ба шахси дигаре, ки баъди онҳо ба ту наздик аст».*[46]

Ривоят мекунанд, ки Расулуллоҳ ﷺ гуфтааст:

*«Одамони зерин ба ҷаннат намедароянд: касоне падару модарро ҳурмат намекунанд, касоне бахшиш намуда, таъна мезананд, шаробхорон ва касоне ба сеҳру ҷоду боварӣ доранд».*[47]

Абдуллоҳ ибни Умар ؓ ривоят мекунад:

«Рӯзе ба назди Расули Худо ﷺ як одам омад ва пурсид: «Ё Расулаллоҳ ! Кадом гуноҳҳо кабираанд?».

Расули Худо ﷺ ҷавоб дод:

*- Ширк овардан ба Худо.*

Баъд чӣ?-пурсид мард.

*- Итоат накардани падару модар,*-гуфт Расулуллоҳ ﷺ.

-Баъд чӣ?-пурсид ӯ.

*-Қасами дурӯғ,*- гуфт Расулуллоҳ ﷺ.

45 Бухорӣ, Китоб-ул-Ҷиҳод, 3004; Муслим, Китоб-ул-Бирр, 2549; Тирмизӣ, 1671.
46 Муслим, Китоб-ул-Бирр, 2548; ан-Насоӣ, 5/61; Ибни Моҷа, 3658.
47 ан-Насоӣ, Китоб-ул-Ишриба, 8/318; Аҳмад-ибни-Ҳанбал, 3/314.

Абдуллоҳ ибни Умар ﷺ аз Расулуллоҳ ﷺ ривоят мекунад:

*«Намедарояд ба ҷаннат касе, ки падару модарро ҳурмат намекунад ва касе, ки тақдирро инкор мекунад».*[48]

Марде аз Расули Худо ﷺ пурсид: «Эй Расули Худо! Чӣ мефармоӣ ба ман, агар ман панҷ вақт намоз бигузорам, рӯзаи моҳи шарифи Рамазон бидорам, закот бидиҳам ва тавофи хонаи Худо (Байтуллоҳ) кунам?»

Расулуллоҳ ﷺ гуфт: *«Одаме, ки ин аъмолро риоя мекунад ва иззати падару модарро медорад, вай дар сафи пайғамбарон, солеҳон ва шуҳадо қарор дорад».*[49]

Расули Худо ﷺ мегӯяд:

*«Аллоҳ Таъоло ҳамаи гуноҳро ба Рӯзи қиёмат мемонад, магар эҳтироми падару модарро надоштан. Барои он, ки Худои Таъоло гуноҳи ин гуна шахсро ба шитоб медиҳад»*[50]

Абӯ Ҳурайра ﷺ ривоят мекунад: «*Ягон фарзанд ҳаққи падарро адо карда наметавонад. Фарзанд ҳаққи падарро ба ҷо оварда метавонад, танҳо агар ӯро дар асорат дарёбад ва харида озод намояд».*[51]

Расули Худо ﷺ гуфтааст:

48 Аҳмад-ибни-Ҳанбал, 2/441
49 Тарғиб ва Тарҳиб, 3/329
50 Ҳаким, Мустадрак, Китоб-ул-Бирр, 4/156.
51 Муслим, Китоб-ул-Итқ, 1510; Абӯ Довуд, Китоб-ул-Адаб, 5137; Тирмизӣ, «Китоб-ул-Бирр, 1907».

*«Худованд лаънат кунад фарзандеро, ки падару модарро иззат намекунад»*[52]

Расули Худо ﷺ инчунин гуфтааст: «*Хола ба ҷои модар аст*».[53]

Каъб мегӯяд:

«Ба Худо қасам! Агар инсон зидди падару модар бараояд, Аллоҳ Таъоло бошитоб ӯро ҷазо медиҳад ва несту нобуд мегардонад. Инсонеро, ки ба падару модар муносибати нек мекунад, умрашро дароз мегардонад ва мукофоти амал медиҳад».

Абӯ Бакр ибни Абӯ Марям мегӯяд:

«Ман дар Таврот хондам: «Касеро, ки падарро мезанад, бояд кушт».

Ваҳб мегӯяд:

«Дар Таврот омадааст: «Касеро, ки модарро мезанад, бояд кушт».

52 Ҳаким, Мустадрак, 4153.
53 Тирмизӣ, Китоб-ул-Бирр, 1905.

## СУДХӮРӢ

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**«Ҳамоно касоне, ки имон оварданд ва корҳои шоиста карданд ва намозро барпо доштанд ва закотро доданд, муздашон назди Парвардигорашон аст; ва бар онҳо тарсе нест ва онҳо андӯҳгин намешаванд. Эй касоне, ки имон овардаед, аз Худо битарсед; ва агар аз аҳли имон ҳастед, он чиро, ки аз суд мондааст, тарк кунед !»** (ал-Бақара,277-278).

**«Касоне, ки суд мехӯранд, бар намехезанд, магар монанди бархестани касе, ки Шайтон ба сабаби осеб расондан ӯро девона сохтааст. Ин ба сабаби он аст, ки судхорон гуфтаанд: «Ҷуз ин нест, ки савдогарӣ монанди суд аст». Ва Худо савдогариро ҳалол кардааст ва судро ҳаром сохтааст. Агар касе, ки ба вай аз ҷониби Парвардигораш панд омада бошад ва ӯ аз ин кор бозмонад , пас, он чи гузашт азони ӯст ва (ҳаволаи) кори ӯ ба Худо аст. Ва касоне, ки (ба судхорӣ ) бозгарданд, пас онҳо бошан-**

**дагони дӯзаханд, худ дар он ҷо ҷовидонанд »** (ал-Бақара,275).

Чӣхелемебинемоётиовардашуда-иногоҳонидани касоне мебошад, ки ба ҳамаи таъкидҳои Қурон нигоҳ накарда, боз аз ҳисоби суд зиндагӣ мекунанд ва аз ин сабаб ба муддати дурудароз ба дӯзах меафтанд.

Расули Худо ﷺ гуфт: *«Аз кардани ҳафт гуноҳи марговар эҳтиёт кунед».*

Саҳобагон пурсиданд: «Ё Расулаллоҳ! Онҳо кадомҳоянд?»

Расули Худо ﷺ ҷавоб дод:

*- ширк овардан ба Худо,*

*- сеҳру ҷоду,*

*- куштори одам, ки Худованд қатли онро манъ кардааст, магар бар ҳақ,*

*- судхӯрӣ (зиндагӣ аз рӯи суд),*

*- хиёнат бар моли ятим,*

*- фирор аз майдони ҷанг,*

*- тӯҳмат бар зани солиҳаи мусулмон.*[54]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Худо лаънат кардааст касеро, ки аз судхӯр пул мегирад ва ҳам касеро, ки ба судхӯрӣ машғул аст».*[55]

54 Бухорӣ; Муслим.
55 Муслим, Китоб-ул-Мусоқот, 1547.

Дар китоби ҳадисҳои Тирмизӣ давоми ҳадис омадааст: *«ҳам касеро дурӯғ мегӯяд ва ҳам касеро шаҳодати дурӯғ медиҳад»*.[56]

Ан-Насоӣ ҳадиси зерро ривоят мекунад: «Муҳаммад ﷺ лаънат кардааст касеро, ки аз судхӯр пул мегирад, ё судхӯрӣ мекунад ва ё ҳамаи инро менависад».[57]

56 Тирмизӣ, Китоб-ул-Буюъ, 1267.
57 ан-Насоӣ, Китоб-уз-Зино, 8147.

## ХИЁНАТ БАР МОЛИ ЯТИМ

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

**«Ҳамоно онон, ки амволи ятимонро ба зулм мехӯранд, ҷуз он нест, ки дар шиками худ оташро мехӯранд; ва** /ба зудӣ/ **ба дӯзах дароянд»** (ан-Нисо,10).

**«Ва ба моли ятимон наздик машавед, магар ба он (тариқе), ки некӯтар аст, то он ки ба ҷавонии худ расад; ва паймонаву тарозуро ба инсоф тамом кунед! Мо ба ҳеҷ кас ҷуз ба андозаи тавоноиаш воҷиб намекунем. Ва чун сухан гӯед инсофро риоят намоед, агарчи хешованд (-и шумо) бошад. Ва ба паймони Худо вафо кунед! Ин аст он чи Худо шуморо ба он ҳукм фармудааст, то бувад, ки шумо панд пазиред»** (ал-Анъом,152).

Аз ҷумлаи ҳафт гуноҳи марговар, ки Расули Худо ﷺ мефармояд, хиёнат бар моли ятим низ дохил аст.

Ба васӣ (сарпараст) иҷозат аст, ки истифода барад аз моли ятим ба қадри хизматаш. Аз он зиёд бар вай

ҳаром гардонида шудааст ва бар ӯ насиб нахоҳад кард. Ин миқдори зарурӣ аз рӯи урфу расми мусулмонӣ, беғаразона муайян карда мешавад.

*9 гуноҳи кабира*

## НИСБАТ ДОДАНИ ДУРӮҒ БА ПАЙҒАМБАР ﷺ

## БОФТАНИ ҲАДИСҲО

Баъзе уламои ислом чунин мешуморанд, ки нисбат додани дурӯғ ба Пайғамбар ﷺ куфр ва баромадан аз Ислом аст.

Ҳақиқатан, одамоне, ки рӯйрост ба Худои Таъоло ва Расули Ӯ дурӯғро нисбат дода, ҷоизро ноҷоиз ва ноҷоизро ҷоиз мешуморанд, бединанд. Сухани олимон ба дигар ҳолатҳои аз ин фарққунанда дахл дорад.

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Ба ман нисбат додани дурӯғ ба нисбат додани дурӯғ ба дигарон баробар нест. Шахсе, ки ба ман дурӯғро нисбат медиҳад, барои худ дар дӯзах ҷой тайёр мекунад*»[58]

«*Ба мусулмон ҳамаи хислатҳоро доштан мумкин аст магар дурӯғгӯӣ ва хиёнаткорӣ*»[59]

---

58 Бухорӣ, Китоб-ул-Ҷаноиз, 1291; Муслим, Муқаддима, 3.
59 Аҳмад ибни Ҳанбал, 5/252.

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

«*Бардурӯғ ривоят кардан аз номи ман, яке аз ду дурӯғгӯ мебошад* »[60]

Ин ҳадисҳо нишон медиҳанд, ки бофтани ҳадис кори номақбул мебошад.

60 Муслим, Муқаддима, 4; Тирмизӣ, Китоб-ул-Илм, 2664; Ибни Моҷа, 5.

## РӮЗА НАДОШТАН ДАР МОҲИ ШАРИФИ РАМАЗОН, БЕСАБАБ

Расули Худо ﷺ гуфт: «*Шахсе як рӯзи моҳи шарифи Рамазонро бе сабаб тарк кунад, онро пурра карда наметавонад, ҳатто агар тамоми умр ҳам рӯза дорад*».[61]

«*Одаме, ки аз як намоз то намози дигар, аз як ҷумъа то ҷумъаи дигар, аз як Рамазон то Рамазони дигар гуноҳи кабира намекунад, гуноҳҳои сагираи вай авф карда мешаванд*».[62]

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Ислом бар панҷ сутун барпо шудааст:*

1. *Шаҳодат бар он, ки нест Худо ғайри Аллоҳ ва Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) -Расули Ӯст.*

2. *Намоз гузоридан.*

3. *Закот додан.*

61 Тирмизӣ, Китоб-ус-Савм, 723; Абӯ Довуд, Китоб-ус-Савм, 2396.
62 Сарчашма пеш нишон дода шуда буд.

4. *Рӯзаи моҳи Рамазон доштан.*

5. *Ҳаҷ».*[63]

Ибни Аббос ﷺ ривоят мекунад:

«*Моҳият ва асоси ислом -ин се сутун аст:*

1. *Шаҳодат бар он, ки нест Худо ғайри Аллоҳ.*

2. *Намоз гузоридан.*

3. *Закот додан.*

*Ҳар касе, ки аз якеӣ онҳо саркашӣ мекунад кофир аст.*» [64]

63 Муттафиқун алайҳ (ба ҳадис мувофиқан Бухорӣ, ва Муслим).
64 Тарғиб ва Тарҳиб, 1/382.

## ФИРОР АЗ МАЙДОНИ ҶАНГ

Аллоҳ Таоъло мегӯяд:

**«Ва он рӯз ҳар ки ба сӯи онҳо паси худро бигардонад, магар руҷӯъкунон барои ҷанге, ё паноҳҷӯён ба сӯи гурӯҳе, пас, ба дурустӣ ки хашми Худойро бозоварад; ва ҷои ӯ ҷаҳаннам аст; ва бад ҷое аст»**(*ал-Анфол*, 16).

Расули Худо ﷺ дар вақти баён кардани ҳафт гуноҳи марговар, ба фирор аз майдони ҷанг низ ишора кард. [65]

---

65 Бухорӣ; Муслим.

## ЗИНО

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

**«Ва ба зино наздик машавед; ба дурустӣ ки вай беҳаёӣ ва бад роҳе аст!»**(ал-Исро, 32).

**«Ва ононанд, ки бо Худо маъбуди дигарро намепарастанд ва ҳеҷ нафсеро, ки Худо ҳаром кардааст, намекунанд-магар ба ҳақ; ва зино намекунанд; ва ҳар ки ин корро бикунад, ба уқубати душвор бармехӯрад».**(ал-Фурқон, 68).

**«Ҳар зану марди зинокорро сад дарра бизанед! Ва агар ба Худо ва рӯзи охир имон овардед, дар ҷорӣ кардани шаръи Худо бояд, ки шуморо дар ҳаққи онҳо тараҳҳум фаро нагирад; ва бояд ки гурӯҳе аз мӯъминон ҳангоми азоб додани онҳо ҳозир шаванд»**(ан-Нур, 2)

**«Марди зинокор ҷуз ба зани зинокор ё ширковаранда никоҳ накунад. Ва зани зинокорро ба ҷуз марди зинокор ё ширковаранда ба занӣ нагирад. Ва ин кор бар мӯъминон ҳаром карда шуд»**(ан-Нур,3).

Рӯзе аз Расули Худо ﷺ дар бораи гуноҳи азимтарин суол карданд. Вай гуфт: «*Фурӯхтани дӯсте, ки Худо ба ту додааст*». Вақте аз вай пурсиданд: «Пасон чӣ?», гуфт»: «*Куштани кӯдаки худ аз тарси он ки ӯро хӯронда наметавонӣ*». Пурсиданд: «Пасон чӣ?», гуфт: «*Зино бо зани ҳамсоя*».[66]

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад, Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Вақте мӯъмин зино мекунад вай имонро аз даст додааст. Вақте мӯъмин дуздӣ мекунад, вай аз имон хориҷ аст. Вақте мӯъмин шароб мехӯрад, вай аз имон бегона аст*».[67]

Боз дар як ҳадис гуфта мешавад Расули Худо ﷺ гуфтааст:

«*Вақте мӯъмин ба зино машғул мешавад, имон онро тарк мекунад ва ба болои ӯ чун соя меистад*».[68]

«*Аллоҳ Таъоло аз зинокор ва шорибы хамр имонро мегирад. ҳамчуноне, ки одам куртаашро аз тан бадар мекунад*».[69]

«*Се гурӯҳи одамоннанд, ки Рӯзи Маҳшар Худо бо онҳо сухан намегӯяд, ба онҳо нигоҳ намекунад, онҳоро мағфират намекунад:*

---

66 Бухорӣ, Муслим,. Абӯ Довуд.
67 Бухорӣ, Муслим
68 Бухорӣ, Китоб- ул-Мазолим, 2475; Муслим, Китоб- ул-Имон, 57; Абӯ Довуд, Китоб- ус-Суннат, 4689; Тирмизӣ, Китоб- ул-Имон, 2627; ан-Насоӣ, Китоб- ус-Сориқ, 8/64.
69 Абӯ Довуд.

- *мӯйсафеди зинокор*
- *ҳокими дурӯғгӯй*
- *фақири мутакаббир»*[70]

*«Чор гуруҳи одамонанд, ки Худованд бар онҳо ғазаб мегирад:*

*- савдогаре, ки бисёр ваъда медиҳад*

*- фақири мутакаббир*

*- мӯйсафеди зинокор*

*- ҳокиме, ки ба зердастонаш зарар меорад »*[71]

Бузургтарин зино –ин зино бо модар, хоҳар, зани падар ва дигар занҳое, ки барои мард ҳароманд, мебошад.

*«Бикушед онеро, ки зино мекунад бо занҳои барояш ҳаром эълон шуда».*[72]

Ҳадисҳо дар ин мавзӯъ хеле бисёранд. Ҳадиси зер аз Бора нақл шудааст:

*«Расули Худо ﷺ Борарo фиристод то модарандар ва шахсеро, ки шаби никоҳро бо ӯ мегузаронид, бикушад ва моли ӯро панҷ тақсим кунад»*[73]

---

70 Абӯ Довуд.
71 Муслим, Китоб- уз-Имон, 58; ан-Насоӣ, Китоб-уз-Зино, 6/86.
72 ан-Насоӣ, Китоб- уз-Закот, 6/86.
73 Ҳоким, Китоб- ул-Ҳудуд, 4/356.

## ИДОРА НАМУДАНИ ДАВЛАТ БО РОҲИ ЗУЛМУ ФИРЕБ

**«Ҷуз ин нест, ки роҳ(-и маломат) бар он касоне аст, ки ба мардум зулм мекунанд ва дар замин ноҳақ фасод металабанд; барои онҳо азоби дарддиҳанда аст»**(аш-Шӯро, 42).

Расули Худо ﷺ мегӯяд:

*«Ҳар яки шумо чунонед ва ҳар яки шумо ба зердастонатон масъулед».*[74]

*«Ҳар ки фиреб кард ӯ аз мо нест».*[75]

*«Рӯзи қиёмат ситамгар дар торикӣ аст ».*[76]

74 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Ҳудуд, 4456, 4457; ан-Насоӣ, Китоб- ун-Никоҳ, 61109; Ибни Моҷа, Китоб-ул-Ҳудуд, 2607.

75 Бухорӣ, Китоб- ул-Аҳком, 7138; Муслим, Китоб- ул-Имора, 1829; Абӯ Довуд, Тирмизӣ.

76 Муслим, Китоб- ул-Имон, 101; Китоб- ул-Бирр; Тирмизӣ, Китоб-ул-Буюъ, 1315.

*«Ҳоким чӣ хеле набошад агар раияти худро фиреб диҳад, вай дар дӯзах аст»*[77]

«Аллоҳ биҳиштро пӯшида медорад барои он сардороне, ки онҳоро Худованд ба сари ҷамъият гузошт ва онҳо ба он ҷамъият муносибати хуб накарданд».[78]

Дар дигар ривоят омдааст: «ҳатто бӯи биҳиштро намебинад»[79]

*«Рӯзи қиёмат одаме, ки ҳатто бар сари даҳ нафар роҳбар аст дар пешгоҳи Худованд меистад бо дастони ба гардан баста. Агар вай одилона муносибат карда бошад, озод мешавад ва агар ситам карда бошад, хасорат мебинад».*[80]

*«Эй Худои ман ! Нарм бош ба касе, ки ба гардани ӯ ягон масъулияти уммати ман будааст ва ӯ бо онҳо ба нармӣ муомала кардааст. Мушкилӣ пеш ор бар касе, ки ӯ ба дигарон мушкилӣ овардааст».*[81]

*«Зуд аст, ки гунаҳгорон ва ҳокимони золим пайдо мешаванд. Фиребу найранге, ки ба онҳо дар ситам кардан ёрӣ медиҳад, аз мо нест ва мо низ аз онҳо нестем. Онҳо ҳеҷ гоҳ аз сарчашма (аз мо) об наменушанд».*[82]

---

77 Бухорӣ, Китоб- ул-Мазолим, 2447; Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2579; Тирмизӣ, Китоб- ул-Бирр, 2031.
78 Тирмизӣ, Мӯъҷам-ус-Сағир, Суютӣ; Ҷоми-ус-Сағир, 1/120.
79 Бухорӣ, Китоб- ул-Аҳком, 7151.
80 Бухорӣ, Китоб- ул-Аҳком, 7151; Муслим, Китоб- ул-Имон, 142.
81 Баззор ва Табаронӣ ривоят карданд. Тарғиб ва Тарҳиб, 3/174.
82 Муслим, Китоб- ул-Имон, 1828.

*«Агар дар халқе , ки бадӣ мезанад, одамони муттақӣ набошанд, ки гунаҳгоронро ислоҳ кунанд, Худованд ҳамаи ононро уқубат хоҳад кард».*[83]

Абӯ Убайда ибни Абдуллоҳ ибни Масъуд аз падари худ ривоят мекунад; ки Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Қасам ба он Зоти Пок, ки ҷони ман бар кафи Ӯст, ё шумо ба амри маъруф ва наҳйи мункар мардумро ба ҳақиқат мекашед, ё Худованд дилҳои шуморо бо дили дигарон хасм гардонида, шуморо лаънат мекунад, ҳамчунон, ки бани Исроилро аз забони Исо ибни Марям ва Довуд лаънат хонд »*[84]

Маъкал ибни Ясор ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Шафоати ман ба ду гурӯҳи умматам намерасад:*

*- амирони беадолат ва зарароввар*

*- одамони дар дин ифротгаро, ки муқобили ҳукумати мусулмонон ва бартараф кардани он аст».*[85]

Абӯ Саид ал-Хузрӣ аз Расули Худо ﷺ хабар

медиҳад:

*«Дар Рӯзи қиёмат аз ҳама азоби сахт ба имом (халифа)-и бераҳму шавқат расонида мешавад».*[86]

---

83 Тирмизӣ, Китоб- ул-Фитан, 2169; Абӯ Довуд, Китоб- ул-Малоҳим, 4338.

84 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Малоҳим, 4335; Тирмизӣ, Абвобу Тафсир-ил-Қурон, 3050; Ибни Моҷа, Китоб- ул-Фитан, 4006.

85 Табарӣ меорад.

86 Абӯ Аъло, Табаронӣ, Абӯ Нуайм меоранд.

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

*«Эй мардум!*

*Ба чизи писандида даъват намоед ва аз чизи нописандида даст кашед, вагарна шумо масъалат пурсед иҷобат намешавад, мағфират талаб кунед, қабул намегардад. Худованд яҳуд ва насороро аз забони пайғамбаронашон лаънат хонд, танҳо барои он, ки* ***хохом*** *(имом)-и яҳудиён ва роҳибони насрониён аз уҳдадаориҳои худ даст кашида, амри маъруф ва наҳйи мункар накарданд ва ҳамчунин ҳамаи онҳоро иқоб кард».*

Расули Худо ﷺ гуфт:[87]

*«Ҳар касе бидъате мекунад, ки дар дини мо нест, мардуд аст».*[88]

Расулуллоҳ ﷺ мегӯяд:

*«Аллоҳ, ҳамчунин фариштагон ва ҳамаи одамон, касеро, ки дар дин чизи навро эҷод карда ба ҷорӣ шудани он исрор меварзад, лаънат мекунанд. Худо қабул намекунад на он чиро, ки ӯ сарф кардааст ва на адолати ӯро ».*

*«Раҳм карда намешавад бар касе, ки ӯ худ раҳм надорад».*[89]

*«Аллоҳ Таъоло мағфират намекунад касеро , ки худ пушаймон нест».*[90]

---

87 Исбаҳонӣ меорад. Тарғиб ва Тарҳиб, 3/230.
88 Бухорӣ, Китоб- ус-Сулҳ, 2697; Муслим, Китоб- ул-Ақзия, 1718.
89 Муслим, Китоб- ул-Ҳаҷ, 1365, 1366.
90 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 5947; Муслим, Китоб- ул-Фазоил, 2318.

*«Роҳбаре, ки ба худ гирифта бошад як қисми мушкилии мусулмононро ва онҳоро иҷро намуда, аз мусулмонон пуштибонӣ карда бошад, ҳатман ҳамроҳи онҳо ба ҷаннат медарояд»*[91]

*«Касеро, ки Худо бар сари кори мусулмонон роҳбар мондааст ва он садди роҳи талаботу эҳтиёҷоти онҳо мегардад, Рӯзи қиёмат Худованд миёни ӯ ва талаботу эҳтиёҷоташ садд хоҳад гузошт».*[92]

*«Имом (ҳоким)-и боадолат Рӯзи қиёмат дар сояи ҳимояти Аллоҳ қарор хоҳад гирифт».*[93]

*«Касоне, ки боадолатанд дар рӯи минбаре аз нуранд. Онҳо дар корашон, оилаашон ва нисбати касоне, ки дар зимаашонанд дасти адолат доранд».*[94]

Расули Худо ﷺ гуфт:

«Аз ҳама имом (ҳоким)-и бад касест, ки шумо вайро ва вай шуморо бад бинад, шумо ӯро, ӯ шуморо лаънат хонад». Аз вай пурсиданд: «Эй Расули Худо! Оё мо ба онҳо мубориза барем?» Вай гуфт: «*То даме, ки онҳо бо шумо намоз мегузоранд- не!*».[95]

Расули Худо ﷺ гуфт:

---

91 Бухорӣ, Китоб-ул-Аҳком, 7150; Муслим, Китоб- ул-Имон, 142.
92 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Ҳараҷ ва –л-Иъмор, 2948; Тирмизӣ, Китоб-ул-Аҳкам, 1332, 1333.
93 Бухорӣ, 1423; Муслим, 1051; ан-Насоӣ, 8, 222-223.
94 Муслим, Китоб- ул-Иъмор, 1827; ан-Насоӣ, Китобу Адаб-ил-Қузот, 81221.
95 Муслим, Китоб- ул-Иъмор, 1855.

*«Дар ҳақиқат Аллоҳ Таъоло ҳокими мустабид (золим)-ро муҳлат медиҳад. Лекин агар ӯро ба даст овард, сар намедиҳад»,*[96] ва ин оятро хонд:

«**Ва ҳамчунин аст гирифтор кардани Парвардигори ту, чун [**биxоҳад], ки **деҳаҳоро гирифтор кунад ва чун онҳо ситамгаре бошанд. Ҳамоно гирифти Вай дарддиҳандаи сахт аст** » (Ҳуд-102).

Вақте Пайғамбар ﷺ Муоз ибни Ҷабалро ба Яман фиристод гуфт:

*«Аз одамон ба ҳайси закот чизи пурқимати онҳоро магир. Аз дуои ситамдидагон парҳез кун, зеро миёни он ва Аллоҳ ягон садде нест ».*[97]

*«Дар ҳақиқат бадтарин чӯпон касе аст, ки ба уштурон бераҳм нигоҳ мекунад».*[98]

Расули Худо ﷺ гуфт, ки Аллоҳ Таоло ба се кас сухан намегӯяд ва миёни онҳо ҳокими дурӯғгуро номбар кард.

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ин сарои бозпасинро барои онон муқаррар мекунем, ки дар замин такаббур ва фасод наметалабанд. Ва оқибат [–** и некӯ] **аз они парҳезгорон аст**» (ал-Қасас,83).

Расули Худо ﷺ гуфт:

---

96 Бухорӣ, Китоб- ут-Тафсир, 4686; Муслим, Китоб- ул-Бирр.
97 Бухорӣ, Китоб- ул-Мағозӣ, 4347; Муслим, Китоб- ул-Имон, 19.
98 Муслим, Китоб- ул-Иъмор, 1830; Имом Аҳмад, Муснад, 5/64.

*«Ҳақиқат он аст, ки шумо ба сари ҳокимият мешитобед. Аммо Рӯзи қиёмат аз он пушаймон мегардед».*[99]

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Қасам ба Худо мо ҳоким намегузорем, касеро, ки онро мепурсад ё мехоҳад, он бошад».*[100]

*«Эй Каъб! Бигзор, Аллоҳ туро аз ҳокимони ҳақир, ки баъди ман меоянд ва пайравии сунату роҳи овардаи ман намекунанд, нигоҳ дорад».*[101]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Дар ҳақиқат Аллоҳ, мепазирад дуои ситамдида, меҳмон ва падарро дар ҳақи писар».*[102]

99 Бухорӣ, Китоб- ул-Аҳкам, 8148.
100 Бухорӣ, Китоб- ул-Аҳкам, 8149; Муслим, Китоб- ул-Иъмор, 1733.
101 Ибни Моҷа, Китоб- уд-Дуо, 3862.
102 Ибни Моҷа, Китоб- уд-Дуо, 3862.

## НӮШИДАНИ ХАМР

**«Аз ту дар бораи шароб ва қимор суол мекунанд. Бигӯ: «Дар ин ҳар ду гуноҳи сахт аст ва барои мардум нафъҳое** [ҳам] **ҳаст; ва гуноҳи ин ҳар ду аз нафъи онҳо сахттар аст . Ва аз ту суол мекунанд: чӣ чиз харҷ кунанд. Бигӯ: «(Харҷ кунед) зиёдаро! » Худо ҳамчунин оятҳоро барои шумо баён мекунад, то бошад ки тааммул кунед»** (ал-Бақара,219).

**«Эй муъминон, ҷуз ин нест, ки хамр ва қимор ва нишонаҳои маъбудони ботил ва тирҳои фол палид ва аз кирдори Шайтон аст; пас аз вай дурӣ кунед, то бувад, ки растагор шавед!**

**Ҷуз ин нест, ки Шайтон мехоҳад ба сабаби хамру қимор дар миёни шумо душманӣ ва нохушӣ биандозад ва шуморо аз ёди Худо ва аз намоз боздорад. Пас оё (алҳол) шумо бозистодед»** (ал-Моида,90-91).

Ибни Аббос ﵁ мегӯяд: «Вақте оят дар бораи манъи шароб (хамр) нозил шуд, баъзе аз саҳобагон

ба дигарашон гуфтанд: «Аз ин пас нушидани хамр ҳаром ва ба ширк баробар аст» .

Абдуллоҳ ибни Умар нӯшидани шаробро гуноҳи азим медонист. Хамр бешак модари ҳамаи гуноҳон аст. Аллоҳ шаробхорро лаънат кардааст.

Абдуллоҳ ибни Амр нақл мекунад:

«Касе бо сабаби мастӣ як намозро тарк мекунад, ин баробари он аст, ки аз ӯ ин дунёро ва он чи дар он аст, гирифта бошанд. Ва агар чор намозро дар ҳолати мастӣ тарк кунад, Худованд метавонад ба ӯ шароби «Тинат-ул-Ҳабал»-ро хӯронад». Ин дам саҳобагон аз ӯ пурсиданд: «Эй Расули Худо! «Тинат-ул-Ҳабал»чист?». Ӯ гуфт: «*Хун ва рими дӯзахиён*».[103]

Ҷобир ﷺ нақл мекунад:

«Аллоҳ метавонад шаробхорро «Тинат-ул-Ҳабал» нӯшонад. Саҳобагон пурсиданд: «Тинат-ул-Ҳабал» чист?». Расул гуфт: «*Он дӯзахиёнанд*».[104]

«*Касе дар ин дунё май менушад, ӯ дар он дунё вайро наменушад*».[105]

«*Касе ҳамеша хамр менушад ва дар ҳолати мастӣ вафот кард, дар назди Худо ҳамчун мушрик бармехезад*».[106 107]

---

103 . Имом Аҳмад ибни Ҳанбал, Муснад, 2/178, 189.
104 Китоб- ул-Ашриба, 2002.
105 Бухорӣ, Китоб- ул-Ашриба, 5775; Муслим, Китоб- ул-Ашриба, 2003.
106 Аҳмад ибни Ҳанбал, Муснад, 1/272.
107 Тавзеҳи тарҷумон: ҳар гуна маводи мухаддир ва масткунанда ҳаром аст. Барои он ки Расули Худо ﷺ гуфтааст: «Ҳамаи наму-

## ХУДПИСАНДӢ, ТАКАББУР, ҒУРУР

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Пас, ба сӯи вай ваҳй фиристодем, ки: «Киштиро ба ҳузури Мо ва бо фармони мо бисоз; пас, чун фармони Мо ояд ва танур ҷуш занад, аз ҳар ҷинс ду танро ва касони худро – магар аз онҳо касе, ки бар вай гуфтаи Ҳақ пешӣ гирифтааст, дар кишти дарор! Ва дар бораи онон , ки ситам кардаанд, бо Ман сухан магӯ! Ба дурустӣ ки онҳо ғарқшудагонанд»** (ал-Муъминун,27).

**«Бешубҳа, Худо он чиро, ки пинҳон медоранд ва он чиро, ки ошкор мекунанд, медонад; ҳамоно Ӯ саркашонро дӯст надорад»** (ан-Наҳл,23).

ди хамр ва маводи масткунанда –ҳаром».(Муслим, Китоб- ул-Ашриба, 2003). «Ба кадом гурӯҳи ҳадисҳо дохил нашавад ҳам, ин ҳадис исботи он мебошад, ки маводи масткунанда чӣ кам ва чӣ бисёраш, ҳаром мебошад»(А.Довудоғлӣ, Саҳиҳи Муслим Тарҷума ва Шарҳӣ, 9/924).

**«Оё мепиндоранд, ки он чи аз молу фарзанд, ки онҳоро ба он имдод мекунем** [ба ин хотир аст, ки] **барояшон дар некӯиҳо саъй мекунем? Балки намедонанд»** (ал-Мӯъминун, 55-56).

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Як мард бо такаббури баланд, бо либосҳояш фахркунон мегузашт. Худо ба замин фармон дод, ки ӯро фурӯ бар, ва он то Рӯзи қиёмат дар он боқӣ мемонад».*[108]

*«Золим ва мутакабирро Рӯзи қиёмат дар шакли мӯрча маҳшур мегардонад ва одамон аз рӯи онҳо мегузаранд».*[109]

Баъзе гузаштагони мо гуфтаанд, ки худписандӣ - ин аввалин «балво» зидди Худост.

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва чун ба фариштагон гуфтем: «Ба Одам сачда кунед!»- пас, сачда карданд, магар Иблис, (ки) қабул накард ва саркашӣ намуд ва аз кофирон гашт**» (ал-Бақара,34).

Имон нафъ намебахшад ба касе, ки чун Иблис мутакаббирӣ мекунад.

Расули Худо ﷺ гуфт: «*Худписандӣ- ин қабул накардани ҳақиқат ва таҳқири мардум мебошад*».[110]

---

108 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 5790; Муслим, Китоб- ул-Либос, 2088; ан-Насоӣ , Китоб-уз-Зино, 8/206.
109 Тирмизӣ, Китоб- ус-Сифат-ил-Қаййима, 2494
110 Муслим, Китоб- ул-Имон, 91.

Аллоҳ Таъоло гуфтааст:

«**Ва рухсораи худро аз мардум матоб ва дар замин хиромон роҳ марав, ба дурустӣ ки Худо ҳар нозандаи худситояндаро дӯст намедорад**» (*Луқмон*, 18).

Расули Худо ﷺ гуфт:

Аллоҳ Таъоло гуфтааст:

«Азамат- либоси ман аст. Қудрат- пӯшиши ман аст. Ман касеро, ки бо ман дар ин амр мусобақа мекунад ба оташи дӯзах меафканам».[111]

Дар дигар ҳадис гуфта мешавад:

*«Боре биҳишт ва дӯзах бо ҳамдигар баҳс карданд, Биҳишт гуфт: «Эй Худо! Барои чӣ ба ман фақат заифон ва логарон ворид мешаванд?» Дӯзах мегӯяд: «Ман бошам ҷои мутакаббирону беадолатонам».*[112]

Худои Бузург гуфт:

«**Ин сарои бозпасинро барои онон муқаррар мекунем, ки дар замин такаббур ва фасод наметалабанд. Ва оқибат [-** и некӯ] **аз они парҳезгорон аст**» (ал-Қасас,83).

Салама ибни Аква гуфтааст:

«Боре марде дар паҳлӯи Расули Худо ﷺ хӯрокро ба дасти чапаш хӯрд. Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

111 Муслим, Китоб- ул-Бирр; Абӯ Довуд, Китоб- ул-Либос, 4090.

112 Бухорӣ, Китоб- ут-Тафсир, 4850; Муслим, Китоб- ул-Ҷаҳон, 2846; Тирмизӣ, Китобу Сифот-ил-Ҷаннат, 2564.

*«Бо дасти ростат бихӯр»*.

Мард гуфт: «Наметавонам».

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Чӣ хел наметавонӣ? Танҳо такаббур метавонад онро чунин гардонад »*.

Ин мард дигар натавонист дасташро бардорад».[113]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Оё шумо мехоҳед дар бораи аҳли дӯзах бидонед? Инҳо – душмани бераҳм, бахил ва мутакаббир ҳастанд»*.

Ибни Умар ؓ аз Пайғамбар ﷺ ривоят мекунад, ки гуфт:

*«Ҳар одами мутакаббир ва худписанд дар рӯи замин, ба ғазаби Худо дучор мешавад»*.[114]

Абӯ Ҳурайра ؓ ривоят мекунад:

*«Аввалан ин се гурӯҳ ба дӯзах медароянд: ҳокими ба халқи худ зараровар; дорандаи молу давлат, ки закоташро намедиҳад; фақири мутакаббир»*.[115]

Ман чунин меҳисобам, ки дараҷаи олии такаббур – мағрурият ба дониши худ ва худписандӣ нисбати дигарон аз рӯи ин ё он бартарият мебошад. Ба ин гуна шахс дониши вай ягон фоида намеорад. Донише, ки барои ҳаёти абадӣ гирифта мешавад, инсонро хоксор

113 Муслим, Китоб- ул-Ашриба, 2021.
114 Ҳоким, Мустадрик, 1/60.
115 Ибни Ҳузайма, Ибни Хиббон.

ва дилашро ором мегардонад, ӯро бар нафсаш ғолиб мегардонад, ҳеҷ вақт беназорат намегузорад, баръакс ҳама вақт ӯро ба худ мутаваҷҷеҳ мегардонад ва ислоҳ мекунад. Агар он аз ин хислат бенасиб бошад , аз роҳ берун меравад ва ҳалок мегардад.

Дараҷаи олии худписандӣ - ин вақте инсон илм омӯхта онро мутакаббирона нишон медиҳад ва ба мусулмонон аз боло нигоҳ карда, шаъни онҳоро паст мезанад. Ин вақт маънии ин ҳадис фаро мерасад: «Ба биҳишт ворид намегардад, касе, ки дар дил як зарра такаббур дорад».[116] Ва ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ.

116 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Ақзия, 3599.

*16 гуноҳи кабира*

## ШАҲОДАТИ ДУРӮҒ

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ва ононад, ки гувоҳии дурӯғ намедиҳанд**» (ал-Фурқон,72).

Тибқи ривояти Ибн Хузайма ва Ибн Хиббон «*Шаҳодати дурӯғ ба ширк овардан ба Худо баробар аст*».[117]

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**(Ҳукм) ин аст. Ва ҳар ки *шиорњои* Худоро бузург шуморад, пас, ин назди Парвардигори ӯ барояш беҳтар аст. Ва барои шумо чаҳорпоён ҳалол карда шуд, магар он чи бар шумо хонда хоҳад шуд. Пас, аз палидии бутон дурӣ ҷӯед ва** [низ] **аз сухани дурӯғ дурӣ ҷӯед**» (ал-Ҳаҷ,30).

Дар ҳадис гуфта мешавад:

117 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Ақзия, 3599.

*«Шоҳиди дурӯғгӯй ҳануз пойҳояш аз ҷой наҷунбида, барояш оташи дӯзах воҷиб мегардад».*[118]

Шоҳиди дурӯғгӯй дар як вақт якчанд гуноҳҳои дигар низ мекунад:

1. Дурӯғ ва тӯҳмат

«**Ба дурустӣ, Худо ба роҳи рост ҳидоят намекунад касеро вайрон мекунад ҳудудро ва дурӯғ мегӯяд**» (ал-Мӯъминун,28).

Дар ҳадис омадааст:

*«Дар мусулмон метавонад хислатҳои гуногун бошад, магар дурӯғгӯӣ ва хиёнат».*[119]

2. Шаҳодати дурӯғ ба гум кардани моликият, шараф ва рӯҳи одами тӯҳматгар оварда мерасонад.

3. Зарар расондан ба инсон, бурд кардан аз туҳмат.

Барои он ки ин одам хӯҷаини он моле мегардад, ки ба ӯ ҳаром аст (аз они ӯ нест) ва аз ин рӯ, соҳиби оташи дӯзах мегардад.

Расули Худо ﷺ мегӯяд:

---

118 Ҳоким, Мустадрак, Китоб-ул-Аҳкам, 4/98. Имом Заҳабӣ ҳамчунин ин ҳадисро ба ҳақиқат мувофиқ донист. Ҳадис чунин аст: «Шоҳиди дурӯғгӯй ҳанӯз пояшро наҷунбонда, Худованд дохил шудани ӯро ба дӯзах воҷиб мегардонад». Ибни Моҷа низ ин ҳадисро дар Китоб-ул-Аҳкам, 2373 меорад.

119 Аҳмад ибни Ҳанбал, 5/252.

4. *«Агар ман дар хусуси додани моли ягон нафар ба каси дигар қарори ноодилона барорам, бигзор нафари дуввум онро напазирад. Чунки бо ин кор ман барои вай аз оташ либос тайёр менамоям».*[120]

Вайрон кардани қонуни Илоҳӣ дар бораи ҳифзи мол, ҳаромии мол, хун ва шараф.

Дар ин бора Расулуллоҳ ﷺ гуфтааст:

«*Шараф, мол ва хуни ҳар мусулмон барои мусулмони дигар муқаддас аст* ».[121]

«Оё мехоҳед ба шумо баъзе гуноҳҳои сангинро бигӯям?

- ширк

- саркашӣ аз амри падару модар

- шаҳодати дурӯғ».

Саҳобагон мегуянд, ки Расулуллоҳ ﷺ он қадар бисёр такрор намуд, ки онҳо маҷбур буданд гӯянд: «О, кошкӣ вай бас мекард».[122]

120 Бухорӣ, Китоб-уш-Шаҳодат, 2680; Муслим, Китоб- ул-Ақзия, 1713.
121 Бухорӣ, Китоб-ул-Адаб, 665; Муслим, Китоб-ул-Бирр, 2563.
122 Бухорӣ, Муслим.

*17 гуноҳи кабира*

# *ЛИВОТА* (њамљинсбозї)

Дар Қурон Аллоҳ Таъоло дар бораи таърихи фосиқии қавми *Лут* ва сабабҳои нест кардани он мегӯяд.

Ҳамаи халқҳои мусулмон бар он ақида устуворанд, ки *ливота* (њамљинсбозї) гуноҳи азим аст.

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

«**Оё (ба қасди шаҳват аз** миёни **аҳли олам ба сӯи мардон меравед** » (аш-Шуаро,165).

*Ливота* аз зино дида фисқу фуҷууртар ва вазнинтар аст. Дар ин бора Расули Худо ﷺ гуфтааст:

«*Бикушед касеро, ки ба ин кор машғул мешавад (касеро, ки иҷро мекунад, касонеро, ки ба ин кор маҷбур мекунанд ва касонеро, ки аз ин кор истифода мебаранд)* ».[123]

123 Тирмизӣ, Китоб-ул-Ҳудуд, 1456; Ибни Моҷа Китоб-ул-Ҳудуд, 2563.

*«Худованд лаънат кунад касеро, ки кори қавми Лутро такрор мекунад»*.[124]

Ибни Аббос ﷺ мегӯяд:

«Барои одаме, ки ин гуноҳро кардааст, бояд бинои баландтарин пайдо намуд ва ӯро аз он ҷо ба поён ҳаво дод ва сипас сангсор кард».

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Қаробати ҷинсии зан бо дигараш, ин зино аст (Наздикии ҷинсии зан бо зан- ин зиност)»*.[125]

Шофеимазҳабҳо (мактаби мазҳабии Имом Шофеӣ) (раҳматуллоҳи алайҳи) мегӯяд, ки ҷазои зино ва ливота як аст.

124 Тарғиб ва Тарҳиб, 3/287; инчунин Ибни Хиббон ва Байҳақӣ ривоят кардаанд.

125 Табаронӣ, Ҷомеъ-ул-Кабир, ниг. Ҷомеъ-ус-Сағир, 2/33.

## ТӮҲМАТ БА ЗАНИ ПОКДОМАН

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ба дурустӣ онон, ки занони покдоман, бехабар, мӯъминро (ба бадкорӣ) тӯҳмат мекунанд, дар дунёву охират лаънат карда шудаанд ва барои онҳо азоби бузург аст** » (ан-Нур,23).

«**Ва онон, ки занони парҳезгорро (ба зино) тӯҳмат мекунанд, сипас, чаҳор гувоҳ намеоваранд онҳоро ҳаштод дурра бизанед ва гувоҳии онҳоро ҳеҷ гоҳ қабул накунед! Онҳо худ фосиқанд**» (ан-Нур,4).

Расулуллоҳ ﷺ амр кард, ки мо аз ҳафт гуноҳи марговар парҳез дошта бошем ва миёни онҳо тӯҳмати занҳои боиффат ва мӯминаеро, ки дар ин бора фикр ҳам надоранд, номбар кард.

Расули Худо ﷺ низ гуфт:

*«Мусалмон касест, ки ба забон ва дастони худ ба мусулсони дигар зарар намеорад».*[126]

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва онон, ки мардони мӯъмин ва занони мӯъминаро ба ғайри гуноҳе, ки ба амал оварда бошанд, меранҷонанд, ҳамоно бори бӯҳтон ва гуноҳи ошкоро бардоштаанд**» (ал-Аҳзоб,58).

Расули Худо ﷺ чунин гуфт:

*«Дар Рӯзи қиёмат касе бандии худро ба зино тӯҳмат мекунад, ба ҷазо гирифтор мешавад. Фақат агар ӯ дар ҳақиқат ҳамон (зинокор) набошад».*[127]

Касе ба ояти Қурон нигоҳ накарда ба модари мӯъминон ҳазрати Оиша ؓ тӯҳмат мезанад, бедин мегардад, зеро ин амал бар хилофи Қурон аст.

126 Бухорӣ, Китоб-ул-Имон, 10; Муслим, Китоб-ул-Имон, 40.
127 Бухорӣ, Муслим.

## ИСТИФОДАИ ҒАЙРИҚОНУНИИ ҒАНИМАТ,МОЛИКИЯТИ МАРДУМ (БАЙТУЛМОЛ),САДАҚА

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва аз пайғамбаре ҳаргиз хиёнат намеояд; ва ҳар ки хиёнат кунад, Рӯзи қиёмат он чизеро, ки ӯ хиёнат кардааст, хоҳад овард. Пас ба ҳар шахсе ҷазои он чи кардааст, тамом дода шавад; ва онҳо ситам карда намешаванд**» (Оли Имрон,161).

Абӯ Ҳумайд ас-Саид нақл мекунад:

«Расулуллоҳ ﷺ шахсеро бо номи Ибни ал-Лутбия аз қабилаи Асд хизматчӣ таин кард. Барои ҷамъоварӣ кардани садақа Амр ва Ибни Умар масъул шуданд. Баъди баргаштан аз кор ӯ гуфт: «Ана, ин азони шумо ва ин азони ман, ба ман ҳадя карданд» .

Пас Расулуллоҳ ﷺ ба минбар баланд шуд, Худои Бузургро шукргузорӣ кард ва гуфт:

*«Чӣ шудааст ба одамони бовариноки ман? Омадааст ва мегӯяд «Ана ин аз они шумо ва ин аз они ман, ба ман ҳадя карданд». Бигзор фикр кунад, агар вай дар хонаи падар менишаст, оё ба ӯ инро ҳадя мекарданд? Дар Рӯзи қиёмат инсон дар гарданаш овехта мешавад, ҳар чи ӯ ғасб кардааст, хоҳ вай уштур бошад, ва хоҳ гов ва хоҳ гӯсфанд».*

Сипас вай даст боло кард ва пурсид:

*«Эй Худои ман! Оё ман ба онҳо инро расондам ё не?».*[128]

Абӯ Ҳурайра ﷺ накл мекунад:

«Рӯзе мо ҳамроҳи Пайғамбар ﷺ ба ҷанги Хайбар баромадем. Аллоҳ ба мо дар ин ҷанг нусрат дод. Ба сифати ғанимат мо на тилло ва на нуқра, балки дигар чиз либос ва хӯрокворӣ гирифтем. Пас аз он мо ба водӣ фаромадем. Дар паҳлӯи Расулуллоҳ ﷺ як ғулом буд, ки ӯро ба вай марде аз қабилаи Ҷузан тӯҳфа карда буд. Вақте мо ба водӣ фаромадем ғуломи Расулуллоҳ ﷺ нимхез шуд, то борро кушояд. Дар ҳамин вақт вайро найза дарёфт ва ӯ аз ин ҷароҳат вафот кард. Инро дида мо хитоб кардем: «Эй, Расули Худо! Бигзор марг ба у некӣ орад (чунки аз тири душман кушта шуд)!».

Расули Худо ﷺ ҷавоб дод:

*«Не! Қасам ба Он,ки ҷони Муҳаммад дар кафи Ӯст, дар вай кифтпӯш месӯзад. Вай онро аз ғанимат гирифта*

128 Бухорӣ; Муслим; Абӯ Довуд.

*буд, пеш аз он, ки мо вайро тақсим кунем*». Ҳамаи моро тарс фаро гирифт. Дар ҳамин вақт як мард пеш омад, ки дар дасти ӯ як ё ду тасма буд, гуфт: «Эй, Расули Худо! Ин ба ман аз ғанимат дар рӯзи Хайбар расид», Расулуллоҳ ﷺ гуфт: «*Тасма аз дӯзах!*», Ё «*Ду тасма аз дӯзах*».[129]

Расули Худо ﷺ як марде дошт бо номи Қирқира, вазифаи муҳофизӣ дошт- ашёи роҳро назорат мекард. Вақте, ки вай вафот кард Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

«*Вай дар оташ аст*».

Саҳобагон сабаби ин суханро донистанӣ шуда, ашёи вайро кофтуков карданд ва чагмани дуздиро пайдо карданд.

Ҳадисҳо дар ин мавзӯъ бисёранд. Баъзеи онҳоро мо дар мавзӯъи «Ситам» меорем.

Ситам се хел мешавад:

1. Аз худ кардани мол бо роҳи фиреб;

2. Қатл, захмӣ кардан, шикастани дасту по ва лату кӯб кардани ғуломон;

3. Ба сухан зулм кардан – гӯнаҳгор кардан, лаънат кардан, тӯҳмат кардан.

Расули Худо ﷺ дар ин хусус чунин мегӯяд:

129 Бухорӣ, Муслим.

*«Ба дурустӣ, хун, мол ва шарафи якдигар барои шумо ҳаром аст, дар ин рӯз ин моҳ дар ин шаҳр!».*[130]

Инчунин Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Худои Таъоло қабул намекунад намози ношустаро ва садақаи моли дуздидашударо».*[131]

Зайд ибни Холид ал-Ҷуҳанӣ нақл мекунад: «Марде дар ҷанги Хайбар қисме аз ғаниматро дуздид. Баъди вафоташ Расулуллоҳ ﷺ аз ҷанозаи ӯ рӯ тофт ва гуфт: *«Дар роҳи Худо ӯ як қисми ғаниматро дуздид»*. Баъди ин суханҳо мо ба амволи ӯ нигоҳ кардем ва шаддаеро пайдо кардем, ки арзишаш ду дирҳам буд».[132]

Имом Аҳмад мегӯяд:

«Мо дар ёд надорем, ки Расули Худо ﷺ аз хондани намози ҷанозаи ягон кас рӯ тофта бошад, магар дар ҷанозаи касе, ки моли ғаниматро дуздидааст ва ба дасти худ андохтааст».

---

130 Бухорӣ, Муслим.
131 Муслим, Китоб-ут-Таҳорат, 224; Тирмизӣ, Китоб-ут-Таҳорат, 1.
132 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Ҷиҳод, 2710; ан-Насоӣ, Китоб-ул-Ҷаноиз, 4/64; Имом Молик, Муватта, 23.

## АЗ ХУД НАМУДАНИ МОЛИ БЕГОНА

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва амволи хешро дар миёни хеш ба ноҳақ махӯред ва амволи худро ба ҳокимон марасонед, то порае аз амволи мардумро ба ситам бихӯред; ва шумо медонед!**» (ал-Бақара,188).

«**Ҷуз ин нест, ки роҳ (-и маломат) бар он касоне аст, ки ба мардум зулм мекунанд ва дар замин ноҳақ фасод металабанд; барои онҳо азоби дарддиҳанда аст**» (аш-Шӯро,42).

«**Ва ситамгаронро ҳеҷ корсозе ва ёридиҳандае нест**» (аш-Шӯро,8).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Ситам Рӯзи қиёмат ба тирагӣ меанҷомад*».[133]

133 Бухорӣ, Китоб-ул-Мазолим, 2447; Муслим, Китоб-ул-Бирр, 2579; Тирмизӣ, Китоб-ул-Бирр, 2051.

*«Агар касе ҳатто як ваҷаб замини ҳамсояро гирад, дар Рӯзи қиёмат дар гардани ӯ ҳалқаеро меовезанд, ки аз замини ишголкардааш ҳафт маротиба калонтар мебошад».*[134]

Худои Таъоло мегӯяд:

«**Ба дурустӣ ки Худо ба вазни заррае ситам намекунад**» (ан-Нисо,40).

Дар ҳадис омадааст:

*«Худованд беадолатиҳои одамонро нисбати якдигар нонавишта намемонад».*[135]

Расули Худо ﷺ гуфтааааст:

*«Таъхир дар додани қарз аз тарафи сарватмандон беадолатист».*[136]

Расулуллоҳ ﷺ гуфтааст:

*«Аллоҳ дӯзахро фарз ва биҳиштро ҳаром мегардонад ба он нафароне, ки барои азхуд кардани моли мусулмонон қасам ёд мекунанд».*[137]

Аз ӯ пурсиданд: «Ё Расулаллоҳ! Агар он як пораи ночизе буд, чӣ?».

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

«Ҳатто агар як шохчаи мисвок ҳам бошад».

---

134 Бухорӣ, Китобу Бидъ-ил-Халқ, 3195; Муслим, Китоб- ул-Мусоқо, 1612.
135 Аҳмад-ибни-Ҳанбал, Муснад, 6/240.
136 Бухорӣ, Китоб- ул-Истиқроз, 2400; Муслим, ал-Мусоқот, 1564.
137 Муслим, Китоб- ул-Имон, 137.

Дар ҳадиси дигар Расули Худо ﷺ мегӯяд:

«*Агар мо яке аз шумоёнро хизматчӣ таин намоем ва ӯ аз мо чизеро ба миқёси сӯзан ва ё аз вай бештар пинҳон кунад, хиёнаткор ҳисоб мешавад ва Рӯзи қиёмат ҷавобгӯ хоҳад шуд*».[138]

Расулуллоҳ ﷺ мегӯяд:

«*Ба дурустӣ, дар вай кифтпушаш хоҳад сӯхт*». Пас, як нафаре аз паҳлӯи ӯ бархост ва тасмаеро , ки пеш аз тақсими ғанимат гирифта буд, оварда партофт. Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

«*Тасма аз дӯзах*».[139]

Яке аз саҳобагон пурсид:

«Ё Расулаллоҳ! Оё гуноҳони ман афв хоҳанд шуд, агар ман сидқан дар ҷанг таҳаммулпазир бошам ва кушта шавам?».

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

«*Хоҳанд шуд, ғайри қарзҳоят*».[140]

«*Касеро, ки молҳои Худоро ба ғайри ҳақ соҳиб шудааст, Рӯзи қиёмат ӯро оташи дӯзах интизор аст*».[141]

«*Инсоне, ки аз моли ҳаром ба воя расидааст ба биҳишт намедароад. Ӯ сазовори оташи дӯзах аст*».[142]

---

138 Муслим, Китоб- ул-Имора, 1833.
139 Муслим, Китоб- ул-Имора, 1833.
140 Сарчашма пештар нишон дода шудааст.
141 Муслим, Китоб- ул-Имора, 1835.
142 Бухорӣ, Китоб-ул-Ҷиҳод, 3118.

Абӯ Бакр ﷺ меорад.

«Касе, ки хӯрокаш аз ҳаром аст, ба ҷаннат намеафтад ».[143]

Ин амр ба ситамгор, роҳзан, дузд, хоин, фиребгар, мункири қарз, касе, ки чизи гумшударо аз замин мебардорад ва соҳибашро намедонад; моли шубҳанокро мефурӯшад ва айбашро мепӯшонад; касе, ки ба қиморбозӣ машғул аст, фурӯшандае, ки нархро гарон мемонад, низ дахл дорад.

143 Ҳоким, Мустадрак, Китоб-ул-Имон; Имом Аҳмад ибни Ҳанбал, Муснад, 3/321, 399.

## ДУЗДӢ

«**Ва дасти марди дузд ва зани duздро ба ҷазои он чи ба амал овარданд, бибуред! Ин ибрати** аст **аз тарафи Худо. Ва Худо Ғолиби Доно аст** » (ал-Моида,38).

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Лаънати Худо бод бар дузд, дастони он бурида шаванд аз барои дуздидани ҳатто тухм, ресмон».*[144]

*«Агар ин дуздиро Фотима духтари Муҳаммад ﷺ кунад, дастони он бурида бод».*[145]

*«Вақте мӯъмин зино мекунад, вай аллакай мӯъмин нест, вақте дуздӣ мекунад, муъмин нест. Аммо дари тавба ҳамеша кушода аст».*[146]

---

144 Ҳадис маҳз дар ин шакл дарёб нашудааст. Лекин Ҳоким дар «Мустадрак» 4/127 чунин ҳадисро меорад: «Касе, ки дар хӯрокаш чизи ҳаром илова намуда, бо он калон шудааст, бештар сазовори дӯзах аст».

145 Бухорӣ, Китоб-ул-Ҳудуд, 6783; Муслим, Китоб-ул-Ҳудуд, 1687; ан-Насоӣ, 8/65.

146 Бухорӣ, Китоб-ул-Ҳудуд, 6788; Муслим, 1688.

Салама ибни Кай аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад:

«*Ба ин чор банд диққат диҳед: ба Худо ширк наоред; касеро, ки Худо қатлашро ҳаром гардонидааст ба ғайри ҳақ накушед, зино накунед, дуздӣ накунед*». [147]

Муаллиф чунин меҳисобад, ки тавбаи дузд ба ӯ нафъ намеорад, то дуздидаашро барнагардонад. Агар чизи дуздидашуда, аллакай нест ё имконияти баргардонидани он нест, ӯ бояд аз соҳибаш бахшиш пурсад.

147 Ибни Абӯ Осим, ас-Сунна, 2/470.

## РОҲЗАНӢ

**«Ҷазои касоне, ки бо Худою расули Ӯ ҷанг мекунанд ва дар замин ба қасди фасод мешитобанд, ҷуз ин нест, ки кушта шаванд, ё бар дор карда шаванд, ё дастҳову пойҳои онҳо аз ҷониби мухолиф бурида шавад, ё аз ватан дур карда шаванд. Ин расвоии онҳо дар дунё аст ва дар охират барои онҳо азоби азим ҳаст»** (ал-Моида,33).

Чӣ мешавад ба мардуме, ки бо роҳи таҳдиди куштор, молҳои бегонаро аз они худ мекунанд? Чӣ мешавад ба онҳо вақте, ки маҷрӯҳ мекунанд, мекушанд ё дигар гуноҳи вазнин мекунанд? Бар змми он, ин гурӯҳи одамон одатан намоз намехонанд ва пулҳои ба даст омадаро ба шароб, ё зан сарф мекунанд.

*23 гуноҳи кабира*

## ҚАСАМИ ДУРӮҒ

Абдулло ибни Амр аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад, ки ӯ гуфт:

«*Гуноҳҳои вазнин – ширк ба Худо, саркашӣ аз амри падару модар, куштори одам ва қасами дурӯғ мебошад*».[148] Қасами дурӯғ одамро дар гуноҳ ғарқ мекунад, барои ҳамин ҳам онро «ѓамус» - «ғарққунанда» меноманд.

Расули Худо ﷺ мегӯяд:

«*Як марде гуфт:*

*«Ба Худо қасам, Худо фалон одамро намебахшад!»*

*Аллоҳ Таъоло пурсид:*

*«Ин касе, ки қасам хӯрд - фалонӣ бахшида намешавад, кист? Бидон, ки ҳамон шахс бахшида шудааст, лекин амалҳои ту маҳв гардиданд*».[149]

148 Бухорӣ, Китоб-ал-Имон, 6675; Китоб- ул-Адаб, 6107.
149 Муслим, Китоб-ул-Бирр, 2621.

*«Се гурӯҳи одамонанд, ки дар Рӯзи қиёмат , Худованд ба онҳо сухан намегӯяд, онҳоро мағфират намекунад, барои онҳо азои дардноке муҳайё сохтааст:*

1. *Мутакаббир;*
2. *Касе, ки ба дороии худ норозӣ аст;*
3. *Касе, ки моли худро ба қасами дурӯғ мефурӯшад».*[150]

Ибни Умар ﷺ нақл мекунад:

«*Ба дурустӣ, ки ҳар касе ба номи ғайри Худо қасам мехӯрад , кофир мегардад*». Дар ривояти дигар омадааст «*Мушрик мешавад*».[151]

«*Ҳар одаме кӯшиш мекунад бо қасами дурӯғ ба номи Худо, моли мусулмонеро азони худ кунад, ба ғазаби Худо дучор мегардад*». Вақте Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи васаллам)- ро пурсиданд: «Ва ҳатто агар ин як пораи ночизе ҳам бошад?». Ӯ чунин ҷавоб дод:

«*Ҳатто агар шохчаи мискок ҳам бошад*».[152]

Расули Худо ﷺ гуфтааст, ки аз ҳама гуноҳи вазнини инсон қасами дурӯғ хӯрдан дар назди минбари Расулуллоҳ баъди намози аср мебошад.

Расулуллоҳ ﷺ гуфтааст:

150 Муслим, Китоб-ул-Имон, 106; Абӯ Довуд, Китоб- ул-Либос, 4087; Тирмизӣ, Китоб- ул-Буюъ, 1211; ан-Насоӣ , Китоб- ул-Буюъ, 245.
151 Тирмизӣ, Китоб- ул-Имон, 1535.
152 Муслим, Китоб- ул-Имон, 137, 139; ан-Насоӣ , 8/460.

*«Касе ба номи Лоту Уззо қасам ёд мекунад, бигзор зуд бигӯяд «Ло илоҳа иллалоҳ »(имони худро тоза бинамояд)».*[153]

Баъзе саҳобагон (разийаллоҳу анҳум) то қабули ислом бо номи бутҳои гуногун қасам ёд мекарданд. Ҳадиси мазкур ба одамоне дахл дорад, ки нафаҳмида қасам ёд мекунанд ва ба онҳо тавсия дода шудааст, ки «Ло илоҳа иллаллоҳ » гӯянд.

*«Касе дар назди ин минбар қасами дурӯғ ёд кард ва ҳатто агар барои ҳамин ашёи хурдтарин – шохчаи мисвок ҳам бошад, барои вай дӯзах воҷиб мешавад».*[154]

153 Бухорӣ, Китоб-ул-Адаб, 6107.
154 Аҳмад ибни Ҳанбал, 2/329.

## ДУРӮҒГӮЙ

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Пас, чун туву ҳар ки бо ту бар киштї бошад, рост бинишинед, пас бигӯ: «(Ҳамаи) ситоиш он Худойро аст, ки моро аз гурӯҳи ситамгарон наҷот дод!** » (ал-Мӯъминун,28).

«**Лаънат карда шуд дурӯғгуёнро**» (аз-Зориёт,10).

«**Сипас ҳама ба зорӣ дуо кунем ва лаънати Худоро бар дурӯғгӯён бигардонем!**» (Оли Имрон,61).

Расули Худо ﷺ гуфтааст:

«*Ба дурустӣ, дурӯғ гуноҳ аст ва гуноҳ – оташ (дӯзах). Одаме, ки дурӯғгӯиро тарк намекунад, дар назди Худо дурӯғгӯй сабт мешавад*».[155]

Расулуллоҳ ﷺ гуфтааст:

155 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6094; Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2606.

*«Мунофиқ се аломат дорад: дурӯғ мегӯяд, вақте гап мезанад; ба ваъдааш вафо намекунад; хиёнат мекунад, вақте ба вай амонат медиҳанд».*[156]

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

*«Мунофиқи асосӣ касест, ки чор хусусияти дурӯягӣ дорад. Ҳар касе ақалан яке аз ин хусусиятҳоро дорад, аз мунофиқӣ берун нест*

*- хиёнат мекунад, вақте ба ӯ амонат медиҳанд;*

*- дурӯғ мегӯяд, вақте сухан мегӯяд;*

*- ба ваъда хилоф мекунад;*

*- вақти душманӣ, кардан бо касе ноҳақ амал мекунад».*[157]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Дар Рӯзи қиёмат касе нақл мекунад, ки ӯ дар хоб дидааст, гӯё ба вай пешниҳод кардаанд сари ду пояи ҷавро ба ҳам бандад. Вале ӯ инро ҳаргиз карда наметавонад».*[158]

*«Ба дурустӣ, дараҷаи олии тӯҳмат ва дурӯғ – нақл намудани он чизест, ки онро ҳаргиз надидаӣ».*[159]

Самура ибни Ҷундуб ҳадисеро нақл мекунад, дар он Пайғамбар ﷺ хоби худро меорад:

---

156 Бухорӣ, Китоб- ул-Имон, 59; Тирмизӣ, Китоб- ул-Имон, 2633; ан-Насоӣ, Китоб- ул-Имон, 8/117.

157 Бухорӣ, Китоб- ул-Имон, 34; Муслим, Китоб- ул-Имон, 57.

158 Бухорӣ, Китоб- ул-Анбиё, 3509.

159 Бухорӣ, Китоб- ул-Имон, 34; Муслим, Китоб- ул-Имон, 57.

*«Мо ба назди марде омадем, ки бо пушташ мехобид. Дар бари ӯ марди дигаре меистод. Дар дасти ӯ чангаки сершохе буд. Марди дуюм ин чангакро ба даҳони марди аввал то сараш андохта, як қисми даҳонашро даронд. Қисми дуюми даҳонашро низ ҳамин тавр кард. Сабабаш ин буд, ки марди хобида пагоҳӣ аз хона баромада, чунин воқеаҳои набударо нақл намудааст, ки дурӯғии онҳо то ба осмон расидааст »*.[160]

*«Дар вуҷуди мусулмон ҳар гуна хислатҳо буда метавонанд, магар дурӯггӯи ва хиёнат»*.[161]

*«Ба дурустӣ дар ҷое, ки мардум ҷамъ мешаванд, як зарраи дурӯғ пайдо мешавад»*.[162]

*«Барои касб кардани гуноҳ ба инсон кифоякунанда аст, ки ҳамаи шунидаашро нақл кунад»*.[163]

*«Инсоне, ки дар бораи кори накардааш эълон мекунад, дукарата дурӯггӯй ба ҳисоб меравад»*.[164]

*«Аз гумон андеша кунед. Он аз ҳама дурӯғҳо дурӯғтар аст»*.[165]

Расули Худо ﷺ гуфтааст:

«Аллоҳ бо се нафар аз одамон сухан намегӯяд» ва аз миёни онҳо ҳокими фиребгарро низ ном бурдааст.[166]

---

160 Бухорӣ, Китоб- ут-Таъбир, 7047.
161 Аҳмад ибни Ҳанбал, 5/252.
162 Бухорӣ, Адаб-ул-Муфрад, 2/334.
163 Муслим, Муқаддима.
164 Муслим, Китоб- ул-Либос, 213.
165 Бухорӣ, Китоб- ун-Никоҳ, 51143; Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2563.
166 Муслим.

*25 гуноҳи кабира*

## ХУДКӮШӢ

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Эй мӯъминон, амволатонро дар миёни худ ба ноҳақ махуред, магар вақте ки он доду ситади тиҷорат бо ризои якдигар аз шумо бошад! Ва хештанро макушед. Ба дурустӣ ки Худо ба шумо Меҳрубон аст.**

**Ва ҳар ки ба бедодӣ ва ситам чунин кунад, ӯро ба дӯзах дарорем; ва ин** [кор] **бар Худо осон аст.**

**Агар шумо аз гуноҳони кабира, ки аз он наҳй карда шудаед, канора ҷуед, аз шумо гуноҳони сағираатонро нобуд месозем ва шуморо ба маҳалли гиромӣ дармеорем** » (ан-Нисо,29-31).

«**Ва ононад, ки бо Худо маъбуди дигарро намепарастанд ва ҳеҷ нафсеро , ки Худо ҳаром кардааст, намекушанд – магар ба ҳақ**» (ал-Фурқон, 68).

Ҷундуб ибни Абдулло аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад, ки гуфт:

*«Пеш аз шумо марде зиндагӣ мекард. Вай маъюб шуд. Ба дарди тоқатфарсо муқовамат карда натавонист, кордро гирифту дасти худро бурид. Аз ҷорӣ шудани хуни зиёд, фавти ӯ даррасид. Худои Таъоло гуфт: «Бандаи ман бо куштани худ аз ман сабқат ҷӯст. Аз барои ҳамин ман дари биҳиштро ба ӯ бастам».*[167]

Абӯ Ҳурайра ﷺ нақл мекунад:

*«Касе худро бо оҳан мекушад дар дӯзах бо ин оҳан ӯ бар шиками худ мезанад. Ин ҷазо хеле дур давом мекунад. Касе худро бо заҳр мекушад, онро дар дӯзах ҳам менӯшад ва ин ҷазо барои вай дуру дароз давом мекунад ».*[168]

Расули Худо ﷺ дар бораи одаме, ки ба дард тоқат наоварда худро бо шамшер зада куштааст, мегӯяд: «Он аз касонест, ки ба дӯзах медароянд».[169]

Собит ибни Даҳҳок нақл мекунад:

*«Лаънат кардани мӯъмин, баробар ба куштани ӯст. Касе мӯъминро ба бехудоӣ таъна мезанад (мегӯяд ту бедин ҳастӣ ) ин баробар бар он аст, ки гӯё ӯро кушта бошад. Ҳар касе, ки бар худ даст мегузорад (худкӯшӣ мекунад), Рӯзи қиёмат Ҳудованд ӯро ҷазо медиҳад ».*[170]

---

167 Бухорӣ, Китоб-ул-Анбиё, 3463; Муслим, Китоб-ул-Имон, 113.
168 Бухорӣ, Китоб-ут-Тибб, 5778; Муслим, Китоб-ул-Имон, 109; Тирмизӣ, Китоб- ут-Тибб, 2044; ан-Насоӣ Китоб- ул-Ҷаноиз, 66,67; Абӯ Довуд, Китоб- ут-Тибб, 3872.
169 Бухорӣ, Китоб- ул-Ҷиҳод, 3062; Муслим, Китоб- ул-Имон, 111.
170 Бухорӣ, Китоб-ул-Имон, 6652; Муслим, Китоб- -ул-Имон, 110; Тирмизӣ, Китоб- ул-имон, 2638; ан-Насоӣ, Китоб- ул-Имон, 715.

*26 гуноҳи кабира*

## БЕАДОЛАТӢ ДАР ҚАЗОВАТИ СУДӢ

**«Ва касоне, ки ба он чи Худо фурӯ фиристодааст, ҳукм накунанд-ҳамоно гурӯҳе кофиронанд»**(ал-Моида, 44).

**«Ҳамоно касоне, ки он чиро , ки аз суханони равшан ва ҳидоят фуруд овардем баъд аз он, ки онро барои мардум дар Китоб баён кардем, мепӯшанд; онҳоро Худо лаънат мекунад ва онҳоро лаънаткунандагон лаънат мекунанд »** (ал-Бақара, 159).

Талҳа ибни Убайдуллоҳ аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад, ки гуфт:

*«Намози ҳокиме, ки аз рӯи шариати Худо ҳукумат намекунад, қабул нест»*[171]

Расулуллоҳ ﷺ гуфтааст:

*«Аз се қозӣ(суд) яктояш ба биҳишт ва дутояш ба дӯзах меравад. Ба биҳишт қозие медарояд, ки ҳақиқатро*

171 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Аҳком, 4/89.

*донад ва аз рӯи он кор барад. Аз касоне, ки ба дӯзах даромадаанд якумаш касест, ки ҳақиқатро медонад, лекин аз рӯи он амал намекунад. Дуюмаш касест, ки ҳақиқатро намедонад ва аз рӯи ҷаҳолат қарор мебарорад».*[172]

Муллиф ҳамин тавр меҳисобад,-танбеҳ ба қозиҳое дахл дорад, ки онҳо қарорҳои худро дар асоси каломи Худо ва Расулуллоҳ ﷺ , қабул намекунанд.

Вақте Расули Худо ﷺ мегӯяд:[173] «Аз се қозӣ ба биҳишт яктояш ба дӯзах дутояш меафтад»; саҳобагон аз ӯ пурсиданд: «Ё Расулаллоҳ! Гуноҳи он ки намедонист дар чист?», Расулуллоҳ ﷺ ҷавоб дод:

«*Он ҳақ надорад қозӣ шавад, бо он дониши нокифоя*».[174]

Ин ҳадис тасдиқ дорад. Лекин ҳадисе ҳаст боз ҳам саҳеҳтар: Маъкал ибни Синон аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад, ки гуфтааст:

«*Ҳар яке аз уммати ман, ки аз рӯи ҳар гуна масъала қарори ноодилона мебарорад, Худованд ба дӯзах мепартояд*».[175]

Абӯ Ҳурайра ؓ нақл мекунад:

«*Қозигӣ - ин танест, ки бе корд пора – пора карда шудааст*».[176]

---

172 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Аҳком, 4/90.
173 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Аҳком, 4/89, 4/90.
174 Ҳоким, Мусталрак, Китоб- ул-Аҳком, 4/90; Абӯ Довуд, Китоб- ул-Ақзия, 3573
175 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Аҳком, 4/90-91.
176 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Ақзия, 3571; Тирмизӣ, Китоб- ул-Аҳком, 1325.

Аз рӯи ҳадиси Пайғамбар ﷺ қозие, ки ҳамаи кӯшишу ғайраташро ба пайдо кардани далелҳо равона карда, ба фикри худаш не, балки ба далелҳои пайдокарда такя мекунад, зуд мукофот пайдо мекунад:

«*Агар қозӣ (суд) барои баровардани ҳукм ҳамаи кӯшишу ғайраташро равона намуда, қарори одилона барорад, ду мукофот мегирад. Агар ба кӯшишу ғайрати ӯ нигоҳ накарда , ҳукм нодуруст содир шавад, як мукофот мегирад*».[177]

Пайғамбар ﷺ дарёфти мукуфотро ба кӯшишу ғайрат алоқаманд кард. Агар қозӣ ҳукмро аз рӯи саъю кӯшиш не, аз рӯи фикри дигарон барорад, ҳадиси боло ба вай дахл надорад.

Дар ҳолати ғазаб содир кардани ҳукм, ба қозӣ ҳаром аст ва махсусан, агар ин ғазаб ба зидди душман равона шуда бошад.

Зоҳир намудани чунин сифатҳо мисли камдонишӣ, хислати бад. худонотарсӣ аз тарафи қозӣ, ӯро дар ҳолати ногувор мемонад. Дар ин ҳолатҳо вай бояд аз курсии қозигӣ биравад ва худро аз оташи дӯзах нигоҳ дорад.

177 Бухорӣ, Китоб- ул-Иътисом, 7354; Муслим, Китоб- ул-Ақзия, 1716.

# РОҲ ДОДАН БА БАДАХЛОҚИИ ЗАН, ДУХТАР ВА ҒАЙРА

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Марди зинокор ҷуз зани зинокор ё ширковаранда никоҳ накунад. Ва зани зинокорро ба ҷуз марди зинокор ё ширковаранда** [касе] **ба занӣ нагирад. Ва ин кор бар мӯъминон ҳаром карда шуд**» (ан-Нур,3)

Расули Худо ﷺ гуфтааст:

«*Се гурӯҳи одамон ба биҳишт роҳ намеёбанд:*

*- хордорандагони падару модар;*

*- касоне, ки рашк намебаранд;*

*- заноне, ки худро ба мардон монанд мекунанд*».[178]

Ин гуноҳ дар ҳолатҳои зерин бахшанда аст:

178 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Имон.

- шавҳар ҳис мекунад, ки зан дар роҳи гумоннок аст, лекин вай ӯро дӯст медорад;

- аз зан қарзи зиёд дорад, додан лозим;

- маҳри занро додан лозим;

- дар оила фарзандони хурд ҳастанд ва дар ҳолати ҷудо шудан, зан аз ӯ нафақа мепурсад, ӯ бошад камбағал аст.

Лекин ба ҳар ҳол касе ҳисси рашк надорад, хуб нест.

*28 гуноҳи кабира*

## ХУДРО МОНАНД КАРДАНИ ЗАН БА МАРД

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва (барои) онон, ки аз гуноҳони кабира ва беҳаёиҳо парҳез мекунанд**» (аш-Шӯро,37).

Ибни Аббос ﷺ нақл мекунад:

«*Расули Худо ﷺ он мардонеро, ки худро ба занон ва он занонеро, ки худро ба мардон монанд мекунанд, лаънат кард*».[179]

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

«*Бигзор Худо лаънат кунад занеро, ки худро ба мардон монанд мекунад*».[180]

Абӯ Хурайра ﷺ нақл мекунад:

«*Расули Худо ﷺ лаънат хонд мардеро, ки либоси зан мепӯшад ва занеро, ки либоси - мард*».[181]

---

179 Бухорӣ, *Китоб- ул-Либос*, 5886; Абӯ Довуд, *Китоб- ул-Адаб*, 4930; Тирмизӣ, *Китоб- ул-Адаб*, 2875.

180 Абӯ Довуд, *Китоб- ул-Либос*, 4099.

181 Абӯ Довуд, *Китоб- ул-Либос*, 4098.

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

«*Аз аҳли дӯзах ду гурӯҳ ҳастанд, ки ман онҳоро ҳануз надидаам. Як гурӯҳи онҳо – касоне, ки дар дастонашон тозиёна аст. Бо он тозиёна онҳо дигаронро мезананд. Гурӯҳи дигар заноне, ки гуё либос доранд, лекин дар навбати худ боз урёнанд. Сари онҳо ба кӯҳони уштур монанд аст. Онҳо ба биҳишт намедароянд ва ҳатто бӯи онро ҳис намекунанд. Ҳол он ки дар масофаи онҳо буда, бӯи ҷаннат ҳис карда мешавад*».[182]

«*Мард мемурад агар* инони *ихтиёр ба зан диҳад*».[183]

Баъзе рафторҳои зан, ки лаънат карда шудаанд инҳоянд: дар маърази тамошо нигоҳ доштани тилло ва дигар чизҳои ороишӣ, ки зери либосанд; истифодаи хушбӯиҳо, мисли мушк, амбар ва ғ. (вақте дар наздики мардҳои бегона истодааст); пӯшидани либоси рангаш баланд, ки диққати дигаронро ҷалб кунад.[184]

182 Муслим, Китоб- ул-Ҷаннат, 2128.
183 Аҳмад ибни Ҳанбал, 5/45.
184 Мулоҳизаи тарҷумон. Дар вақтҳои охир ҳодисаи рад кардани занону духтарони мо пӯшидани либосҳои барояшон маъмул зиёд шуда, пӯшидани либосҳои мардона анана шудааст. Ин нишонаи фитнаангезӣ ва бадахлоқии ҷинси занона мебошад. Чӣ тавре сардори яке аз синдикатҳо (фирмаҳои хориҷӣ) гуфтааст! «Пӯшидани сар ва пӯшондани мӯй –ин як чиз нест».

*29 гуноҳи кабира*

## НИКОҲИ ХУЛЛА[185]

Ибни Масъуд ﵁ нақл мекунад:

«*Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) лаънат кард мардеро, ки ҳамчун миёнрав зан мегирад ва мардеро, ки барои вай никоҳи хулла (ҳалолӣ) анҷом дода мешавад*».[186]

Ин ҳадисро Тирмизӣ, Абӯ Довуд ва Ибни Моҷа аз ҳазрати Алӣ ﵁ ривоят кардаанд.

Ҳар касе аз заифии мактабҳои мазҳабӣ истифода бурда ба ин кор даст задааст ва аз ҳаром будани он надонистааст, фақат ба раҳму шавқати Худои Мутаъоло умед бояд бандад.

---

185 Ин никоҳест, ки баъди он бояд занро талоқ диҳӣ, то тавонад ба назди шавҳари аввалааш, ки ӯро 3 талоқ карда буд, баргардад.

186 ан-Насоӣ, Китоб- ут-Талоқ; Тирмизӣ, Китоб- ун-Никоҳ, 1120

## ДАР ХӮРОК ИСТИФОДА КАРДАНИ ХУН, ГӮШТИ МОЛИ ХУДМУРДА ВА ХУК

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

«**Бигӯ: «Дар миёни он чи ба сӯи ман ваҳй фиристода шудааст, ҳеҷ чизеро, ки хӯрдани он барои хӯранда ҳаром бошад, намеёбам, магар он ки мурдор бошад; ё хуни рехташуда; ва гӯшти хук, ки ҳар оина нопок аст; ё он чи фисқ бошад , ки бар** [забҳи] **он барои ғайри Худо овоз баланд карда шудааст». Ва ҳар ки дармонда шавад,** [агар] **ситамкунанда ва аз ҳадгузаранда набошад, пас, ҳамоно Парвардигори ту Омурзандаи Меҳрубон аст**» (ал-Анъом,145).

Касе чизҳои номбаршударо бе зарурат дар хӯрокаш илова кардааст, аз зумраи гунаҳгорон аст. Муаллиф чунин намешуморад, ки касе аз мусулмонон қасдан дар хӯрокаш гушти хукро истифода барад. Агар одаме ин амалро кунад моҳияти ӯ гум ме-

шавад ва ӯ ба зумраи кофирон дохил мешавад. Дар чашми мусулмонон истеъмоли гушти хук бадтар аз нӯшидани шароб аст.

Аниқ маълум аст, ки Расули Худо ﷺ гуфтааст: *«Касе ҳаром мехӯрад ба биҳишт намедароядр, ҷазои ӯ дӯзах аст»*.

*31 гуноҳи кабира*

## БЕАҲАМИЯТӢ НИСБАТИ ПЕШОБ

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва ҷомаҳоятро пок соз;** » (ал-Муддассир, 4).

Расули Худо ﷺ аз байни ду қабр гузашта истода гуфт:

*«Онҳо ҳардуяшон азоб мебинанд. Лекин ин азоб на аз барои гуноҳи кабираашон аст. Яке аз онҳо худро аз пешоб тоза нигоҳ надошт, дигаре суханчинӣ кард».*

Анас ؓ аз Расули Худо ﷺ нақл мекунад, ки вай гуфт: *«Худро аз пешоб тоза нигоҳ доред, зеро қисми зиёди азоб дар гӯр аз он аст».*

Ҳамчунин намози одаме, ки худ ва либосашро аз расидани пешоб нигоҳ намедорад, қабул намешавад.

*32 гуноҳи кабира*

## АНДОЗЧИНИ БЕАДОЛАТ

**«Ҷуз ин нест, ки роҳ(-и маломат) бар он касоне аст, ки мардум зулм мекунанд ва дар замин ноҳақ фасод металабанд; барои онҳо азоби дарддиҳанда аст»**(аш-Шӯро, 42).

Ҳадиси зерин дар бораи зане, ки зино кардааст ва ӯро сангсор кардаанд мебошад. Дар бораи ӯ Расулуллоҳ ﷺ гуфтааст:

«*Ин зан чунон аз сидқ тавба кард, ки агар одами золим ҳамчун андозчин ҳамин тавр тавба мекард, ҳатман бахшида мешуд*»[187]

Ситамгар ба роҳзан монанд аст. Ӯ аз дузд бадтар аст.

Ӯ аз ҳама мардум ситамгартар аст, зеро ҳамеша зарба мезанад. Онҳое, ки ба ӯ дар ин бадахлоқиҳо ёрӣ медиҳанд, он одамонеро, ки аз онҳо мол мегиранд,

187 Муслим, Китоб-ул-Њудуд, 1659; Абӯ Довуд, Китоб-ул-Ҳудуд, 4440

мепоянд ва молро ҷамъ карда тарака менамоянд, низ ба ситамгарон дохил мешаванд. Намояндагони низомиён, одамони намоён ва амалдороне, ки ба онҳо ёрӣ медиҳанд, низ ба ин гуноҳ дохил мешаванд.

## МУНОФИҚӢ

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Онон аз мардон ва занон ки мӯъмин бошанд ва корҳои шоиста кунанд, ба биҳишт дароянд ва миқдори нақире ситам карда нашаванд**» (ан-Нисо,124)

«**... Ҳамчун касе, ки моли худро барои намоёндан ба мардум харҷ мекунад**» (ал-Бақара, 264).

Пайғамбар ﷺ мегӯяд:

«Рӯзи қиёмат аз ҳама пеш такдири шаҳид ҳал мешавад. Вайро ба назди Аллоҳ меоранд. Аллоҳ Таъоло ҳамаи мукофотҳои некро номбар мекунад, ӯ онҳоро мепазирад, сипас Худо аз вай мепуррсад:

- *Ту барои ноил шудан ба онҳо чӣ кор кардӣ*?

Шаҳид мегӯяд: «Ман барои Ту ҷангидам ва кӯшта шудам».

Худои Таъоло мегӯяд :

*- Ту дурӯғ мегӯӣ. Ту барои он ҷанг кардӣ, ки мардум туро ҷасур гӯянд. Ва онҳо инро гуфтанд.* Пас, ҳукм карда мешавад ва ӯро ба дӯзах мефиристанд.

Дуюм одаме, ки дар ҳаққи ӯ ҳукм карда мешавад, касест, ки илм меомӯзад, илм меомӯзонад ва Қуръон мехонад. Аллоҳ Таъоло ҳамаи хайроти ӯро номбар мекунад ва ӯ қабул мекунад.

*- Ту барои онро соҳиб шудан чӣ кор кардӣ?* –мепурсад Аллоҳ Таъоло. Одам мегӯяд: «Илмро омӯхтам ва омӯзонидам. Қуръон хондам, то раҳмати Туро сазовор шавам».

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

*- Ту дурӯғ мегӯӣ.Ту илмро омӯхтӣ, то ки мардум туро гӯянд: «Вай олим аст», Қуръон хондӣ, то ки туро гӯянд: «Вай қории хуб аст». Ҳамаи онҳо ҳамин хел ҳам гуфтанд.*

Пас, ҳукм бароварда мешавад ва ӯро ба дӯзах мебаранд.

Шахси дигар он мешавад, ки Худои Таъоло ба вай ҳама чизро медиҳад ва ӯ ҳама чизро дорост. Вайро низ ҳамин тавр меоранд ва хайроти ӯро барояш мефаҳмононанд ва ӯ онро қабул мекунад.

*- Ту барои соҳиб шудан ба ин мукофот чӣ кор кардӣ?* – Мепурсад, Аллоҳ Таъоло. Одам мегӯяд: «Ман ягон имкониятро барои дар роҳи хайр сарф кардани молам аз даст надодам. Ва ман инро танҳо барои хотири Ту кардам.»

Худои Таъоло мегӯяд:

*- Ту дурӯғ мегӯӣ. Ту инро барои он кардӣ, ки мардум туро гӯянд: «Вай сахӣ будааст.» Ва онҳо гуфтанд.*

Пас, ҳукм бароварда мешавад ва ӯро ба дӯзах мебаранд.[188]

Ибни Умар ﷺ мегӯяд:
«Баъзу мардумон ба ман гуфтанд: «Вақте мо дар назди касе ҳастем, ки вай бар мо ҳоким аст як чиз мегӯем, лекин вақте аз ӯ дур мешавем чизи дигар мегӯем». Ибни Умар гуфт: «Дар вақте Расули Худо ﷺ ин амал дурӯягӣ буд»[189]

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Аллоҳ касеро ки дурӯягӣ карда, ба дигарон дар бораи корҳои худаш лоф мезанад ва моҳияти онҳоро ба намоиш мегузорад, ғамгин мекунад*»[190]

Муоз ﷺ аз номи Пайғамбар ﷺ ривоят мекунад:

«*Ҳатто камтарин дурӯягӣ ширк аст*». [191]

---

188 Муслим, Китоб-ул-Имора, 1905; Тирмизӣ, Китоб- уз-Зуҳд, 2387.
189 Бухорӣ, Китоб-ул-Аҳкам, 7178.
190 Бухорӣ, Китоб- ул-Риқоқ, 6499; Муслим, Китоб- уз-Зуҳд, 2986.
191 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ур-Риқоқ, 4/328.

## ХИЁНАТКОРӢ

«**Эй мӯъминон, ба Худову Расул хиёнат макунед ва дар амонатҳои якдигар хиёнат макунед; ва [ҳол он ки ] шумо медонед!**» (ал-Анфол, 27).

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Имон нест касеро, ки вавариро ба ҷо намеоварад; Имон нест касеро, ки ваъдаро вафо намекунад»*[192]

*«Мунофиқро се аломат аст: вақте сухан мегӯяд-дурӯғ мегӯяд; вақте ваъдае медиҳад – вафо намекунад; вақте ба вай боварӣ мекунанд-хиёнат мекунад»*[193]

Хиёнат дар ҳама зуҳуроташ зишт аст. Лекин хиёнаткорон метавонанд гуногун бошанд-баъзеи онҳо аз дигарашон бадтаранд. Касе пули шуморо хиёнат кард, ба касе, ки хона ва молро хиёнат кард ё ягон гуноҳи кабира кард, баробар нест.

192 Аҳмад ибни Ҳанбал, 3/135.
193 Масдараш пеш нишон дода шуда аст.

## КАСБ КАРДАН ВА Ё ПИНҲОН ДОШТАНИДОНИШ АЗ БАРОИ МАНФИАТИ ДУНЁӢ

«**Ҷуз ин нест, ки аз бандагони Худо фақат олимон аз Ӯ метарсанд**» (Фотир,28).

«**Ҳамон касоне, ки он чиро, ки аз сухани равшан ва ҳидоят фуруд овардаем** ва **баъд аз он, ки онро барои мардум дар Китоб баён кардем, мепӯшанд; онҳоро Худо лаъант мекунад ва онҳоро лаънаткунандагон лаънат мекунанд**» (ал-Бақара,159).

«**Ҳамоно касоне, ки чизҳоеро аз Китоб мепӯшанд, ки Худо фуруд овардааст ва ба ивази он баҳои андак меситонанд**» (ал-Бақара,174).

«**Ва (ёд кун) чун Худо аз аҳли китоб паймон гирифт, ки Китобро барои мардум , албатта, баён кунед ва онро пӯшида надоред. Пас, он паймонро паси пушти хеш биандохт ва ба ивази вай баҳои андак гирифтанд. Пас, бад чизе аст, ки меситонанд!**» (Оли Имрон,187).

Расули Худо ﷺ гуфтааст:

«*Одаме, ки илмро танҳо барои таъминоти моддии худ гирифтааст, на барои дарёфтани раҳмати Худо, дар Рӯзи қиёмат бӯи ҷаннатро намебинад*».[194]

Дар ҳадиси пештар аз номи Абӯ Ҳурайра ﵁ овардашуда, омадааст, ки ба яке аз дӯзахиён гуфта мешавад:

«*Ту илм омӯхтӣ барои он  ки мардум ба ту гӯянд: «Вай олим аст»…Онҳо ҳамин тавр гуфтанд*».[195]

Аз Ҷобир ﵁ ривоят мекунанд:

«*Илмро барои он наомӯзед, ки ба олимон нишон диҳед, ба муқобили мардуми оддӣ мубориза баред ва иззати онҳоро ба даст оред. Оташи дӯзах бо чунин одамон! Оташи дӯзах!*».[196]

«*Ҳар касе илмро барои он меомӯзад, ки ба олимон нишон диҳад, ба муқобили мардуми оддӣ мубориза барад ва иззати одамонро ба даст орад, ба дӯзах меафтад*». Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад: «*Худо вайро ба дӯзах мефиристад*».

«*Ба ҳар касе, ки Рӯзи қиёмат аз ягон чиз мепурсанд ва ӯ ҳақиқатро мепӯшонад, лаҷоми оташин мезананд*».[197]

Ибни Умар ﵁ накл мекунад:

194 Абӯ Довуд,  Китоб-ул-Илм, 3664; Ибни Моҷа, Муқаддима, 252.
195 Муслим, Китоб-ул-Имора, 1905; Тирмизӣ, Китоб-уз-Зуҳд, 2387.
196 Ҳоким, Мустадрак, Китоб-ул-Илм, 1/86.
197 Тирмизӣ, Китоб-ул-Илм, 2656.

*«Ба ҳар касе, ки Рӯзи қиёмат дониши худро мепӯшонад, Худо лаҷоми оташин мепӯшонад».*[198]

Расулуллоҳ ﷺ ба Худованд чунин дуо кард: *«Эй Худои ман! Маро аз илми ғайри нофеъ нигоҳ дор».*[199]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Ҳар касе илм мегирад на аз барои ризояти Худо, балки барои ким чизи дигар, бигзор дар дӯзах барои худ ҷой гирад».*[200]

Ибни Масъуд ؓ мегӯяд:

*«Ба инсоне, ки илм омӯхтааст, аммо онро истифода накардааст, чизе изофа намешавад, магар такаббур».*[201]

Абӯ Умома ؓ нақл мекунад:

*«Рӯзи қиёмат олими бадахлоқро оварда, ба дӯзах мефиристанд, Вай дар гирди рӯдаҳои худ мисли харе, ки осёбро чарх мезанад, давр мезанад. Аз ӯ мепурсанд:*

*«Барои чӣ ту дар инҷо ҳастӣ? Ҳол он ки ту моро рост нишон дода будӣ ».*

*Ӯ чунин ҷавоб медиҳад:*

*«Ман он чиро ба шумо маслиҳат дода будам, риоя накардам ва ҳаромро анҷом додам, ҳарчанд кардани онро ба шумо манъ эълон дошта будам».*[202]

---

198 Тирмизӣ, Китоб- ул-Илм, 2656.
199 Тирмизӣ, Китоб-уд-Давот, 3478; ан-Насой, Китоб- ул-Истиоза, 8/255.
200 Ҳоким, Мустадрак, Китоб-ул-Илм, 1/101.
201 Тирмизӣ, Китоб-ул-Илм, 2657.
202 Бухорӣ, Китобу Бадъ-ил-Халқ, Муслим, Китоб- уз-Зуҳд, 2989.

Халил ибни Ало ﷺ мегӯяд:

«Илмро аз худ кардан душвор аст. Лекин онро нигоҳ доштан боз ҳам душвортар. Тибқи он амал намуда, зиндагӣ кардан аз нигоҳ доштан ҳам душвортар. Боз аз ҳама душвортар-худро ҳимоя намудан ва наҷот бахшидан бо ёрии он аст».

## САДАҚАИ БОМИННАТ(БОМАЛОМАТ)

«**Хайроти худро ба миннат ниҳодан ва озурда кардан табоҳ макунед**». (ал-Бақара, 204).

Дар ҳадиси саҳеҳ гуфта мешавад:

*«Се гурӯҳи одамонанд, ки Аллоҳ Таъоло дар Рӯзи қиёмат бо онҳо сухан намегӯяд, ба онҳо назар намекунад ва онҳоро мағфират намекунад:*

1. *Мутакаббир, ки либосашро то замин сар додааст;*
2. *Одаме, ки ба доди Худо норозист;*
3. *Одаме, ки моли худро бо қасами дурӯғ мефурӯшад».*[203]

Абӯ Умома ал-Бахилӣ ﵁ аз Расулуллоҳ ﷺ ривоят мекунад, ки мегӯяд:

«Аллоҳ Таъоло садақот ва садоқати се одамро намепазирад: касе иззати падару модарро намедорад, касе аз паси хайраш миннат (маломат) мекунад, касе тақдирро инкор мекунад».

203 Ибни Аби Осим, ас-Сунна, 1/142; Албонӣ ин ҳадисро хуб номид.

## ИНКОРИ ТАҚДИР

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

**«Ба дурустӣ, ки Мо ҳар чизро ба андозаи муқаррар пайдо кардем»** (ал-Қамар,49).

«**Ва (ҳол он ки) Худо шуморо ва он чиро ки мекунед, офаридааст**» (ас-Соффот, 96).

«**Ҳар киро Худо гумроҳ созад, пас барои ӯ ҳеҷ роҳнамое нест**» (ал-Аъроф, 186).

«**Оё касеро дидӣ, ки хоҳиши нафси худро худои худ гирифтааст; ва Худо ӯро –бо вуҷуди дониш-гумроҳ кард ва бар гӯшу дилаш муҳр ниҳод ва бар чашмаш парда пайдо кард? Пас, кист баъди Худо, ки ӯро роҳ намояд? Оё панд намегиред!**» (ал-Ҷосия, 23).

«**Ва шумо чизеро намехоҳед, магар вақте, ки Худо хоҳад**» (ал-Инсон, 30).

«**Сипас шинохти гуноҳи ӯву парҳезгории ӯро дар дилаш андохт**» (аш-Шамс, 8).

Дар ин бора далеҳои зиёди раднашаванда ҳастанд.

Дар ҳадисе, ки Бухорӣ ва Муслим аз Расули Худо ﷺ дар ҷавоби Ҷабраил عليه السلام, ки пурсид: «Ё Расулаллоҳ! Имон чист ?», ривоят мекунанд:

«*Имон ба Худо, ба малоики Ӯ, ба китобҳои Муқаддаси Вай, ба пайғамбарони Ӯ, ба зинда гардонидан баъд аз миронидан, ба тақдир*» [204]

Ҳазрати Оиша رضي الله عنها аз Расули Худо ﷺ меорад, ки гуфтааст:

«*Шаш одаманд, ки ман онҳоро лаънат мехонам. Онҳоро Худо ва ҳамаи пайғамбаронаш лаънат мекунанд. Инҳо инкоркунандагони тақдир; касе, ки аз навиштаи Китоби Худои Таъоло зиёд мекунад; ҳокими золим, касе, ки ҳароми Худоро ҳалол медонад; касе ба хеши наздикаш ба никоҳ медарояд; касе, ки суннати маро тарк мекунад* ».[205]

Абӯ Дардо رضي الله عنه меорад:

«*Касоне, ки иззати падару модарро ба ҷо намеоранд, тақдирро рад мекунанд ва шароб менӯшанд, ба биҳишт ворид намешаванд*».[206]

Ибни Умар رضي الله عنه суханҳои Расули Худо ﷺ –ро меорад:

204 Бухорӣ, Китоб-ул-Имон, 50; Муслим, Китоб-ул-Имон, 9-10.
205 Тирмизӣ, Китоб-ул-Қадар, 2155.
206 Аҳмад ибни Ҳанбал, 6/441.

*«Касоне тақдирро рад мекунанд ба оташпарастони уммати ман монанд мебошанд. Ба аёдат наравед, вақте онҳо беморанд. Ба ҷанозаи онҳо низ наравед».*[207]

Ибни Умар ﷺ мегӯяд:

*«Ман шунидам, ки Расулуллоҳ ﷺ гуфт:*

*Дар уммати ман одамоне пайдо мешаванд, ки тақдирро рад мекунанд»*[208]

Нофӣ ривоят мекунад:

Ба назди ибни Умар ﷺ марде омад ва гуфт:

«Ман ба ту аз фалонӣ салом овардам», дар ҷавоб ӯ гуфт:

«Ман шунидам, ки вай чизе нав фикр карда баромадааст. Агар ин рост аст, ту аз ман ба вай салом нарасон, зеро ман шунидам, ки Расули Худо ﷺ гуфтааст:»

*«Зуд аст, ки аз ин уммат одамоне пайдо мешаванд, ки дар чиркинӣ гута мезананд ва аз роҳ мебароянд».*

Ҳазрати Алӣ ﷺ аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад:

*«Мӯъмини ҳақиқӣ намешавад инсон, то вақте ба чор ҳақиқат имон наорад: ба Худои ягона ва он ки Ӯ шарик*

207 Ҳоким, Мустадрак, 1/85.
208 Ҳоким, Мустадрак, 1/84.

*надорад; ба он ки ман-Расули Худоям; ба зинда гардонидан баъд аз миронидан ва тақдир».*[209]

Ҷобир ﷺ аз Расулуллоҳ ﷺ ривоят мекунад, ки гуфтааст:

«*Оташпарастони уммати ман-инкоркунандагони тақдиранд. Вақте онҳо беморанд, ба аёдати онҳо наравед, вақте онҳо мемиранд ба ҷанозаи онҳо наравед, вақте бо онҳо дар кӯча вомехӯред, ба онҳо салом надиҳед* »[210]

Муоз ибни Ҷабал ﷺ меорад:

Расули Худо ﷺ мегӯяд:

«*Дар ҳар як уммати пайғамбароне, ки Худо фиристодааст, инкоркунандагони тақдир ва фасодкорон буданд. Ба дурустӣ, Худо бо забони ҳафтод пайғамбар инкоркунандагони тақдир ва мурҷиаро лаънат кардааст* ».[211]

Абӯ Ҳурайра ﷺ нақл мекунад:

«*Се гурӯҳи одамонанд, ки дар Рӯзи қиёмат Худои Таъоло бо онҳо сухан намегӯяд, бо онҳо назар намекунад ва онҳоро мағфират намекунад:*

1. *Инкоркунандаи тақдир;*
2. *Шаробхор;*
3. *Касе, ки фарзанди худашро эътироф намекунад*».

---

209 Тирмизӣ, Китоб-ул-Қадар, 2146; Ибни Моҷа, Муқаддима, 81.
210 Ибни Абӯ Осим, ас-Сунна, 1/144.
211 Ибни Абӯ Осим, ас-Сунна, 1/142.
212 Ибни Абӯ Осим, ас-Сунна, 1/147.

Ҳузайфа ﷺ аз Пайғамбар ﷺ ривоят мекунад:

*«Дар ҳар уммат оташпарастони худаш ҳастанд. Дар ин уммат, онҳо касонеанд, ки мегӯянд, тақдир нест».*[213]

Оиша ﷺ меорад:

*«Инкоркунандагони тақдир-оташпарастони ин умматанд».*[214]

*«Дар уммати ман ду гурӯҳеанд, ки аз ислом чизе намегиранд: қодирия ва мурҷиа».*[215]

Ҳузайфа ﷺ меорад:

« Аллоҳ Таъоло –Офаридгори ҳамаи эҷодкорон ва эҷодшудаи онҳо мебошад».[216]

---

213 Ибни Абӯ Осим, ас-Сунна, 1/146.
214 Ибни Абӯ Осим, ас-Сунна, 1/147.
215 Ибни Абӯ Осим, ас-Сунна, 1/158.
216 Ҳоким Мустадрак, Китоб- ул-Имон 1/31; аз-Заҳабӣ дар Талхис мегӯяд, ки ин ҳадис тибқи гуфтаи Муслим саҳеҳ мебошад.

*38 гуноҳи кабира*

## ОШКОР КАРДАНИ СИРРИ ДИГАРОН

Шояд ин гуноҳ ба қатори гуноҳони азим дохил нашавад.

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва ҷосусӣ мекунед ва якдигарро ғайбат мекунед**» (ал-Ҳуҷурот, 12).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Дар Рӯзи қиёмат дар гӯшҳои касе, ки сухани одамонеро, ки шунидани гапашонро аз тарафи касе намехоҳанд, гӯш мекунад сурб об карда мерезанд ва касе сурат мекашад, ба ҷазо гирифтор мешавад, инчунин ӯро маҷбур мекунанд ба он ҷон диҳад, ки ин корро ҳаргиз карда наметавонад*».[217]

217 Бухорӣ, Китоб-ут-Таъбир, 7042.

## ***Лаъната кардан***

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Лаънат кардани мӯъмин баробари куштани ӯст».*[218]

*«Лаънат кардани мӯъмин гуноҳ ва куштани ӯ куфр аст».*[219]

*«Рӯзи қиёмат лаънатгар шафоаткунанда ва шоҳид буда наметавонад».*[220]

*«Одами муттақӣ лаънат намефиристад».*[221]

*«Касе, ки дар паи шармсор кардани мардум аст, айбҷӯ, лаънатгар, ҳақоратчӣ ва лағвгӯй аст, мусулмон нест».*[222]

*«Ба дурустӣ, вақте одам лаънат мекунад, лаънати вай ба осмон боло мешавад. Дарҳои осмон пӯшида гарди-*

218 Бухорӣ, Китоб-ут-Таъбир, 7042.
219 Бухорӣ, Китоб-ул-Адаб, 6047; Муслим, Китоб-ул-Имон, 110.
220 Муслим, Китоб-ул-Бирр, 2598.
221 Муслим, Китоб-ул-Бирр, 2597.
222 Тирмизӣ, Китоб-ул-Бирр, 1978.

*да садди роҳи ӯ мегарданд. Пас вай аз боло ба зер меояд ва дарҳои замин ҳам пӯшида мегарданд. Лаънат худро ба росту чап зада ҷой мекобад. Агар вай барои худ ҷой наёбад одами лаънатшуда шоистаи лаънат бошад, он ба сӯи ӯ равона мешавад. Агар он шоистаи лаънат набошад, ба сари худи лаънаткунанда омада мезанад».*[223]

Имрон ибни Ҳусайн ﷺ мегӯяд:

«Дар яке аз муҳорибаҳо зани ансорие болои уштур менишаст. Он аз ҷой намеҷунбид. Пас, зан ӯро лаънат кард. Лаънатро шунида Пайғамбар ﷺ гуфт:»

«*Ин уштур лаънатшуда гардид, борро аз ӯ канед ва онро раҳо кунед*».[224]

Имрон ибни Ҳусайн ﷺ мегӯяд:

«Ба назари ман чунин мерасад, ки ин уштур то ҳоло миёни мардум мегардад ва касе ба сӯи он даст намебарад».

223 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Адаб, 4905.
224 Муслим, Китоб-ул-Бирр, 2595

## ИТОАТ НАКАРДАНИ АМР

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва ба паймон вафо кунед; ба дурустӣ ки аз паймон пурсида хоҳад шуд**» (ал-Исро, 34).

«**Эй муъминон ба паймонҳо вафо кунед**» (ал-Моида, 1).

«**Ва ба паймони Худо-чун паймон бандед-вафо кунед ва савгандҳоро –баъди муҳкам сохтани онҳо –машиканед! Ва ба дурустӣ ки Худоро бар хеш Нигоҳбон сохтаед**» (ан-Насой-Наҳл, 91).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Мунофиқи ҳақиқӣ он аст, ки чор хислати дурӯягиро дошта бошад. Касе, ки яке аз онҳоро дошта бошад, қисман мунофиқ аст ва аз он хориҷ намешавад, то он хислатро тарк нанамояд:*

1. *Амонатро хиёнат мекунад;*
2. *Дурӯғ мегӯяд;*

3. *Паймонро мешиканад;*

4. Дар ҷанг ноҳаққӣ мекунад»[225]

*«Дар Рӯзи қиёмат аз паси ҳар хоин байрақчае мемонанд ва дар он навишта шудааст, ки ин байрақчаи фалон хиёнаткунанда аст. Ҳушёр бошед, аз рӯи дараҷа аз ҳама хиёнати калон ва хатарнок аз они касест, ки бар ҷамъият ҳукумат мекунад».*[226]

Худованд дар ҳадиси қудсӣ мегӯяд:

*«Дар Рӯзи қиёмат се кас душманони Ман хоҳанд буд:*

1. *Касе, ки ваъда кард аз барои Ман, сипас аз қавлаш баргашт.*

2. *Касе, ки инсонеро ба ғуломӣ фурӯхт ва пули фурӯшро хӯрд.*

3. *Касе, ки мардеро ба кор гирифт ва баъди иҷро шудани кор ҳаққашро напардохт».*[227]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Ҳар касе, ки мехоҳад аз оташи дӯзах дур бошад ва аз аҳли биҳишт бошад, бигзор бо имон ба Худо ва Рӯзи қиёмат бимирад. Дар зиндагӣ бояд вай бо одамон ҳамчунин муносибат кунад, ки онҳо бо ӯ. Бигзор инсон ба халифае, ки бо дасту дилаш ба ӯ қасам ёд кардааст, ито-*

225 Муттафиқун алайҳи.
226 Муслим, Китоб-ул-Ҷиҳод, 1738.
227 Бухорӣ, Китоб-ул-Буюъ, 2227.

*ат кунад. Ва он одамеро, ки омада барои ҷои ӯ мубориза мебарад, гарданашро бибуред »*[228]

«*Ҳар касе ба ман итоат кунад, ба Худо итоат кардааст. Ҳар касе ба ман беитоатӣ кунад, ба Худо беитоатӣ кардааст. Ҳар касе амрро итоат кунад, маро иотат кардааст. Ҳар касе беитоатии амр кунад, маро итоат накардааст*».[229]

«*Инсонеро, ки амр маъқул нест, бигзор сабр кунад, зеро касе аз амир (ҳукмрон) –и худ як ваҷаб дур шавад, ҳамчун ҷоҳил ҷон месупорад*».[230]

«*Касе як ваҷаб аз ҷамъият дур шавад, алоқааш аз ислом сахт канда мешавад*».[231]

Ҳеч чиз барои инсон бадтар аз он нест, ки аввал қасам ёд кунад, сипас, онро риоя накунад.

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Инсоне, ки ба сӯи мо яроқ рост мекунад-аз они мо нест*».[232]

228 Муслим, Китоб-ул-Имора, 1844.
229 Бухорӣ, Китоб- ул-Аҳком, 7137; Муслим, Китоб- ул-Имора, 1835.
230 Бухорӣ, Китоб- ул-Фитан, 7052; Муслим, Китоб- ул-Имора, 1849.
231 Ҳоким, Мустадрак, Китоб-ул-Илм, 1/117.
232 Бухорӣ, Китоб- ул-Фитан, 7070; Муслим, Китоб- ул-Имон, 100, Китоб-ул-Ҳудуд, 1459.

*41 гуноҳи кабира*

## БОВАР КАРДАН БА ҲАРФИ ФОЛБИН

«**Ва паи чизе марав, ки туро дониши он нест; ба дурустӣ ки аз ҳар яке аз гӯшу чашм ва дил пурсида хоҳад шуд!**» (ал-Исро, 36).

«**Эй мӯъминон, аз гумони бисёр дурӣ ҷӯед, ҳар оина баъзе аз гумонҳо гуноҳ аст;**» (ал-Ҳуҷурот, 12).

«[Ӯ] **Донандаи пинҳон аст; ва ҳеҷ якеро ба илми ғайби худ огоҳ намесозад, магар касеро аз пайғамбар, ки ӯро писанд оянд. Пас, ба дурустӣ ки Худо пеши вай ва аз паси пушти вай (фариштагони нигаҳбонро равон мекунад)**» (ал-Ҷин. 26-27).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Инсоне, ки фолбин ё пешгӯикунандаеро дида ба суханони вай шоҳидӣ медиҳад (онҳоро рост мешуморад), бо ин ӯ Қуръонеро, ки ба Муҳаммад нозил шудааст, инкор мекунад*».[233]

---

233 Абӯ Довуд, Китоб-ут-Тибб, 3904.

*«Боре баъди шаби боронӣ субҳ Расули Худо ﷺ гуфт:*

*«Аллоҳ Таъоло фармуд:»*

*«Баъзе бандаҳои ман бо имон бедор шуданд ва баъзеи дигарашон бе имон. Касе, гуфт, ки борон бо амри Худо рехт бо ин кораш ба Ман имон овард ва ситораҳоро инкор намуд. Касе гуфт, ки борон борид аз барои он ки ситораҳо баромаданд, маро инкор намуд ва ба ситораҳо имон овард».*[234]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Инсоне тасдиқ мекунад, ки ким кадом илмеро аз ситораҳо гирифтааст, дар амал илми соҳириро гирифтааст».*[235]

234 Бухорӣ, Китоб- ул-Азон, 846; Муслим, Китоб- ул-Имон, 7.
235 Абӯ Довуд, Китоб-ут-Тибб, 3905.

*42 гуноҳи кабира*

## ИТОАТ НАКАРДАНИ ЗАН ШАВҲАРРО

«**Мардон-ба сабаби он ки Худо баъзе одамиёнро бар баъзе бартарӣ додааст; ва ба сабаби он ки аз амволашон харҷ кардаанд, бар занон корсози тасаллутёфта шудаанд. Пас, занони некӯкор фармонбардоранд ва дар ғайбат (-и шавҳар) нигоҳдорандаи чизеанд, ки Худо онро нигоҳ доштааст ва он занонеро ки аз саркашиашон тарс доред, панд диҳед; ва пас, дар хобгоҳ онҳоро тарк кунед, пас, онҳоро бизанед; ва агар ба шумо фармонбардорӣ карданд, пас бар онҳо роҳ(-и ситам) маҷӯед! Ба дурустӣ, ки Худо Баландмартабаи Бузургқадр аст**» (ан-Нисо, 34).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Агар шавҳар занро ба рахти хоб даъват кунад, лекин вай рад кунад ва мард ғазаболуд хобаш барад фариштаҳо занро то саҳар лаънат мекунанд* ».

Бухорӣ ва Муслим ҳадиси муттафиқун алайҳи овардаанд: «*Фариштаҳо лаънат мекунанд занеро, ки ҷойгоҳи хобро тарк мекунад*»

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

*«Қасам ба Он касе, ки ҷони ман дар қабзаи Ӯст, агар шавҳар занро ба ҷойгаҳ даъват кунад ва ӯ инкор кунад, Худо ӯро ҷазо медиҳад, то он даме, ки шавҳарро қонеъ нагардонад»*[236]

*«Ба зан иҷозат нест худсарона рӯза гирад, дар ҳолати будани шавҳар ва иҷозат надодани он ба ин кор. Ҳамчунин иҷозат дода намешавад ба зан, ки ба хонаи шавҳар касеро ворид кунад, агар ба он иҷозати шавҳар набошад»*[237].

*«Агар Ман амр мекардам дар замин касеро парастидан пас, ин шавҳар мебуд, ки зан ӯро мепарастид»*.[238]

Расули Худо ﷺ чунин гуфт холаи Муҳсинро, ки чизе дар бораи шавҳар мегуфт:

*«Оҳиста бош, бар он ки ту бо ӯ чи гуна муомила дорӣ, зеро вай биҳишт ва дӯзахи туст»*.[239]

*«Аллоҳ нигоҳ намекунад бар зане, ки сипосгузорӣ намекунад шавҳарро, ҳарчанд, ки ӯро итоат намекунад»*.[240]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Фариштаҳо лаънат мекунанд занеро, ки бе иҷозат аз хона мебарояд, то омаданаш ё то он даме вай пушаймон нашавад»* .[241] Дар ин мавзӯъ ҳадисҳои зиёде омадаанд.

---

236 Бухорӣ, Китоб- ун-Никоҳ, 5193, Муслим, 1436.
237 Бухорӣ, Китоб- ун-Никоҳ, 5195.
238 Тирмизӣ, Китоб- ул-Ридо, 1159.
239 Муаллиф ба ҳайси масдари ин ҳадисҳо Сунани ан-Насоиро нишон додааст, аммо дар Сунан онҳо нестанд. Шояд онҳо дар ас-Сунан-ул-Кубро бошанд (муҳаққиқ).
240 Ба истиноди аввал нигоҳ кунед.
241 Маҷмаъ-уз-Завоид, 4313.

# ҚАТЪИ СИЛАИ РАҲМ (АЛОҚАРО АЗ ХЕШОВАНДОН БУРИДАН)

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ва аз Худо битарсед, ки ба (номи) Ӯ аз якдигар суол мекунед! Ва аз (қатъи) хешовандӣ (битарсед!) Бадурустӣ ки Худо бар шумо Нигаҳбон аст**» (ан-Нисо, 1).

Маълум мешавад ҳамоно, ки шумо мустаҳкам шудед, дар рӯи замин беадолатиҳо мекунед ва алоқаро аз хешовандон мебуред?

«**Таваққуъ аст, ки дар замин табоҳкорӣ кунед ва қатъи** [пайванди] **хешовандӣ намоед. Онҳо касонеанд, ки Худо онҳоро лаънат кард, пас, онҳоро кар сохт ва чашмҳояшонро кӯр кард**» (Муҳаммад, 22-23).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Дохил намешавад ба биҳишт он ки алоқаро аз хешовандон канд*».[242]

242 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 5984; Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2556.

*«Бигзор алоқаро хуб кунад бо хешовандон, ҳар ки ба Худо ва Рӯзи қиёмат боварӣ дорад»*[243]

*«Ба дурустӣ ҳама чизро Худои Таъоло офарид».*[244]

*«Бигзор алоқаро хуб кунад, ҳар ки мехоҳад ризқаш фаровон ва умраш дароз бошад».*[245]

*«Раҳим (алоқаи хешовандӣ) дар Курсии Аллоҳ овезон аст. Ҳар ки вайро ҳифз кунад, Худованд ӯро ҳифз хоҳад кард, ҳар ки вайро пора кунад, Худо ӯро пора хоҳад кард».*[246]

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

«Аллоҳ Таъоло гуфт:»

*«Ҳар ки хешовандонро хабар гирад, ман ӯро хабар хоҳам гирифт. Ҳар ки алоқаро аз онҳо бибурад, ман ҳам алоқаро аз ӯ хоҳам бурид».*[247]

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ва онон, ки паймони Худоро баъди устувор кардани он мешикананд ва он чи Худо пайванд кардани онро фармудааст, қатъ мекунанд ва дар замин фасод мекунад-онҳоро лаънат ва сахтии он сарой аст**» (ар-Раъд, 25).

Абӯ Ҳурайра ﷺ аз Пайғамбар ﷺ ривоят мекунад, ки гуфт:

243 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6138; Муслим, Китоб- ул-Имон, 47.
244 Бухорӣ, Китоб- ут-Тавҳид, 7502; Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2554.
245 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 5987; Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2556.
246 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 5988; Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2555.
247 Бухорӣ, Китоб- уз-Закот, 1694; Тирмизӣ, Китоб- ул-Бирр, 1908.

«Аллоҳ Таъоло гуфт:»

*«Ба дурустӣ (калимаи) «раҳим» аз калимаи «Раҳмон» аст. Ман алоқаро нигоҳ медорам бо касе, ки онро бо шумо нигоҳ дорад ва алоқаро қатъ мекунам бо касе, ки онро аз шумо кандааст!»*[248]

Одамоне, ки бевосита ин ба онҳо дахл дорад-инҳо касоне ҳастанд, ки доро гаштаанд ва алоқаро ба хешовандони фақир буридаанд.

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Алоқаҳои хешутабориро ақалан бо салом нигоҳ доред»*[249]

248 Абӯ Довуд, Китоб- уз-Закот, 1694; Тирмизӣ, Китоб- ул-Бирр, 1908.
249 Маҷма-уз-Завоид, 8/512.

*44 гуноҳи кабира*

## СУРАТИ ҶОНДОРРО КАШИДАН

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Дар рӯзи растохез Аллоҳ Таъоло аз касоне, ки суратҳои ҷондорро акс мекунонанд, талаб менамояд ба онҳо рӯҳ даманд(ҷон медиҳанд) ва онҳо ин корро ҳаргиз карда наметавонанд».*[250]

*«Ба дурустӣ, Рӯзи қиёмат аз ҳама ҷазои сахт ба души касоне аст, ки ин гуна суратҳоро мекашанд. Ба онҳо гуфта мешавад «Зинда гардонед, он чиро ба вуҷуд овардед».*[251]

Оиша ﵂ нақл мекунад:

«Рӯзе Расули Худо ﷺ аз ҷанги навбати баргашт. Ба болои китфони ман китфпӯши суратдор буд. Расули Худо ﷺ инро дида ранги рӯяш якбора тағйир ёфту ӯро гирифта пора кард. Пас вай гуфт:»

250 Бухорӣ, Китоб- ул-Буюъ, 2225; Китоб- ул-Либос, 5963; Муслим, Китоб- ул-Либос, 2110.

251 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 2950; Муслим, Китоб- ул-Либос, 2109.

*«Эй Оиша! Касоне, ки сурати офаридаҳоро ба Худованди Мутаъол пайравӣ намуда, мекашанд ба ҷазои сахттарин гирифтор мешаванд».*[252]

Дар «Сунан»-и Тирмизӣ чунин ҳадис аст:

«*Аз дӯзах касе мегӯяд:*»

«Ба дурустӣ, ман аз он касонеам, ки ба дигар кас, ғайри Аллоҳ намоз гузоридам, ҳокими мустабиди якрав будам ва расмҳо мекашидам».[253]

«*Ба дурустӣ Рӯзи растохез касонере, ки расм мекашанд, ҷазои сахт дар пеш аст. Ба онҳо гуфта мешавад: «Ҷон диҳед, касонеро сохтед!»*[254]

Ибни Аббос ﵁ аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад, ки гуфтааст:

«*Ҳар як рассом дар дӯзах мешавад. Ба ҳар як расми кашидааш ҷони ӯро медиҳад ва ӯро дар дӯзах азоб медиҳад*».[255]

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Аллоҳ Таъоло гуфтааст: «Кист беадоладтар аз он касе, ки кӯшиш кардааст, чизеро монанд ба офаридаи ман бисозад? Бигзор бисозанд чизеро ҳатто ба* [70]*миқдори донаи арзан ё зарраи ҳаво бошад* »[256]

Ҳамчунин яқинан маълум аст, ки Расули Худо ﷺ рассомонро лаънат кардааст.

---

252 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 2954; Муслим, Китоб- ул-Либос, 2107..
253 Тирмизӣ, Китобу Сифат-ил-Ҷаҳаннам.
254 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 4951; Муслим, 2081.
255 Бухорӣ, Китоб-ул-Буюъ, 2225; Муслим, Китоб- ул-Либос, 2110.
256 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 5953; Муслим, Китоб- ул-Либос, 2111.

## ҒАЙБАТ

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Ғайбатчӣ ба ҷаннат намедарояд*».[257]

Расули Худо ﷺ аз назди ду қабр гузашта истода гуфт:

«*Ба дурустӣ, онҳо ҳардӯяшон азоб мебинанд. Онҳоро на барои гуноҳи кабира ҷазо медиҳанд. Яке аз онҳо ғайбат кардааст, дигарае худро аз пешоб эҳтиёт накардааст*».[258]

«*Бадтарини одамон-дурӯя мебошад. Ба назди як гурӯҳ бо як рӯй ва ба назди дигар гурӯҳ бо рӯи дигар меравад*».[259]

Дар дигар ривоят омадааст: «*Бадтарини одамоне, ки ту мебинӣ ин одами дурӯя мебошад*».[260]

Суханҳои Каъб оварда мешаванд, ки мегӯяд: «Аз ғайбат дур бошед, зеро ғайбатчӣ аз азоби гӯр дур нест».

257 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6055; Муслим, Китоб- ул-Имон, 105.
258 Бухорӣ, Китоб- ул-Вудд, 216; Муслим, Китоб- ут-Таҳорат,292.
259 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6058; Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2566.
260 Масдар қаблан ишора шудааст.

Мансур суханҳои Муҷоҳидро меорад, дар бораи одамоне, ки дар бораи онҳо дар ояти чорруми сураи «ал-Масад», гуфта шудааст: «Инҳо касонеанд, ки барои ҷамъоварии ғайбат мегарданд».

*46 гуноҳи кабира*

# БО САДОИ БАЛАНД БОЛОИ МУРДА ГИРЯ КАРДАН

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Дар инсон ду хислат аст, ки ба кофирон тааллуқ доранд: таҳқири гузаштагон ва ба нӯҳа гиря кардан дар болои мурда*»[261]

Дар ҳадиси дигаре, ки Муслим меорад гуфта мешавад:

«*Агар зане, ки дар болои мурда бо нӯҳа гиря мекунад то охири умраш тавба накунад, дар Рӯзи қиёмат бо либоси қатронӣ(зифтӣ) ва куртаи бавуҷудорандаи хоришак, бармехезад*»[262]

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

«*Аз мо нест, касе, ки ба дастонаш ба рӯяш мезанад, либосашро медарад ва он чиро мегӯяд, ки онро дар давраи ҷоҳилия мегуфтанд*».[263]

261 Муслим, Китоб- ул-Ҷаноиз, 934.
262 Бухорӣ, Китоб- ул-Ҷаноиз, 1297; Муслим, Китоб- ул-Имон, 103.
263 Бухорӣ, Китоб- ул-Ҷаноиз, 1292; Муслим, Китоб- ул-Ҷаноиз, 927.

Расули Худо ﷺ мегӯяд:

«*Ба дурустӣ, маййит дар қабр муҷозот мешавад, агар дар болои ҷасади ӯ бо нӯҳа гиря кунанд*» (Олимон дар шарҳи ин ҳадис мегӯянд, ки гап дар бораи мурдае меравад, ки ӯ пеш аз мурдан барои гиря кардан дар болои ҷасадаш васият мекунад. Барои арабҳои пешазисломӣ одат ин буд, ки пеш аз мурдан гиряндаҳоро барои ҷасади худ мехариданд).[264]

«*Расули Худо ﷺ таалуқ надорад, ба зане, ки ба болои мурда бо нӯҳа гиря кунад, мӯй биканад ва ҷома дарад*»

Саҳеҳияти ин се ҳадисро Бухорӣ ва Муслим таъкид кардаанд.

264 Бухорӣ, Китоб- ул-Ҷаноиз, 37; Муслим, Китоб- ул-Имон, 104.

## БАДГӮӢ ДАР АВЛОДИ ОДАМ

Боитминон маълум аст, ки ин хислати кофирон аст. Расули Худо ﷺ гуфтааст: «*Дар инсон ду хислатеанд, ки хоси кофирон мебошанд: таҳқир намудани гузаштагон ва бо нӯҳа гиристан дар болои мурда*».

265 Муслим, Китоб- ул-Имон, 67.

## СИТАМ КАРДАН ВА РАНҶОНИДАН

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ҷуз ин нест, ки роҳ (-и маломат) бар он касоне аст, ки ба мардум зулм мекунанд ва дар замин ноҳақ фасод металабанд; барои онҳо азоби дарддиҳанда аст**» (аш -Шӯро, 42).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Ба дурустӣ, Худои Таъоло амр кард, ки шумо фурӯтан бошед, якдигарро ситам макунед ва дар назди ҳамдигар такаббур накунед*».[266]

Инчунин гуфта мешавад:

«*Агар як кӯҳ ба кӯҳи дигар метавонист зулм оварад, Худованд кӯҳи золимро пора-пора месохт*».

« *Гуноҳи дигаре нест магар ситам кардан ба мардум ва кандани алоқа аз хешовандон, ки Худованд дар Рӯзи қиёмат ва дар ин дунё ба зудӣ касро муҷозот мекунад*».[267]

266 Муслим, Китобу Сифат-ил-Ҷаннат, 2765, Абӯ Довуд, Китоб- ул-Адаб, 4895.
267 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Либос, 4/182.

Ибни Масъуд ﷺ нақл мекунад:

«Молик ур-Раҳовӣ гуфт:»

«Эй, Расули Худо ! Ба ман чунин неъматҳое расидаанд, ки ту ҳаргиз онҳоро надидаӣ ва ба ман маъқул нест, ки бандҳои пойафзоли касе ба бандҳои пойафзоли ман монанд бошанд. Оё ин нишонаи такаббур буда метавонад?»

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Такаббур-ин боло гирифтан аз ҳақиқат ва нафрат доштан ба мардум мебошад* ».[268]

Ба дурустӣ, ки Аллоҳ Таъоло заминро маҷбур кард Қорунро фурӯ барад аз барои такаббур. Расули Худо ﷺ гуфтааст:

«*Як зан ҷазо гирифт ва ба дӯзах даромад аз барои гурбае, ки ӯ дар хона нигоҳ дошта ба ӯ хуроку об надод ва ба марг расонд*»[269]

Ибни Умар ﷺ ривоят мекунад:

«*Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) касонеро, ки мавҷуди зиндаро ба нишон мегиранд лаънат хонд*»[270]

Абӯ Масъуд мегӯяд:

«Рӯзе ман ғуломи худро бо қамчин задам дар ҳамин вақт овози касе ба гӯши ман расид. Лекин ман

---

268 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Адаб, 4902; Тирмизӣ, Китобу Сифат-ил Қиёмат, 2113
269 Бухорӣ, Китобу Аҳодис-ил-Анбиё, 3482; Муслим, Китоб-ул-Бирр, 2242.
270 Бухорӣ, Китоб- уз-Забоиҳ ва –с-Сайд, 5515; Муслим, Китоб- ус-Сайд ва-з-Забоиҳ.

за хашму ғазаби зиёде, ки доштам ба он аҳамият на-додам. Вақте он одам наздик омад, ман дидам, ки ӯ Расулуллоҳ ﷺ аст ва гуфт:»

«*Ба дурустӣ, ки Худои Таъоло аз ту ғолибтар аст, ҳамчуноне, ки ту бар ғуломи худ*».

Пас, Абӯ Масъуд мегӯяд:

«Баъди ин ман ҳеҷ гоҳ ғуломро назадам».

Дар хабари дигар Абӯ Масъуд мегӯяд:

«Аз ҳайбати ӯ қамчин аз дасти ман афтод».

Дар хабари дигар омадааст:

«Ё Расулаллоҳ! Аз ин пас ӯ озод аст, аз барои Худо ».

Расули Худо ﷺ бар ин ҷавоб дод:

«*Агар ғайри ин муомила мекардӣ, туро оташи дӯзах дарк мекард*»[271]

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Кафорати он гуноҳ, ки касе ғуломашро ҷазо медиҳад ё мезанд, он аст, ки ӯро озод кунад*».[272]

« *Ба дурустӣ, ки Аллоҳ Таъоло ҷазо медиҳад касеро, ки ҳуқуқи дигар мардумро, дар зиндагӣ поймол кардааст*».[273]

Расули Худо ﷺ хареро дид, ки дар рӯяш тамға зада буданд гуфт:

271 Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2613.
272 Муслим, Китоб- ул-Имон, 1657.
273 Муслим, Китоб- ул-Имон, 1657.

*«Бигзор Худо лаънат кунад, касеро, ки ба ин муҳр задааст».*[274]

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

*«Одаме, ки қасдан дигарашро мекушад ва Худованд онро ҳаром гардонидааст, бӯи биҳиштро ки аз масофаи 150 солина роҳ ҳис кардан мумкин аст, дарнамеёбад».*

274 Муслим, Китоб- ул-Либос ва –з-Зиннат, 2117.
275 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Имон, 1/44.

## БАР МӮЪМИН БАРДОШТАНИ ЯРОҚ ВА АЙБДОР КАРДАНИ ОН БА КУФР

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ва аз ҳад магузаред! Ҳамоно Худо азҳадгузарандагонро дӯст намедорад**» (ал-Бақара, 190).

«**ва ҳеҷ зану марди мӯъминро он нест, ки чун Худову пайғамбари Ӯ коре муқаррар кунанд онҳоро дар он кори хеш ихтиёр бошад. Ва ҳар ки Худову пайғамбари Ӯро нофармонӣ кунад, пас, ҳамоно, ошкоро гумроҳ шудааст**» (ал-Аҳзоб, 36).

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Касе ба бародари мусулмони худ хитоб кунад! «Эй, кофир!», албатта ин ба яке аз онҳо воҷиб мешавад»*.[276]

Дар бори хусусиятҳои хавориҷ(хориҷитҳо) бисёр ҳадисҳо ҳастанд. Лекин одамоне, ки онҳоро ба куфр гунаҳгор мекунанд, ба як ақида наомадаанд. Ҳарчанд

276 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6103.

пайғамбар ﷺ дар бораи онҳо мегӯяд: «*Онҳо аз дин хориҷ мегарданд, ҳамчуноне, ки тир аз камон берун меҷаҳад. Ҳар куҷо, ки онҳоро медарёбед бикушед*».[277]

Ҳамчунин дар ҳаққи онҳо гуфта мешавад:

«*Бадтарин касе, ки дар сайёра кушта мешавад-ин онҳоянд. Беҳтарин касе, ки кушта мешавад-ин он аст, ки онҳо (хавориҷ) мекушанд*».[278]

Хавориҷ касонеанд, ки ба дин бидъатро ҷорӣ намудаанд. Онҳо куштани мӯъмин ва гунаҳгор кардани онро ба куфр ҳалол мешуморанд. Онҳо ҳазрати Усмон ва Алӣ ﵄ ва њамчунин бисёр саҳобагон ﵃-ро ба куфр гунаҳкор карданд.

Ибн Абӯ Авф мегӯяд:

«Ман шунидам, ки Расули Худо ﷺ гуфт: *Хавориҷ-инҳо сагони дӯзаханд* »[279]

Саид ибни Ҷумҳон ривоят мекунад: «Рӯзе ман ба назди Ибни Абӯ Авф рафтам. Вай кӯр буд. Ӯ аз ман пурсид:»

- Ту кистӣ?

- Саид ибни Ҷумҳон, - гуфтам ман.

- Падари ту чӣ кор мекунад? –Пурсид вай.

- Ӯро азрақиҳо(яке аз гуруҳҳои хавориҷ) куштанд, - гуфтам.

---

277 Бухорӣ, Китобу Фазоил-ил-Қуръон, 5057; Муслим, Китоб- ул-Имон, 104.
278 Тирмизӣ, Китоб- ут-Тафсир 3003; Ибни Моҷа, Муқаддима, 186.
279 Ибни Моҷа, Муқаддима, 173.

- Худованд амр кардааст, ки азрақиҳоро кушед, - гуфт ӯ ва илова намуд: «Расули Худо ﷺ гуфтааст, ки онҳо сагони дӯзаханд».

- Фақат азрақиҳо? – пурсидам ман.

- Не, ҳамаи хаворич, -гуфт, ӯ»[280]

Абӯ Ҳафс ҳангоми муҳориба бо хаворич овози Абдуллоҳ ибни Абӯ Авфро шунид, ки гуфт: «Ман аз пайғамбари Худо ﷺ шунидам, ки гуфт:» «*Хабари хуш аст барои касоне, ки онҳоро мекушанд ва касоне, ки аз дасти онҳо кушта мешаванд*».[281]

280 Ибни Абу Осим, ас-Сунна, 2/438
281 Ибни Абу Осим, ас-Сунна, 2/438

## ЗАРАР РАСОНИДАН ВА ТАҲҚИРИ МУСУЛМОН

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ва онон ки мардони мӯъмин ва занони мӯъминаро ба ғайри гуноҳе, ки ба амал оварда бошанд, меранҷонанд, ҳамоно бори буҳтон ва гуноҳи ошкорро бардоштанд**» (ал-Аҳзоб, 58).

«**Эй мӯъминон аз гумони бисёр дурӣ ҷӯед, ҳароина баъзе аз гумонҳо гуноҳ аст; ва ҷосусӣ макунед**» (ал-Ҳуҷурот,12).

«**Вой бар ҳар айбкунандаи ғайбаткунанда**» (ал-Ҳумаза, 1).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Бадтарин шахс дар назди Худованд касест, ки мардум аз вай мегурезанд ва аз зулми он метарсанд*».[282]

Расули Худо ﷺ гуфт:

282 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 3132; Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2591.

*«Ба дурустӣ, Худованд лаънат меукнад касеро, ки лаънат мекунад»*[283]

Пайғамбари Худо ﷺ гуфт:

*«ба дурустӣ, шараф, мол ва хуни як мусулмон барои дигараш ҳаром аст. (Ба дил нишон дода Пайгамбар гуфт). Дар ин ҷо худотарсӣ вуҷуд дорад. Таҳқир кардани мусалмон кифоя аст, ки инсон гунаҳгор шавад»*[284]

*«Мусулмон бародари мусулмон аст. Барои ҳамин ҳам вай ба ӯ зарар намерасонад, ӯро ёрӣ медиҳад ва ӯро таҳқир намекунад. Таҳқир кардани бародари мусулмон - гуноҳ аст»*[285]

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ҳамоно барои онон, ки дӯст медоранд, ки (тӯҳмати) бадкорӣ дар** [шаъни] **мӯъминон фош шавад, дар дунёву охират азоби дарддиҳанда аст. Ва Худо медонад ва шумо намедонед**» (ан-Нур, 19).

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Таҳқир кардани мусулмон-гуноҳ ва куштани он-куфр аст»*[286]

*«Ҳамсояе, ки аз дасти ӯ дигар ҳамсоягон дар азобанд, ба биҳишт ворид намегардад»*[287]

---

283 Тирмизӣ, Китоб- ул-Бирр, 2003; Абӯ Довуд, Китоб- ул-Адаб, 4799.
284 Тирмизӣ, Китоб- ул-Бирр, 1928.
285 Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2564.
286 Бухорӣ, 6044; Муслим, Китоб- ул-Имон, 64; Тирмизӣ, Китоб- ул-Бирр, 1984.
287 Муслим, Китоб- ул-Имон, 46.

Бухорӣ ва Муслим чунин ривоят мекунанд:

Расули Худо ﷺ мегӯяд:

«*Қасам ба Худо, беимон аст ! Қасам ба Худо, беимон аст ! Қасам ба Худо, беимон аст !* »

Аз вай пурсиданд: «Кӣ, эй, Расули Худо ?»

*Ӯ гуфт: «Инсоне, ки дар дасти ӯ ҳамсоягон дар хатаранд»*[288]

Дар як ҳадиси саҳеҳ гуфта мешавад: « *Ягон кас ки ҳамсоягон аз дасти ӯ дар хатаранд ба биҳишт намедарояд*»[289]

Пайғамбар ﷺ гуфт:

«*Касе ба Худо ва Расули Ӯ имон дорад, ба ҳамсоягон зарар намеорад*».[290]

«*Бигзор касе ба Худо ва Расули Вай имон дорад, ба ҳасоягони худ некӣ бикунад*».[291]

Абӯ Ҳурайра ؓ мегӯяд:

«Боре аз Пайғамбар ﷺ пурсиданд:

«Марде шабҳоро ба намоз ва рӯзҳоро ба рӯза мегузаронад. Вале бо ҳамаи ин нигоҳ накарда, калимоте мегӯяд, ки ҳасоягонро меранҷонад.»

Расули Худо ﷺ гуфт:

---

288 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6016; Муслим, Китоб- ул-Имон, 46.
289 Имом Аҳмад ибни Ҳанбал, Муснад, 4/154.
290 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6018; Муслим, Китоб- ул-Имон, 47.
291 Муслим, Китоб- ул-Имон, 48.

*«Дар он хайру некӣ нест. Вай ба дӯзах меафтад»*[292]

*«Мурдаро ба некӣ ёд кунед, дар бораи камбудиҳои он хомӯш бошед»*[293]

Абӯ Зар ﷺ аз Пайғамбар ﷺ ривоят мекунад, ки гуфт: «Вақте як одам дигарашро «кофир» мехонад ё «душмани Худо» мегӯяд агар ӯ ин гуна набошад, ин сӯханон ба сари худи гӯянда меоянд»[294]

Анас ﷺ мегӯяд:

« Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Дар вақти Меъроҷ ман мардумеро вохурдам, ки нохунҳои миссин доштанд. Бо ин нохунон онҳо рӯйҳо ва синаҳои худро мекананд*

*Ман пурсидам: «Эй Ҷабраил! Инҳо киҳоянд?*

*Ҷабраил ҷавоб дод: «Инҳо касонеанд, ки гӯшти одамонро мехӯранд(ғайбат мекунанд) ва шарафи онҳоро таҳқир мекунанд»*[295]

Пайғамбар ﷺ гуфт:

*«Ба дурустӣ, таҳқири падару модар , аз гуноҳи кабира аст!»*

Аз ӯ пурсиданд: «Эй Расули Худо ! Чи хел метавонад одам падару модари худашро таҳқир кунад?»

292 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Бирр 4/16.
293 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Ҷаноиз, 9/385.
294 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6045; Муслим, Китоб- ул-Имон, 61.
295 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Адаб, 4878.

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Ин тавр мешавад, дар ҳолате, ки вай падари каси дигарро ҳақорат кунад ва ӯ падари инро. Инчунин агар вай модари каси дигарро ҳақорат кунад ва ӯ модари инро!»*[296]

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

*«Ба дурустӣ, яке аз гуноҳҳои кабира-ин лаънат кардани падару модари худ аст».*

Аз Расули Худо ﷺ пурсиданд:

«Эй Расули Худо! Чӣ хел метавонад одам падару модари худашро лаънат хонад?»

Расулуллоҳ ﷺ ҷавоб дод:

*«Ҳамин тавр мешавад, вақте, ки падари дигар касро таҳқир мекунад ва ӯ падари инро, агар модари вайро таҳқир кунад, ӯ модари инро»*[297]

Пайғамбар ﷺ гуфт:

*«Бигзор касе шахси дигарро ба гунаҳкорӣ ва куфр айбдор накунад, зеро айб ҳатман ба ӯ бар мегардад, агар шахси айбдоршаванда он гуноҳро надошта бошад».*[298]

*«Мурдагонро ҳақорат надиҳед, зеро онҳо худ аллакай дар ҳисоботи онанд, ки ба амал оварда буданд».*[299]

---

296 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 5937; Муслим, Китоб-ул-Имон, 90.
297 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 5973; Муслим, Китоб- ул-Имон, 90.
298 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6045.
299 Бухорӣ, Китоб- ул-Ҷаноиз,1393; Абӯ Довуд, Китоб- ул-Адаб, 4899; ан-Насоӣ , Китоб- ул-Ҷаноиз, 4/52-53.

## ЗАРАР РАСОНИДАН БА МУТТАҚИЁН

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ҳамоно, Худо ононро, ки Худову пайғамбари Ӯро меранҷонанд, дар дунёву охират лаънат кард ва барои онҳо азоби хоркунада муҳайё сохт. Ва онон, ки мардони мӯъмин ва занони мӯъминаро ба ғайри гуноҳе, ки ба амал оварда бошанд, меранҷонад, ҳамоно бори бӯҳтон ва гумони ошкорро бардоштанд** » (ал-Аҳзоб, 57-58).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«Аллоҳ Таъоло гуфт:

*«Ман ба он касоне, ки ба инсони ба Ман наздик душманӣ меварзанд, ҷанг эълон менамоям»* [300]

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

*«Эй, Абӯ Бакр! Агар ту онҳоро хашмгин кунӣ, Худоро хашмгин мекунӣ».*[301] Ин ҷо дар назаранд баъзе муҳоҷирин ва камбағалон, ки агар онҳоро ғазаболуд кунӣ, Худовандро ғазаболуд мегардонӣ.

---

300 Бухорӣ, Китоб- ур-Риқоқ, 6502.

301 Муслим, Китобу Фазоил-ис-Саҳоба, 2504.

*52 гуноҳи кабира*

# ЛИБОСРО ДАРОЗ КАРДАН БАРОИ НАМОИШ

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«Ва дар замин хиромон роҳ марав» (Луқмон, 18).

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Он қисми изор, ки аз буҷулакҳои пой дароз аст, дар оташи дӯзах меафтад »*[302]

*«Аллоҳ Таъоло назар намекунад бар он касе, ки аз рӯи такаббур либоси худро дароз мекунад»*[303]

*«Се гурӯҳи одамонанд, ки дар Рӯзи қиёмат Аллоҳ Таъоло бо онҳо сухан намегӯяд ва мағфират намекунад, барои онҳо ҷазои дардноке муайян кардааст:*

1. *Мутакаббире, ки либосашро то замин сар додааст;*
2. *Касе, ки ба доштааш қаноат надорад;*
3. *Касе, ки моламро ба қасами дурӯғ мефурӯшад.»*[304]

302 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 5787; ан-Насоӣ, Китоб- уз-Зиннат, 8/207.
303 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 5788.
304 Муслим, Китоб- ул-Имон, 106; Абӯ Довуд, Китоб- ул-Либос, 4087.

*«Марде либосҳои фохира ба тан карда, мӯяшро то китфон сар дода, мағрурона роҳ мерафт. Худованд ба замин амр кард, ки ӯро фурӯ барад. Ва он дар вай то Рӯзи қиёмат кашида мешавад»*[305]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*« Назар намекунад Худои Таъоло ба он касе, ки изорашро дароз мекунад, остинҳои куртааш дарозанд ва ё саллаашро дароз монда, намоишкорӣ мекунад»*[306]

Ҷобир ؓ аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад, ки гуфтааст:

*«Кӯшиш кун, ки либосҳои худро дароз нагирӣ. Барои он, ки ин нишонаи ғурур ва худписандӣ аст. Худои Таъоло мағруронро дӯст намедорад»*[307]

Абӯ Ҳурайра мегӯяд:

«Як мард бо либосҳои дароз намоз гузорид. Пайғамбар ﷺ ба вай гуфт:

«Бирав ғусл бикун». Мард ғусл карда омад.

Пайғамбар ﷺ ба вай гуфт:

«Бирав ғусл бикун.» Пас, яке аз ҳозирон пурсид:

«Эй, Расули Худо! Бо кадом сабаб ту вайро ғусл фармудӣ? »

Расули Худо ﷺ гуфт:

---

305 Бухорӣ, Китоб-ул-Либос, 5789; Муслим, Китоб- ул-Либос, 2085.
306 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Либос, 4085; ан-Насоӣ , Китоб- уз-Зиннат, 8/206.
307 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Либос, 4084; Ат-Тирмизӣ, Китоб- ул-Итсиъзон, 2722

*«Вай дар либосе, ки дар баданаш овезон буд намоз гузорид. Худованд намози касеро,*

*ки дар ин гуна либос мегузорад, қабул намефармояд»*[308]

Расули Худо ﷺ гуфт: «*Назар намекунад Худои Таъоло бар касе, ки либоси дароз мепӯшад, аз рӯи ғуруру худписадӣ.*»

Пас, Абӯ Бакр ﷺ пурсид:

«Эй, Расули Худо ! *Либоси* ман овезон мешавад, агар ман ӯро ҷамъ накунам… »

Пас Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

«*Ту инро аз рӯи ғуруру худписандӣ намекунӣ ку*»[309]

Расули Худо ﷺ инчунин гуфт:

«*Либоси мӯъмин на бояд аз миёнаи зону поёнтар бошад. Дарозкунии либос то буҷулак низ хатарнок нест. Лекин либоси касе аз буҷулак поён меояд дар дӯзах мешавад. Назар намекунад Аллоҳ Таъоло ба касе, ки аз рӯи ғуруру худписандӣ либоси дароз мепӯшад*»[310]

Абдуллоҳ ибни Умар ﷺ нақл мекунад.

«Рӯзе ман ба назди Расули Худо ﷺ омадам. *Либоси* ман то пушти поям буд.

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Эй, Абдуллоҳ! Либоси худро кӯтоҳ кун!*»

---

308 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Либос, 4086.
309 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 4086.
310 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Либос, 4093; Ибни Моҷа, Китоб- ул-Либос, 2086.

Ман каме боло бардоштам ва Пайғамбар ﷺ гуфт:

«*Боз каме*». Ман боз каме боло бардоштам. Пас аз ин ҳамеша кӯшиш кардам либосам аз ин поён нашавад. »[311]

311 Муслим, Китоб- ул-Либос, 2086.

## ДАР БАР КАРДАНИ МАРДОН ЛИБОСҲОИ ШОҲӢ ВА ЧИЗҲОИ ТИЛЛОИРО

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ва либоси парҳезгорӣ аз ҳама беҳтар аст.**» (ал-Аъроф, 26).

Мавлои мо, Пайғамбар ﷺ гуфт:

*«Касе дар ин дунё либоси шоҳӣ мепӯшад, вайро дар дунёи абадӣ нахоҳад пӯшид».*[312]

*«Либоси шоҳиро дар ин дунё касе мепӯшад, ки дар он дунё барои вай ҳеҷ чиз таҳия нашудааст»*[313]

*«Барои мӯъминон (мардон) –и уммати ман пӯшидани либоси шоҳӣ ва чизҳои тиллоӣ ҳаром ва барои мӯъминот(занҳо) ҳалол аст»*[314]

Ҳузайфа ؓ нақл мекунад:

---

312 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 5843; Муслим, Китоб- ул-Либос, 2073.
313 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 5835.
314 Тирмизӣ, Китоб- ул-Либос, 1720.

*«Расули Худо ﷺ моро аз зарфҳои тиллоӣ ва нуқрагин хӯрадну нӯшидан ва пӯшидану нишастан бар болои матоъҳои шоҳиро манъ кард»*[315]

Пайғамбари Худо ﷺ гуфт:

*«Касе аз зарфи нуқрагин менӯшад, дар шиками ӯ аз забонаи оташи дӯзах садо берун меояд».*[316]

Дар баробари ин маълум аст, ки Пайғамбар ﷺ дар ҳолатҳои зарурӣ истифодаи шоҳиро иҷозат додааст.[317]

---

315 Бухорӣ, Китоб- ул-Атъима, 5426.

316 Бухорӣ, Китоб- ул-Ашриба, 5634; Муслим, Китоб- ул-Либос ва –з-Зиннат, 2065.

317 Агар ин ба касалиҳои пӯст вобаста бошад(хоришак).

*54 гуноҳи кабира*

## ГУРЕХТАНИ ҒУЛОМ

Расули Акрам ﷺ гуфт:

«*Намози ғуломе, ки аз хӯҷаинаш гурехтааст, қабул нест*»[318]

«*Аз ғуломи гурехтагӣ дахлнопазирӣ бардошта мешавад*»[319]

«*Аллоҳ Таъоло намоз ва корҳои неки се тоифаи зеринро намепазирад:*

*- ғуломи гурехта, то вақте, ки ба назди соҳибаш барнаградад;*

*- зане, ки бар вай шавҳараш ғазаб гирифтааст, то даме, ки ӯ аз вай розӣ нагардад;*

*- маст, то даме, ки ҳушёр нашавад*»[320]

Ҳазрати Алӣ ؓ мегӯяд:

---

318 Муслим, Китоб- ул-Имон, 68.
319 Муслим, Китоб- ул-Имон, 69.
320 Ибни Хузайма.

*«Худо лаънат кунад касеро, ки ба ҷои хӯҷаинаш каси дигарро ҳимоятгари худ қарор медиҳад»*[321]

*«Се одами зерин бе саволу ҷавоб ба дӯзах фиристода мешаванд:*

1. *Одаме, ки имомро гӯш накарда , аз ҷамоъат берун мешавад ва дар ҳамин ҳол вафот мекунад.*

2. *Ғуломе, ки гурехт ва то бозгашт вафот ёфт;*

3. *Зане, ки шавҳари он ғоиб аст ва ӯ зебоии худро ба маъраз мегузорад(аз хона берун омада), ҳарчанд, ки шавҳар барои вай ҳамаи чизҳои заруриро гузоштааст»*[322]

321 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Бирр, 4153.
322 Ҳоким , Мустадрак, Китоб- ул-Илм, 1/119

*55 гуноҳи кабира*

## КУШТАНИ ҲАЙВОН НА АЗ БАҲРИ ХУДО

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Ва аз он чи, ки номи Худо бар вай ёд карда нашудааст, махӯред, ба дурустӣ ки (хӯрдани) он гуноҳ аст**» (ал-Анъом, 121).

Ҳонӣ, ғуломи ҳазрати Алӣ нақл мекунад, ки ӯ гуфтааст:

«Эй, Ҳонӣ! Одамон дар бораи ман чӣ мегӯянд?»

Ҳонӣ гуфт:

«Онҳо мегӯянд, ки ту илмеро аз Пайғамбар ﷺ омухтӣ ва ба мардум надодӣ».

Пас, ҳазрати Алӣ ﷺ шамшерро кашиду гуфт:

«Ман аз Пайғамбар ﷺ шунидам, ки гуфт:

*- бигзор, Худо лаънат кунад касеро, ки ҳайвонро аз баҳри ӯ намекушад;*

*- бигзор, Худо лаънат кунад касеро, ки аз баҳри худ хӯҷаини дигар пайдо мекунад;*

*- бигзор, Худо лаънат кунад касеро, ки муқобили падару модар меравад;*

*- бигзор, Худо лаънат кунад касеро, ки қасдан ҳудуди заминро танг мекунад»*[323]

*«бигзор, Худо лаънат кунад касеро, ки ҳайвонро аз барои ӯ забҳ намекунад»*[324]

323 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Бирр, 4/153; Имом Заҳабӣ ин ҳадисро саҳеҳ меҳисобад.

324 Аҳмад ибни Ҳанбал, Муснад.

## ТАҒЙИР ДОДАНИ АЛОМАТИ ҲУДУДИ ЗАМИНИ ХОНА

Тибқи ҳадиси Расули Худо ﷺ , ки ҳазрати Алӣ ؓ нақл мекунад, ин гуна одамон лаънатшудаанд.[325]

Дар ҳадиси дигар Пайғамбар ﷺ чунин мегӯяд:

«*Бигзор, Худо касеро, ки ҳайвонро аз барои Ӯ забҳ намекунад, лаънат кунад. Бигзор, Худо шахсеро, ки аломатҳои ҳудуди замини хонаро тағйир медиҳад, лаънат кунад. Бигзор, Худо касеро, ки кӯрро аз роҳ мебарорад, лаънат кунад. Бигзор, Худо касеро, ки падару модарро хор медорад, лаънат кунад. Бигзор, Худо касеро, ки амали қавми Лутро мекунад, лаънат кунад*»[326]

Ин ҳадисро Абдулазиз-ад-Доравурдӣ аз Амр меорад. Дар вай чунин иловаҳо аст:

«*Бигзор, Худо касеро, ки ба ҳайвон ҷимоъ мекунад, лаънат кунад*»

---

325 Ҳоким, Мустадрак, Китоб- ул-Бирр, 4/453. Нигаред ба 55-ум «гуноҳи кабира».

326 Имом Аҳмад ибни Ҳанбал, Муснад, 1/309-317.

## ТАҲҚИРИ АСҲОБ ﵁

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Ман ба он касоне,ки ба наздикони ман душманӣ мекунанд, ҷанг эълон мекунам»*[327]

*«Асҳоби маро таҳқир накунед. Қасам ба оне, ки ҷони ман дар кафи Ӯст, агарчанде ягонтои шумо ҳамон қадар тилло қурбонӣ диҳад, ки вазнаш баробари кӯҳи Уҳуд бошад,баробор намешавад ба нисфи он ,агар онҳо қурбонӣ карда бошанд »*[328]

Ҳазрати Оиша ﵂ мегӯяд:

*«Ба онҳо амр шуда буд , ки аз асҳоби Муҳаммад ﷺ бахшиш пурсанд. Онҳо бошанд ба онон ҳақорат доданд »*[329]

*«Бигузор, лаънати Худо ба сари касе борад, ки асҳоби маро ҳақорат медиҳад»*[330]

327 Бухорӣ, Китоб- ул-Риқоқ, 6502
328 Бухорӣ, Китобу Фазоили Асҳоб-ин-Набӣ, 3673; Муслим, Китобу Фазоил ис-Саҳоба ,2541.
329 Муслим, Китоб- ут-Тафсир, 3022.
330 Ибни Осим, ас-Сунна, 2/483. Ин ҳадисро Албонӣ хуб ва сарчашмаашро боэътимод номид.

Алӣ ﵁ мегӯяд:

«Қасам ба Он, ки офарид писта ва одам, Пайғамбари умӣ ﷺ ба ман васият кард, ки маро танҳо мӯъмин метавонад дӯст дорад ва танҳо мунофиқ метавонад бад бинад»[331]

Агар Пайғамбари Худо ﷺ инро дар бораи Алӣ гуфта бошад, пас Абӯ Бакри Сиддиқ ﵁ инро бештар сазовор аст, зеро ӯ беҳтарини одамон баъди Расули Худо ﷺ мебошад. Ҳазрати Умар ва Алӣ ﵁ чунин мешумориданд, ки касе шахси дигарро болотар аз Абӯ Бакри Сиддиқ ﵁ гузорад, бояд ҷазои туҳматгарро мутаҳаммил шавад.

Аз забони Абдураҳмон ибни Абӯ Лайло меоранд:

«Ҷоруд ибни Маъла гуфт: «Абӯ Бакр аз Умар беҳтар аст». Дигар одам гуфт: «Умар аз Абӯ Бакр болотар аст». Вақте ,ки ин суханҳо ба гӯши Умар ﵁ расиданд, амр кард, ки он мардро зананд ва гуфт:

«Ба дурустӣ, Абӯ Бакр дӯсти Расули Худо ﷺ аст ва бо ин сабаб аз беҳтарини мардумон аст. Ва касе ғайри инро мегӯяд, бояд ҷазои туҳматгарро гирад»

Аз забони Алқама меоранд:

«Ман шунидам,ки Алӣ ﵁ гуфт:

«Ба ман расид, ки баъзе одамон маро аз Абӯ Бакр ва Умар боло мегузоранд.

331 Муслим, Китоб- ул-Имон, 78.

Гӯяндаи ин суханҳо - тӯҳматчӣ аст. Вай бояд ҷазои тӯҳматгарро гирад».[332]

Абӯ Убайда ибни Ҳаҷил суханони Алӣ ﷺ -ро меорад: «Ман ҳар касеро, ки маро аз Абӯ Бакр ва Умар боло мегузорад, ҳамчун тӯҳматгар ҷазо медиҳам»[333]

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Касе ба бародари мусулмони худ хитоб кунад: «Эй, кофир!», ин ҳатман ба яке аз онҳо дахл мекунад*»[334]

Муаллиф мегӯяд, ки агар ягон кас ба Абӯ Бакр ﷺ ва дигар бародари мусулмон хитоб кунад: «Эй, кофир!», ин ҳатман ба худи ӯ мечаспад, зеро Аллоҳ аз ин мусулмонони аввалӣ розӣ аст.

Аллоҳ Таъоло гуфтааст:

«**Ва пешравони нахустин аз муҳоҷирону ансор ва онон, ки ба некӯкорӣ ба онҳо пайравӣ карданд-Худо аз онҳо хушнуд шуд ва онҳо [**низ**] аз Вай хушнуд шуданд**» (ат-Тавба, 100).

Шахсе, ки ин одамонро таҳқир мекунад, ошкоро ба Худои Таъоло ҷанг эълон мекунад. Мо гуфтем, ки одамони таҳқиркунандаи дигар мусулмонон, поймолкунандагони ҳуқуқи онҳо ва мазамматкунандагонашон, гуноҳи кабира мекунанд. Ва дар ин сурат шумо чӣ мегӯед дар ҳаққи касоне, ки одамони беҳтаринро баъди Пайғамбар ﷺ таҳқир мекунанд? Аммо ин маънои онро надорад, ки инсон барои ин гуноҳ дар дӯзах абадӣ мемонад.

332 Имом Аҳмад ибни Ҳанбал, Муснад, 1/117.
333 Ибни Осим, ас-Сунна, 2/575.
334 Бухорӣ, Китоб- ул-Адаб, 6103.

*58 гуноҳи кабира*

## ТАҲҚИРИ АНСОР ﵃

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Дӯст доштани ансор, нишонаи имон аст. Дӯст надоштани ансор, нишонаи мунофиқист»*[335]

*«Дӯстдорандаи онҳо-мӯъмин ва дӯстнадорандаи онҳо-мунофиқ аст»*[336]

335 Бухорӣ, Китобу Фазоил –ил- Асҳоб-н-Набӣ, 3784; Муслим, Китоб- ул-Имон, 74; ан-Насоӣ , Китоб- ул-Имон, 8/116.

336 Бухорӣ, Китобу Фазоил-ил-Имон, 3783; Муслим, Китоб- ул-Имон, 75.

## ДАЪВАТ БА ЧИЗИ ҲАРОМ ВА ГУНОҲ

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Касе ба гуноҳ роҳ кушод, ҷазои ин гуноҳро мечашад. Аммо ин гуноҳи касеро, ки ба ӯ пайравӣ кард, кам намекунад*»[337]

«*Ба гуноҳ иқдомкунанда ҷазои худро мегирад ва ба гуноҳ пайравикунанда- ҷазои худро. Дар ин маврид гуноҳи пайравикунанда кам намешавад*»[338]

«*Ҳамаи навоварӣ-иштибоҳ аст*». Баъзеҳо илова мекунанд сухани зеринро: «Ва ҳама иштибоҳ-ба сӯи дӯзах аст».

337 Муслим, Китоб- ул-Илм, 2674.
338 Муслим, Китоб- уз-Закот, 1017; ан-Насоӣ , Китоб- уз-Закот, 5/75-76.

## БА САР НИҚОБ КАШИДАН ВА ХОЛ КУФТАН

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Бигзор Худо лаънат кунад касонеро, ки кӯшиши дигар кардани андоми худодод мекунанд: ба сар ниқоби мӯйдор мепӯшанд; хол мекӯбанд; занҳо мӯйҳоро аз рӯяшон (абрӯ ва мижгон) мечинанд, бо сӯҳон дандонҳояшонро сӯҳон мекунанд, то ки зеботар шаванд»*[339]

Дар ҳадиси дигар Пайғамбари Худо ﷺ гуфтааст:

*«Ҳаром аст, даромаде ки аз фурӯши саг ва хун, инчунин аз ҳисоби фолбинӣ ба даст оварда мешавад. Лаънат ба касе, ки хол мекӯбад, пулро ба рибо медиҳад ва инчунин ба рассоме, ки расми ҷондорҳоро мекашад»*[340]

---

339 Бухорӣ, Китоб- ул-Либос, 5931, 5939, 5940, 5945; Муслим, Китоб- ул-Либос, 2125.

340 Бухорӣ, Китоб- ул-Буюъ, 2238, 2086.

## ТАҲДИДИ МУСУЛМОН БО ЯРОҚ

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Ба дурустӣ, малоик лаънат мекунанд касеро , ки бародари мусулмони худро бо оҳан таҳдид мекунад, то он даме, ки онро аз дасти худ напартояд. Ҳатто агар ин мард бародари вай бошад»*[341]

341 Муслим, Китоб- ул-Бирр, 2616.

## ПАДАР ХОНДАНИ КАСЕ, К-Ӯ ПАДАР НЕСТ

Саъд ﷺ аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад:

«*Касе падар хонд одамеро, ки медонад падараш нест, барои ин гуна шахс биҳишт ҳаром аст*»[342]

Абӯ Ҳурайра ﷺ аз Пайғамбари Худо ﷺ нақл мекунад:

«*Аз падари худ мункир машавед! Касе аз падари худ мункир шудааст бидонад, ки ин куфр аст*»[343]

«*Бигзор, Аллоҳ лаънат кунад шахсеро, ки падар мехонад одами дигарро ва медонад, ки ӯ падараш нест*»[344]

Язид ибни Шарик нақл мекунад:

«Ман дидам ва шунидам, ки Алӣ ﷺдар минбар сӯи мардум истода гуфт:»

«Ягона китобе, ки мо ба ӯ рӯ меорем-ин Китоби Аллоҳ аст», сипас илова намуд: «Ва он чи дар ин қоғаз

---

342 Бухорӣ, Китоб- ул-Фароиз, 6767; Муслим, Китоб- ул-Имон, 63.
343 Бухорӣ, Китоб- ул-Фароиз, 6768; Муслим, Китоб- ул-Имон, 62.
344 Бухорӣ, Китоб- ул-Илм, 111; Муслим, Китоб- ул-Ҳаҷ, 1370

аст» ва онро кушод. Дар вай дандонҳои уштур ва дигар чизҳо буданд. Дар қоғаз навишта шуда буд:

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Мадина ҳарамест миёни кӯҳи Айир то кӯҳи Савр. Ҳар касе чизи наве (бидъате) дар дин фикр мекунад ва ё чунин шахсеро дар ҳимоя мегирад, Аллоҳ, малоика ва ҳамаи мардум ӯро лаънат мекунанд. То Рӯзи қиёмат ягон ибодати вай: на фарз на нафли ӯ қабул намегардад. Ҳимоя барои ҳамаи мусулмонон ягона аст. Ба ҳамин лаънат шахсе, ки падари худро мешиносад ва дигареро падар мехонад, ғуломе аз итоати як хӯҷаин баромада, каси дигарро хӯҷаин мехонад сазоворанд».*[345]

Аз Абӯ Зар ؓ аз Расули Худо ﷺ ривоят мекунад:

*«Одаме аз миёни мо шахси бегонаро падар хонад ба куфр меафтад. Аз мо нест, касе, ки аз они худ мекунад ашёи бегонаро ва бигзор вай ҷои худро дар дӯзах ёбад. Агар касе шахси дигарро кофир гӯяд ё душмани Худо хонад ва он ин гуна набошад, суханаш ба худи ӯ бармегардад»*[346]

345 Бухорӣ, Китобу Фазоил-ил-Мадина, 1870; Муслим, Китоб- ул-Ҳаҷ, 1370.
346 Бухорӣ, Китоб-ул-Маноқиб, 3508; Муслим, Китоб- ул-Имон, 61.

## ПЕШГӮЙ КАРДАНИ БАДӢ

Эҳтимол ин гуноҳи кабира набошад.

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Шарҳу тавсифи бадӣ-ширк аст ва ин гуна одам аз мо нест. Лекин агар инсон ба Худо умед бандад (ҳавола кунад) вай онро рафъ мекунад*»[347]

«*Дар мо на бавуҷуд овардани касалӣ ва на шарҳу тафсири бадӣ нест. Танҳо нишонаҳои хубӣ аст.*»

Одамон пурсиданд: «Эй, Расули Худо! Нишонаҳои хубӣ чист?»

Вай ҷавоб дод: «Сухани хуб»[348]

---

347 Тирмизӣ, Китоб- ус-Сияр, 1614; Абӯ Довуд, Китоб- ут-Тибб, 3900.
348 Бухорӣ, Китоб- ут-Тибб, 5757, 5776; Муслим, Китоб- ус-Салом, 2224.

## 64 гуноҳи кабира

# ИСТИФОДАИ ЗАРФҲОИ ТИЛЛОӢ ВА НУҚРАГИН

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Либосҳои дебо ва шоҳиро напӯшед. Аз зарфҳои тиллоӣ ва нуқрагин нанӯшед ва на хӯрок хӯред, барои ин ки ҳамаи ин барои онҳо (кофирон) аст, дар ин дунё ва барои мост дар дунёи абадӣ*»[349]

«*Касе аз зарфҳои тиллоӣ ё нуқрагин мехӯрад, ё менӯшад дар шиками вай оташи дӯзах аланга мезанад*»[350]

«*Касе дар ин дунё аз зарфи нуқрагин менӯшад дар он дунё аз вай нӯшида наметавонад*»[351]

---

349 Бухорӣ, Китоб- ул-Атъима, 5426; Муслим, Китоб- ул-Либос ва –з-Зиннат
350 Муслим, Китоб- ул-Либос ва –з-Зиннат, 2065.
351 Муслим, Китоб- ул-Либос ва –з-Зиннат, 2066.

## МУҶОДАЛА(ШАРТ)

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва аз мардум касе ҳаст, ки сухани ӯ дар боби зиндагонии дунё туро ба шигифт меорад ва ӯ Худоро бар он чи дар дилаш ҳаст, гувоҳ меорад; ҳол он ки ӯ сахттарини ситезандагон аст**» (ал-Бақара, 204).

«**Ва гуфтанд: «Оё худоёни мо беҳтаранд ё ӯ». Ба ту ин ҳарфро назананд, магар барои ҷидол. Балки онҳо қавме хусуматкунандаанд**» (аз-Зухруф, 58).

«**Ҳамоно касе, ки дар оятҳои Худо ба ғайри ҳуҷҷате, ки ба онҳо омада бошад, ҷидол мекунанд –дар синаҳояшон ба ҷӯз тамаъи сарварӣ, ки ба он расида набошанд, [**чизе**] нест. Пас, аз Худо паноҳ талаб кун. Ба дурустӣ ки Ӯ Шунавои Бино аст**» (ал-Мӯъминун, 56).

«**Ва бо аҳли Китоб ҷуз ба он сурате, ки некӯ бошад, муҷодала мекунед, магар ба касоне аз онҳо [**муҷодала кунед**] , ки ситам карданд ва бигӯед: «Ба**

**он чи ба сӯи мо фуруд оварда шуд ва ба он чи ба сӯи шумо фуруд оварда шуд, имон овардем ва Худои мо ва Худои шумо яке аст ва мо Ӯро фармонбардорем»** (ал-Анкабут, 46).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Ба дурустӣ, Худо бештар он одамеро дӯст надорад, ки ноҳақ муҷодала мекунад*».[352]

«*Одаме, ки дониши лозима надорад ва боадоватона муҷодала мекунад, ба ғазаби Худо дучор мешавад ва то даме аз он даст накашад, аз ғазаби Худо берун намешавад*»[353]

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Ҷамъияти имоноварда дар роҳи рост аст, то он вақте, ки байни худ муҷодала надорад*» ва ояти зерро қироат кард:

«**Ва гуфтанд: «Оё худоёни мо беҳтаранд, ё ӯ? » Бо ту ин ҳарфро назананд, магар барои ҷидол. Балки онҳо қавме хусуматкунандаанд**» (аз-Зухруф, 58).[354]

Ибни Умар رضي الله عنه аз Пайғамбар ﷺ ривоят мекунад:

«*Беш аз ҳама хавфи ман аз шумо дар се чиз аст:*

*- хатои олим;*

*- муҷодалаи мунофиқ бо Қуръон;*

---

352 Бухорӣ, Китоб- ул-Аҳком, 7188; Муслим, , Китоб- ул-Илм, 2668; Тирмизӣ, Китоб- ут-Тафсир, 2980; ан-Насоӣ

353 Ҷоми-ус-Сағир, 2/169.

354 Тирмизӣ, Китоб- ут-Тафсир, 3250; Ибни Моҷа, Муқаддима, 48; Имом Аҳмад, Муснад, 2/252-256.

*- ҳаёти дунявӣ, ки гардани шуморо мешиканад»*[355]

Расули Худо ﷺ гуфт:

*«Муҷодала дар бораи Қуръон куфр аст»*[356]

*«Одаме, ки дар бораи чизи шубҳанок муҷодала намуда, моҳияти онро медонад, ба ғазаби Худо гирифтор мешавад ва аз он хориҷ намешавад, то аз вай даст накашад».*

Дар ҳадиси дигар гуфта мешавад:

*«Вай ҳатман хашми Худоро ба худ меорад»*[357]

*«Дар хаёли ман маро бештар мунофиқе, ки хуб гап мезанад, метарсонад»*[358]

*«Шарму ҳаё ва эътирофи заифии худ-як қисми имон аст. Суханҳо ва нақлҳои бад-як қисми мунифиқианд».*[359]

---

355 Ҳадис маҳз бо ин маъно дарёфт нашуд.
356 Абӯ Довуд, , Китоб- ус-Сунна, 4603; Имом Аҳмад, Муснад, 2/70.
357 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Ақзия, 3597; Имом Аҳмад, Муснад, 2/70.
358 Имом Аҳмад, Муснад, 1/44.
359 Тирмизӣ, Китоб- ул-Бирр, 2028.

*66 гуноҳи кабира*

## АХТА ВА ЗУЛМУ СИТАМ КАРДАНИ ҒУЛОМ

Худои Таъоло мегӯяд:

«**Ва, албатта, онҳоро гумроҳ кунам ва дар орзу(-и ботил) афканам; ва, албатта, ба онҳо бифармоям, то гӯши чаҳорпоёнро бишкофанд; ва албатта, ба онҳо бифармоям, то офариниши Худоро тағйир диҳанд**» (ан-Нисо, 119).

Баъзе муфассирин мегӯянд, ки дар инҷо дар бораи ахта гуфта мешавад.

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Мо мекӯшем, касеро, ки ғуломашро мекӯшад, дар асорат нигоҳ медорем, касеро ки ғуломи худро дар асорат нигоҳ медорад*»[360].

360 Абӯ Довуд, , Китоб- уд-Диёт, 4515; Тирмизӣ, Китоб- уд-Диёт, 1414; ан-Насоӣ , Китоб- ул-Қосама, 8/21.

*«Касе ғуломи худро ахта(хасӣ) менамояд, мо ӯро ахта менамоем».*[361]

*«Дар Рӯзи растохез ҷазо дода мешавад, касе, ки ғуломи худро бадном кардааст».*[362]

Охирон васияте аз Пайғамбар ﷺ пеш аз вафоташ гуфта шуд, ин аст:

*«Ба намоз таваҷҷӯҳ кунед, ба намоз таваҷҷӯҳ кунед. Битарсед аз Худо, аз онон, ки дар даст доред»*[363]

Ибни Умар ؓ нақл мекунад:

*«Расули Худо ﷺ моро аз ахта кардани аспу ҳайвоноти дигар манъ кард»* [364]

---

361 ан-Насоӣ, Китоб-ул-Қосама, 8/21.
362 Бухорӣ, Китоб-ул-Ҳудуд, 6858; Муслим, Китоб-ул-Имон, 1660.
363 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Адаб, 5156; Ибни Моҷа, Китоб- ул-Васият, 2698.
364 Имом Аҳмад, Муснад, 2/24.

*67 гуноҳи кабира*

## КАМФУРӮШӢ

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Вой бар камкунандагон! Ононе, ки чун аз мардум барои худ паймоянд, ба тамом бигиранд; ва чун хоҳанд, ки барои онҳо паймуда ё санҷида бидиҳанд, зиён расонанд. Оё онҳо намедонанд, ки барангехта хаҳанд шуд дар рӯзи бузург-рӯзе, ки мардум пеши Парвардигори оламиён истода шаванд?**» (ал-Мутаффифина, 1-6).

Аз мардум кашида гирифтани он чиз, ки ба ӯ ҳуқуқ надорӣ, як зарраи хиёнаткорӣ ва дуздӣ мебошад.

*68 гуноҳи кабира*

## БОВАРӢ БА ЭМИН БУДАНИ ХУД АЗ УҚУБАТИ АЛЛОҲ ТАЪОЛО

«**Оё аз макри Худо эмин шуданд? Пас, аз макри Худо ба ҷуз гурӯҳи зиёнкорон касе эмин намешавад**» (ал-Аъроф, 99).

«**Пас, чун он пандеро, ки ба онҳо дода шуд, фаромӯш карданд, бар онҳо дарҳои ҳама чизро кушодем**»(ал-Анъом, 44).

«**Ҳамоно, онон, ки мулоқоти Моро умед надоранд ва ба зиндагонии дунё хушнуд шудаанд ва ба он ором гирифтаанд, ҷои онҳо ба сабаби он чӣ амал мекарданд, оташ аст** » (Юнус, 7-8).

*69 гуноҳи кабира*

## НОУМЕД БУДАН АЗ АЛЛОҲ ТАЪОЛО

Аллоҳ ТаЪоло мемефармояд:

«**Ҳароина (сухан ин аст, ки) аз раҳмати Худо ба ҷуз гурӯҳи кофирон** [касе] **ноумед намешавад**» (Юсуф, 87).

«**Ва Ӯ он** [Худой] **аст, ки боронро-баъд аз он ки ноумед шуданд, фуруд меорад ва раҳмати худро пароканда месозад ва Ӯ Корсози Сутудакор аст**» (аш-Шӯро, 28).

«**Бигӯ: «Эй бандагони Ман, ки бар худ аз ҳад таҷовуз кардед , аз раҳмати Худо ноумед нашавед! Ҳароина, Худо ҳамаи гуноҳонро якҷо меомурзад; ба ростӣ, ки Ӯ ҳамоно Омурзгори Меҳрубон аст**» **(**аз-Зумар, 53**).**

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Бигзор ҳар яки шумо бо фикрҳои хуб, танҳо дар бораи Худо бимирад*».[365]

---

365 Муслим, Китобу Сифат-ил-Ҷаннат, 2877; Абӯ Довуд, , Китоб-ул-Ҷаноиз, 2389.

## НОШУКРИИ НЕЪМАТ КАРДАН

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва одамиро нисбат ба падару модари вай ҳукм фармудем**» (*Луқмон*, 14).

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

«*Касе ношукрии халқ мекунад, ношукрии Худо мекунад*»[366]

Баъзе олимони гузашта ношукриро гуноҳи кабира медонистанд. Шукр кардан - ин ба амал баровардани кори нек ва дуо мебошад.

---

366 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Адаб, 4811; Тирмизӣ, Китоб- ул-Бирр, 1955; Имом Аҳмад, Муснад, 2/258.

## НАДОДАНИ ОБ БА МАРДУМ ДАР ҲОЛАТИ ЗИЁД ДОШТАНИ ОН

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Бигӯ: «Оё мебинед, агар оби шумо** [ба замин] **фурӯ равад, пас, кӣ ба шумо оби равонро биёрад?**» (ал-Мулк, 30).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Ба мардум барои истифодаи чарогоҳ монеъ нашавед ва аз об додан даст накашед*»[367]

**«**Оби зиёдатиро нафурӯшед**»**[368]

«*Дар Рӯзи растохез Худованд раҳамат намекунад, он одамеро, ки ба мардум об ва алафи зиёдатии чарогоҳро намедиҳад*»[369]

---

367 Бухорӣ, Китоб- уш-Шурби ва-л-Мусоқа, 2354; Муслим, Китоб- ул-Мусоқа, 1566.

368 Бухорӣ, Китоб- уш-Шурби ва-л-Мусоқа, 2354; Муслим, Китоб- ул-Мусоқа, 1566.

369 Имом Аҳмад, Муснад, 2/179.

*«Се гурӯҳи одамонанд, ки Худованд дар Рӯзи қиёмат ба онҳо назар ва магфират намекунад. Ӯ барои онҳо азоби дардноке ваъда кардааст:*

1. *Касе оби зиёдатӣ дорад ва ба раҳгузарон намедиҳад;*

2. *Мардумоне, ки итоати имом(ҳоким)-ро танҳо барои мақсадҳои дунявии худ мекунанд; агар ин неъматҳоро ба даст оранд ба суханашон вафо мекунанд, агар не, аз суханони худ бозмегарданд;*

3. *Фурӯшандаи мол ё маҳсулот, ки харрандаро бо қасамҳои дурӯг маҷбур мекунад бовар кунад, ки онро ба ин ё он нарх харидааст.* »

Имом Бухорӣ боз ин ҳадисро меорад:

«Дар Рӯзи растохез Аллоҳ Таъоло ба марде, ки ба дигарон оби зиёдатиашро надодааст, мегӯяд:

«*Имрӯз Ман туро аз раҳматам маҳрум мегардонам, ҳамчуноне, ки ту ба дигарон он оберо, ки худи ту халқ накардаӣ, надодӣ* [370]»

370 Бухорӣ, Китоб- уш-Шурби ваа-л-Мусоқа, 2369; Муслим, Китоб- ул-Имон, 108.

## ТАМҒАЗАНӢ БА ЧОРВО

Ҷобир ﵁ шунидааст, ки Расулуллоҳ ﷺ аз назди маркабе мегузашт, дар афташ тамға дошт, гуфт:

«*Бигзор Худо лаънат фиристад ба касе, ки ба вай тамға гузошт*»[371]

Абӯ Довуд меорад, ки ӯ гуфт:

«*Ба шумо хабар расид, ки ман лаънат хондам касеро ки ба ҳайвон тамға гузошт*» ва кардани онро манъ намудам.[372]

Аз суханони Пайғамбар ﷺ : «*Ба шумо хабар расид, ки ман лаънат хондам…..*» мумкин аст хулоса кард, ки касе ин суханро нашунидааст гунаҳгор намешавад. Аммо аз он вақте инсон онро мешунавад масъулиятдор мешавад. Ин қоидаро мумкин аст қабул кард барои ҳамаи гуноҳони кабира, ки асосӣ ҳисоб намешаванд.

371 Муслим, Китоб- ул-Либос ва-з-Зиннат, 2116.
372 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Ҷиҳод, 2564.

## БОЗИИ ҚИМОР

Аллоҳ Таъоло гуфт:

«**Эй мӯъминон, ҷуз ин нест, ки хамр ва қимор ва нишонаҳои мӯъбадони ботил ва тирҳои фол палид ва аз кирдори Шайтон аст; пас аз вай дурӣ кунед, то бувад, ки растагор шавед!**

**Ҷуз ин нест, ки Шайтон мехоҳад ба сабаби хамру қимор дар байни шумо душманӣ ва нохушӣ биандозад ва шуморо аз ёди Худо ва аз намоз боздорад. Пас оё (алҳол) шумо бозистодаед?**» (ал-Моида, 90-91).

Аллоҳ Таъоло оят нозил кард дар бораи ҳаром будани ғасби моли бегона.[373]

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Бигзор, ҳар касе, ки ба рафиқаш мегӯяд: «Рафтем қиморбозӣ мекунем», садақа бидиҳад*»[374]

---

373 «Ва амволи хешро дар миёни хеш ба ноҳақ махӯред» (ал-Бақара, 188).
374 Бухорӣ, Китоб- ут-Тафсир, 4860; Муслим, Китоб- ул-Имон, 1647.

Агар танҳо барои ба забони гирифтани «бозии қимор» бояд садақа диҳӣ, пас фикри шумо дар бораи касоне, ки дар он бозӣ мекунад, чист? Бар зумми ин онҳо ба қатори одамоне дохил мешаванд, ки моли бегонаро аз худ мекунанд.

## ГУНОҲ КАРДАН ДАР МАСҶИДИ ҲАРОМ

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ҳамоно, онон, ки кофир шуданд ва аз роҳи Худо ва аз Масҷид-ул-Ҳаром, ки онро барои мардуми муқим ва саҳронишини он ҷо яксон пайдо кардем, бозмедоранд ва ҳар ки он ҷо ба ситамгирӣ каҷравӣ кардан хоҳад, ба ӯ азоби дарддиҳанда бичашонем**» (ал-Ҳаҷ, 25).

Ҳангоми гузаронидани ҳаҷҷи охирин Расули Худо ﷺ чунин гуфт:

«*Таваҷҷӯҳ кунед, муттақиёни Худо-намозгузорон. Муттақӣ(порсо) касест, ки намоз мегузорад, дар моҳи Рамазон рӯза мегирад, закот медиҳад, аз гуноҳҳои кабира, ки Худо ҳаром гардонидааст, парҳез мекунад*».

Яке аз ҳозирин пурсид:

«Эй, Расули Худо ! Гуноҳи кабира кадом аст?

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Онҳо нӯҳтоянд:*

1. *Ширк овардан ба Аллоҳ Таъоло ;*
2. *Куштани мӯъмин бе асос;*
3. *Сеҳру ҷоду;*
4. *Фирор аз майдони ҷанг;*
5. *Азхуд кардани моли ятим;*
6. *Судхӯрӣ;*
7. *Тӯҳмат бар зани покдоман;*
8. *Хор кардани падару модар;*
9. *Иҷозат додани хунрезӣ дар замини муқаддас;»*

Агар шахси намозгузору закотдиҳанда вафот кунад ва гуноҳҳои дар боло номбурдаро накарда бошад, дар ҷаннат дар паҳлӯи Пайғамбар, паси дарвозаи дорои табақаҳои тиллоӣ қарор дорад».[375]

*«Аз ҳама душмани сарсахти Худо касест, ки дар Масҷиди Ҳаром куштор кунад, ё касеро бағайри ҳақ бикушад, ё аз рӯи одати давраи ҷоҳилия кушад».*[376]

375 Ҳоким, Китоб- ул-Иомн, 1/59.
376 Имом Аҳмад, Муснад, 2/179, 187, 207.

## ДАСТ КАШИДАН АЗ НАМОЗИ БОҶАМОЪАТ ВА ГУЗОШТАНИ ОН ДАР ТАНҲОӢ

Ибни Масъуд ﷺ нақл мекунад:

Расули Худо ﷺ дар бораи гурӯҳи одамон, ки дар намози боҷамоат наомаданд, гуфт:

*«Ман хостам касеро ба ҷои худ имом кунам ва рафта хонаи касонеро, ки ба намози боҷамоъат наомадаанд, оташ занам».*[377]

Дар ҳадиси дигар Расулуллоҳ ﷺ мегӯяд:

*«Ё онҳо аз нарафтани намози боҷамоъат даст мекашанд, ё Худо ҳатман дили онҳоро муҳр мезанад ва онҳо бепарво мешаванд».*[378]

Пайғамбари Худо ﷺ гуфт:

*«Аллоҳ ба дили онон, ки се намози боҷамоъат бесабаб намераванд, тамға мезанад».*[379]

---

377 Абӯ Довуд, Китоб- ул-Ҷиҳод, 2564.
378 ан-Насоӣ, Китоб-ул-Ҷумъа, 3189.
379 Муслим, Китоб-ул-Масоҷид, 652.

Ҳафса ﵂ аз номи Пайғамбар ﷺ мегӯяд:

«*Марди ба балоғатрасида ҳатман бояд ба намози панҷвақта ҳозир шавад*».[380]

380 Муслим, Китоб-ул-Ҷумъа, 865.

## ТАҶАССУС БАР МУСУЛМОНОН ВА ОШКОР НАМУДАНИ СИРРИ ОНҲО

Дар як ҳадис гуфта мешавад, ки Умар ﵁ хост Хатиб ибни Абӯ Балтаро бикушад,[381] барои он ки вай ба мушрикон хабарҳо ирсол дошт. Лекин Расули Худо ﷺ ба ин монеъ шуд, чунки вай дар ҷанги Бадр иштирок карда буд.

Агар ҷосусии ягон шахс хасорате ба Исломy мусулмонон расонад-онҳо кушта шаванд, ба асорат афтанд, ё ғорат шаванд, амали ин шахс ба кори шахсоне, ки бесарусомонӣ меоранд, киштзорҳоро вайрон мекунанд ва одамонро мекушанд, баробар мешавад. Он вақт вай қотил маҳсуб мешавад ва сазовори ҷазо мегардад.

Ҳар касе мулоҳизакор аст, медонад, ки додани сирру асрор – гуноҳи калон аст. Махсусан, агар додани асрор бо мақсади ҷосусӣ бошад – ин боз ҳам гуноҳи азимтар аст. Ба Худои Таъоло паноҳ мебарем аз ин гуноҳи азим.

---

381 Бухорӣ, Китоб- ул-Мағозӣ, 4277; Муслим, Китобу Фазоил-ис-Саҳоба, 2494; Абӯ Довуд, Китоб-ул-Ҷиҳод,

## АЪМОЛЕ, КИ БА ГУНОҲҲОИ КАБИРА МАНСУБ ДОНИСТАН РАВОСТ

Расули Худо ﷺ гуфтааст:

«*Имон намеорад касе аз шумо, то нахоҳад ба бародари мусулмонаш, он чиро барои худ мехоҳад*».[382]

«*Имон намеорад касе аз шумо, то маро аз дӯстони худ, фарзанди худ, нафси худ ва ҳамаи дигар мардумон, бештар дӯст надорад*».[383]

«*Имон намеорад касе аз шумо, то тобеъ нагардонад хоҳишҳои худро, ба он чӣ ман ба худ овардаам*».[384]

«*Ба Худо қасам, мусулмон буда наметавонад касе, ки хамсоя аз шарри ӯ эмин набошад*».[385]

«*Бигзор, ҳар каси шумо, ки бадиеро мебинад, ислоҳ кунад. Агар бо қувва бартараф карда натавонад, бо сухан*

382 Бухорӣ, Китоб- ул-Имон, 13; Муслим, Китоб- ул-Имон, 45.
383 Бухорӣ, Китоб-ул-Имон, 15; Муслим, Китоб- ул-Имон, 44.
384 Дайламӣ, Мунод-ул-Фирдавс; Мунавӣ, Кунуз-ул-Ҳақоиқ ало Ҳомиш-ил-Ҷомиъ ис-Сағир, 2/171.
385 Муслим, Китоб-ул-Имон, 49.

*ва агар бо сухан натавонад, бо дилаш ба он норозӣ шавад. Ин гуна имон-имони аз ҳама заиф аст».*[386]

Муслим ҳадиси дигар меорад, дар бораи наслҳои ҷоҳил (наслҳое, ки гуфтанд он чиро, ки анҷом надоданд ва анҷом доданд, он чиро, ки ба онҳо амр нашудааст):

*«Ҳар касе ба онҳо ба дастони худ мубориза барад - ӯ мӯъмин аст. Ҳар касе ба онҳо бо забони худ мубориза барад - ӯ мӯъмин аст. Ҳар касе ба онҳо бо дилаш мубориза кунад - ӯ мӯъмин аст. Пастар аз ин ҳатто ба андозаи як арзан ҳам имон нест».*[387]

Дар ин ҷо бояд ба чунин лаҳза аҳамият дод.

Агар одам барои гуноҳ кардан дар дилаш муқовимат накунад ва барои бартараф кардани он кӯшиш накунад – ин аз набудани имон аст. Яке аз роҳҳои ҷиҳод бо дил, рағбати дур кардан ва ё ислоҳ кардани дурӯғ ё нодурустӣ ҳаст.

*«Зуд аст, бар сари шумо гурӯҳи ҳокимон таъин мешаванд. Шумо хоҳед донист, ки онҳо дар амал киҳоанд ва хоҳиш пайдо мекунед, ки аз онҳо рӯй гардонед. Наҷот меёбанд касоне, ки ба онҳо эътироз мекунанд. Аҳволи он касоне, ки онҳоро дастгирӣ мекунанд чӣ мешавад?......*

Пас пурсиданд:

- Эй, Расули Худо ! Мо метавонем бо онҳо ҷангем?

---

386 Муслим, Китоб-ул-Имон, 50.
387 Муслим, Китоб-ул-Имора, 1854.

Ӯ гуфт:

- *Не, то он вақте, ки онҳо бо шумо намоз мегузоранд*!»[388]

Расули Худо ﷺ аз бари ду қабр, ки аҳли онҳо дар азоб буданд, гузашта гуфт:

*«Ба дурустӣ, онҳо дар азобанд, вале на аз барои гуноҳи кабира. Яке аз онҳо худро аз пешоб нигоҳ надоштааст, дуюмин ғайбат мекардааст».*[389]

Дар ҳадисе, ки Ибни Умар ؓ аз Расули Худо ﷺ меорад, гуфта мешавад:

*«Инсоне, ки ба ғайри ҳақ байни ду тараф муҷодаларо мехезонад, ба ғазаби Худо гирифтор мешавад, аз он берун намешавад, то даме, ки аз ин кор даст накашад».*[390]

*«Қаллобу фиребгар – аҳли дӯзаханд».*[391]

*«Лаънати Худо бар шавҳари ҳалоликун(дар сеталоқа) ва шавҳари ҳалолишуда(шавҳари асосӣ)»*[392] [393]

---

388 Ҳоким, Мустадрак, Китоб-ул-Аҳком, 4/99.
389 Бухорӣ, Китоб-ул-Вуҷуд, 216.
390 Ҳоким, Мустадрак, Китоб-ул-Аҳком, 4/99.
391 Байҳақӣ, Шаъб-ул-Имон, ниг.ал-Ҷомиъ-ус-Сағир, 2/187.
392 Ҳоким, Мустадрак, Китоб-ут-Талоқ, 2/199.
393 Мулоҳизаи тарҷумон. Мувофиқи шариат баъди се маротиба талоқ додан зан наметавонад ба хонаи шавҳар баргардад. Ин танҳо он вақт муяссар мегардад, ки ӯ ба шахси дигар ба шавҳар барояд ва аз ӯ талоқ бигирад. Лекин ин кор ба мақсади баргардондани зан ба шавҳари пештарааш карда намешавад. «Муҳаллил» - ин мардест, ки ба зани сеталоқа издивоҷ мекунад, барои он ки, он зан тавонад ба назди шавҳари пештараи худ баргардад, яъне «шавҳари муваққатӣ»-и зан мегардад.

*«Аз мо нест, касе, ки зан ё ғуломи худро ба муқобили каси дигар мешуронад».*[394]

*«Ҳаё ва нигоҳ доштани забон – як қисми имон аст. Сухани бад ва дағалӣ - як қисми мунофиқӣ аст».*[395]

*«Ҳаё нишони имон аст. Мӯъмин ҷояш биҳишт аст. Сухани бад аз дағалӣ сар мезанад. Ҷои одами дағал дӯзах аст».*[396]

Муставрид ибни Шаддод мегӯяд:

*«Рӯзи қиёмат Аллоҳ Таъоло мардумеро, ки моли мусулмонро мехӯранд, оташ мехӯронад. Дар Рӯзи қиёмат Худованд барои касоне, ки бо роҳи зарар расондан ба мусулмонон, ба худ иззату икром касб мекунанд, дар дӯзах ҷои махсус омода мекунад. Рӯзи қиёмат Худованд ба касоне, ки либоси мусулмонро бе иҷозати ӯ мепӯшанд, аз оташ либос омода сохта, ба онҳо мепӯшонад».*[397]

*«Инсоне, ки бо бародари мусулмонаш як соли дароз гап намезанад, баробар ба он аст, ки гӯё хуни ӯро рехта бошад».*[398]

*«Одаме, ки барои ҷазо додани шахсе мусоидат мекунад, ки ҷазои сабуктаре, ғайри ҷазои Худои Таъоло муай-*

---

«Муҳаллалун лаҳу» - марде, ки мувофиқати худро барои даромадан ба никоҳи муваққати ба шахси дигар ба зани талоқшудааш медиҳад, то ки тавонад бори дуюм онро ба никоҳи худ дарорад.

394 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Адаб, 5170.
395 Ҳоким, Мустадрак, 1/52.
396 Ҳоким, Мустадрак, 1/52-53.
397 Ҳоким, Мустадрак, Китоб-ул-Атъима, 4/127.
398 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Ақзия, 3597; Аҳмад ибни Ҳанбал Муснад, 2/70.

*янкарда дода шавад, баробар бар он аст, ки ӯ Худоро надида бошад».*

«*Ба дурустӣ, агар инсон аҳамият надода суханеро ба забон гирад, ки ғазаби Худоро орад, ин гуна шахсро ба дӯзах суханаш мебарад*».[399]

Расули Худо ﷺ гуфтааст:

«*Ба дурустӣ, шахсе, ки чандон амали нек надорад ва умедвори мукофот нест, агар як сухане гӯяд Худовандро хуш ояд, мукофоти он то Рӯзи қиёмат навишта мешавад. Ҳамон шахс ба нохост як сухани куфр гӯяд ва ғазаби Худоро орад, то Рӯзи қиёмат дар ғазаби Ӯ мемонад*».[400]

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Барои мунофиқ се аломат аст:*

*- вақти гуфтор дурӯғ мегӯяд;*

*- ба ваъда хилоф мекунад;*

*- ба вай бовар кунед, хиёнат мекунад*».[401]

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

«**Ва аз онҳо касоне ҳастанд, ки бо Худо паймон бастаанд: «Агар аз фазли Худ моро бидиҳад, албатта, садақа диҳем ва аз некӯкорон бошем.**

**Пас, вақте ки онҳоро аз фазли худ бидод, ба он бахилӣ карданд ва рӯй бигардониданд.**

399 Бухорӣ, Китоб- ул-Риқоқ, 6478.
400 Тирмизӣ, Китоб-уз-Зуҳд, 2320.
401 Муттафиқун алайҳи.

**Пас, Худо то рӯзе, ки бо вай мулоқот кунанд нифоқро дар дилашон ҷой кард, ба сабаби он ки бо Худо дар он чи бо Вай ваъда карда буданд, хилоф карданд ва ба сабаби он ки дурӯғ мегуфтанд»** **(**ал-Тавба, 75-77)**.**

Зайд ибни Арқама ﷺ меорад:

«*Касе, ки мӯйлабашро кӯтоҳ намекунад, аз мо нест*».[402]

Ибин Умар ﷺ мегӯяд:

«*Ба мушрикон шабеҳ нашавед: риш монед ва мӯйлабҳоро ба қайчи кӯтоҳ кунед*».[403]

Абӯ Аюб-ил-Ансорӣ ﷺ аз Расулуллоҳ ﷺ ривоят мекунад:

«*Касе, ки муносибати модару кудакро вайрон мекунад, Худованд муносибати ӯ ва дӯстдоштаашро вайрон мекунад*»[404]

Анас ибни Молик ﷺ нақл мекунад:

«*Худованд биҳиштро ҳаром гардоанд бар касе, ки аз додани мерос ба ворис саркаши мекунад*».[405]

Расули Худо ﷺ гуфт:

402 Тирмизӣ, Китоб- ул-Адаб, 2762.
403 Бухорӣ, Китоб-ул-Либос, 5892; Муслим, 259.
404 Тирмизӣ, Китоб- ул-Буюъ, 1283.
405 Ибни Моҷа, Китоб- -ул-Васия, 2704.

*«Ба дурустӣ, одам  метавонад шаст соли ҳаёташро дар ибодати Худои Таъоло гузаронад, лекин васияташро чунон нависад, ки муҷиби даромадани ӯ ба дӯзах гардад».*

Пас, Абӯ Ҳурарйра ﵁ ояти зеринро хонд:

«**Ва нимаи он чи занонатон бигзоштаанд – агар онҳо фарзанде надошта бошанд –аз они шумо аст; ва агар онҳоро фарзанде бошад, пас, чаҳоряки ҳиссаи он чи бигзоштаанд, барои шумост – баъди адои васияте, ки ба он фармуда бошанд, ё баъди адои қарз; ва чаҳоряки он чи шумо бигзоштед, занонрост, агар шумо фарзанде надошта бошед; ва агар шумо фарзанде дошта бошед, пас ҳаштяки он чи шумо бигзоштед, барои занон аст – баъд аз адои васияте, ки ба он фармуда бошед, ё адои қарз. Ва агар мард(-и мурда), ки аз вай мерос мебаранд, ё зан(-и мурда) калола бошад ва ӯро бародаре ё хоҳаре бувад, пас, шашяк аз они ҳар як аз онҳо аст; ва агар зиёда аз ин бошанд, пас, онҳо дар сеяк бо ҳам шариканд – баъди адои васияте, ки ба он фармуда шуд, ё баъди адои қарз, на васияте, ки зараррасонанда бошад. Ин ҳукм аз ҷониби Худо аст. Ва Худо Донои Бузург аст**» (ан-Нисо, 12).[406]

Амр ибни Хориҷа ﵁ меорад:

«Расули Худо ﷺ дар ҳоле дар болои уштур нишаста буд, ба мардум рӯй оварду гуфт:

406 Абӯ Довуд, , Китоб- ул-Васият, 2867; Тирмизӣ, Китоб- ул-Васият, 2118.

*«Ба дурустӣ, Аллоҳ Таъоло ба ҳар кадом ҳуқуқҳои муайяне додааст. Ба ворис ҳуқуқи муҳокима кардани васият дода нашудааст»*[407]

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Ба дурустӣ, Худои Таъоло бад мебинад касонеро, ки сухани бад мегӯянд ва дағалонро»*.[408]

Расулуллоҳ ﷺ гуфт:

*«Ба дурустӣ, дар Рӯзи қиёмат яке аз ҳолатҳои бад ба сари касе меояд, ки бо ҳамсари худ наздикӣ кунад ва сирри ӯро ба берун барад»*.[409]

Абӯ Ҳурайра ؓ нақл мекунад:

*«Лаънатшуда касест, ки ба зани худ аз қафо наздикӣ мекунад»*.[410]

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

*«Аллоҳ Таъоло назар намекунад бар касе, ки ба шаҳвати ғайри ахлоқӣ машғул мешавад»*.[411]

Пайғамбари худо ﷺ гуфт:

*«Гунаҳгор мешавад шахсе, ки бо зани худ наздикӣ кунад дар вақти ҳайзаш, ё ба шаҳвати ғайри ахлоқӣ машғул шавад, ё ба сухани ғайбгӯ розӣ шавад»*.[412] Ҳадиси ҳасан-саҳеҳ.

---

407 Тирмизӣ, Китоб- ул-Васият, 2122.
408 Шарҳ дар гуноҳи №50 буд.
409 Муслим, Китоб- ун-Никоҳ, 1457.
410 Аҳмад ибни Ҳанбал, Муснад; Абӯ Довуд, 2163.
411 Тирмизӣ, Китоб- ул-Ридо, 1176.
412 Тирмизӣ, Китоб- ут-Таҳорат, 135; Ибни Моҷа, Китоб- ут-Таҳорат, 239.

*«Агар ту бо санги начандон калон ба чашми касе, ки аз тирезаи ту ногиҳ мекунад, бизанӣ гунаҳгор намешавӣ»*[413]

Ибни Аббос ривоят мекунад:

*«Аз ҳудуди шариат берун наравед. Касоне, ки то шумо берун рафтанд, ҳалок шуданд».*[414]

Аллоҳ Таъоло мефармояд:

«**Бигӯ: «Эй, аҳли Китоб, ба ноҳақ дар дини худ аз ҳад магузаред ва хоҳиши нафси қавмеро пайравӣ макунед, ки пеш аз ин гумроҳ шуданд ва (мардуми) бисёреро гумроҳ карданд ва аз роҳи рост каҷравӣ карданд!»** (ал-Моида, 77).

Ибни Умар ﷺ нақл мекунад:

*«Худованд қасами касеро қабул мекунад, ки ба номи Ӯ қасам ёд кунад. Касе чунин қасам ёд намекунад, зидди хоҳиши Худованд амал мекунад».*[415]

Абӯ Бакр ﷺ нақл мекунад:

*«Ба биҳишт ворид намешавад: фиребгар, шахси норизо ба он чи дорад, хасис».*[416]

*«Барои гунаҳгор шудан кифоя аст, ки ҳамаи он чиро шунидаӣ нақл кунӣ».*[417]

Аллоҳ Таъоло мегӯяд:

413 Бухорӣ, Китоб- уд-Диёт, 6902; Муслим, Китоб- ул-Адаб, 2158.
414 Муслим, Китоб- ул-Адаб, 2158.
415 ан-Насоӣ, Китоб- ул-Ҳаҷ, 5/268.
416 Ибни Моҷа.
417 Тирмизӣ.

**«Ононеро, ки бухл мекунанд ва мардумро ба бухл мефармоянд. Ва ҳар ки рӯгардон шавад, [бидонад, ки] Худо ҳамоно Бениёзи Сутуда аст»** (ал-Ҳадид, 24).

**«Огоҳ шавед, шумо эй, касоне, ки хонда мешавед, то дар роҳи Худо харҷ кунед! Пас, аз шумо касе ҳаст, ки бухл мекунад. Ва ҳар ки бухл кунад, ҷуз ин нест, ки аз хеш бухл мекунад. Ва Худо Тавонгар аст ва шумо мӯҳтоҷед. Ва агар рӯйгардон шавед, гурӯҳи дигарро ғайри шумо бадал меорад: пас(он гурӯҳ) монанди шумо набошанд»** (Муҳаммад, 38).

**«Ва аммо ҳар ки бухл карду худро бениёз шумурд; ва** [сухани] **некӯро дурӯғ шумурд, пас, барои ӯ расидан ба (сарои) душвориро осон кунем. Ва вақте нагунсор афтад, моли ӯ ҳеҷ** [азобро] **аз вай дафъ накунад»** (ал-лайл, 8-11).

**«Ва аммо он кас, ки Нома(-и аъмол)-аш ба дасти чапаш дода шавад, гӯяд: «Эй кош, Нома(-и аъмол)-ам ба ман дода намешуд! Ва намедонистам, ки ҳисоби ман чист, эй кош, марг охиркунандаи кор мебуд! Моли ман маро ҳеҷ нафъ накард. Подшоҳи ман аз ман нобуд шуд»** (ал-Ҳоққа, 25-29).

**«Ва аҳли Аъроф мардонеро, ки онҳоро ба қиёфаашон мешиносанд, нидо карданду гӯянд: «Ҷамъияти шумо ва он, ки саркашӣ мекурадед, аз шумо** [азобро] **дафъ накард»** (ал-Аъроф, 48)

**«Ва низ аз они касоне аст, ки пеш аз муҳоҷирон ба Дор(-ул-Ислом) ҷой гирифтанд ва дар имон ҷой**

**пайдо карданд, ҳар киро , ки ба сӯяшон ҳиҷрат мекунад, дӯст медоранд ва аз ончи ба муҳоҷирон дода шавад, дар хотири худ ҳасаде намеёбанд ва дигаронро бар хештан муқаддам медоранд, агарчи худ эҳтиёҷ дошта бошанд. Ва ҳамонҳое, ки аз ҳирси нафси худашон нигоҳ дошта шуданд, растагоронанд**» (ал-Ҳашр, 9).

Расули Худо ﷺ гуфт:

«*Аз зулм барҳазар бошед, ба дурустӣ, вай дар Рӯзи қиёматба ба зулмот мубаддал мегардад. Аз ҳирс эҳтиёт бошед. Вай гузаштагони шуморо маҳв кард, вай ҳаромро ҳалол шуморид ва сабаи хунрезӣ гашт*».

«*Чӣ метавонад даҳшатноктар аз ҳирс бошад?*».[418]

«*Се чизанд, ки сабаи ҳалокат мегарданд:*

- *ҳирси беҳуда;*
- *аз паи хоҳишҳои разилонаи худ рафтан;*
- *аз паи ақидаҳои худ рафта, ҳақиқатро надидан*».[419]

Дар яке аз ҳадисҳои саҳеҳ Имом Тирмизӣ меорад, ки Расулуллоҳ ﷺ лаънат кард, шахсеро, ки диққати одамони атрофро ба худ ҷалб мекунад.[420]

Абӯ Ҳурайра ﷺ нақл мекунад:

418 Бухорӣ, Китоб- ул-Ҳумус, 3137; Китоб- ул-Мағози, 4383.
419 Мунзири, Тарғиб ва тарҳиб, 1/540.
420 Тирмизӣ, Китоб-ул-Адаб, 2754.

*«Барҳазар бошед аз ҳасад, ҳароина он некиҳоро мехӯрад, ҳамчунон, ки оташ ҳезумро».*[421]

*«Агар кадоме аз шумо дар пеш садде монда намоз мегузаорад ва каси дигар кӯшиши аз пеши он гузаштан мекунад, дастро дароз карда ба он монеъ шавад. Агар он итоат накунад, ӯро задан мумкин аст. Барои он, ки ин корро танҳо Шайтон мекунад».*[422]

Муслим чунин ҳадис дорад:

*«Ӯро бизан, агар итоат накунад, чунки дар паҳлӯи вай Шайтон аст».*[423]

Абӯ Ҳурайра ﵁ ривоят мекунад:

*«Қасам ба номи Он, ки ҷони ман дар кафи Ӯст, касе намедарояд ба ҷаннат, магар ӯ имон оварад. Шумо имондор шуда наметавонед, то ҳамдигарро дӯст надоред. Мехоҳед ман ба шумо нишон диҳам, ки чӣ бояд кард то якдигарро дӯст доред? Саломро миёни худ интишор диҳед».*[424]

---

421 Абӯ Довуд, Китоб-ул-Адаб, 4903.
422 Муслим, Китоб- ус-Салоҳ, 505.
423 Муслим, Китоб-ул-Имон, 5193; Тирмизӣ, Китоб-ул-Истиҳзон, 2689.
424 Муслим, Китоб- ул-Имон, 54; Абӯ Довуд, Китоб- ул-Адаб, 5193; Тирмизӣ, Китоб-ул-Истиҳзон, 2689.

## КИТОБҲО

1. Намунаи беҳтарин-1, 2, 3
2. Тасаввуф
3. Дар қуллаи тамаддун
4. Таърихи пайғамбарон-1,2,3,4,5
5. Нафаси охирин
6. Моҳномаи мусулмон 2009
7. Ҳаёти заминӣ ва неъматҳои он
8. Таърих аз Қуръон
9. 40 ҳадис дар ривоят
10. Қадамҳои аввалини ман
11. Таълимоти Ислом
12. Асоси илмҳои исломӣ
13. 52 хутбаи ҷумъа
14. Тибби Пайғамбар ﷺ
15. Ислом Имон Ибодат

16. Муҳаммад Мустафо ﷺ
17. Педагогикаи оила
18. Зан дар Ислом
19. Ривоятҳо аз забони пайғамбари мо
20. Занҳои Пайғамбар ﷺ
21. Хондани Қуръонро меомӯзам
22. Дуо ва сураҳо
23. Вақф хайрот хизмат
24. Суҳбат бо устоди рӯҳонӣ
25. Ахлоқи мусулмон
26. 40 ҳадиси муқаддас
27. Таҳорат ва намозро меомӯзам
28. Растаниҳо аз боғи Қуръони муқаддас
29. Тасаввуф ва тариқат
30. Ҳаёти ҳаррӯзаи пайғамбар Муҳаммад ﷺ
31. Ислом
32. Рамазон ва рӯза
33. Қурбонӣ
34. Пайравии Шайтон
35. Истибро

Китобҳо ва маҷаллаи мо «Чашмаи Тиллоӣ» - ро, шумо метавонед бо роҳи муроҷиат ба офис(идора), намояндагиҳои маҳаллӣ ва дар маѓозаҳои фурӯши адабиётҳои исломӣ дастрас кунед.

Шумо метавонед онҳоро бо роҳи пардохти маблағҳо тариќи алоқаи телефонӣ, ирсоли SMS ё тавассути Интернет, фармоиш намоед.

# 76

# ГУНОҲИ КАБИРА

Аллоҳ Таъоло касонеро биҳишт ваъда кардааст, ки аз гуноҳҳои кабира канорачӯӣ кунанд: «Агар шумо аз гуноҳони кабира, ки аз он Наҳй карда шудаед, канора ҷӯед, аз шумо гуноҳони сағираатонро нобуд месозем ва шуморо ба маҳалли гиромӣ дармеорем» (ан-Нисо, 31).

«Ва (барои) онон, ки аз гуноҳони кабира ва беҳаёиҳо парҳез мекунанд; ва чун онҳо ба хашм меоянд, меомурзанд» (аш-Шӯро, 37).

Пайғамбар ﷺ мегӯяд:

«Аз ҳафт гуноҳи марговар бипарҳезед: ширк, сеҳру ҷоду, куштор, хиёнат ба моли ятим, судхӯрӣ, фирор аз майдони ҷанг, тӯҳмат бар зани покдоман».

Гурӯҳи нашриёти «САД»